**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А. ДОНИШ**

Ба ҳукми дастхат

**Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна**

# ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ДАР СОЛҲОИ 1991-2016

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

Ихтисос: 07.00.02- Таърихи ватанӣ

**Роҳбари илмӣ**:
номзади илмҳои таърих,
дотсент Ғафуров А. М.

Душанбе- 2019

**МУҚАДДИМА**

**Боби I. ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГӢ ВА МАЪРИФАТИИ ВМКБ.........................................................................**

1. Хусусиятҳои хоси ҳаёти фаҳангии ВМКБ .......................................................

2.Фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ..............

3. Инкишофи соҳаи варзиш дар ВМКБ ..........................................................

4. Рушди соҳаи сайёҳӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.................

**Боби II. РУШДИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ВИЛОЯТ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ.........................................................................**

1.Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ ...................................

2.Таҷрибаи таърихии тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои хоҷагии халқи ВМКБ..........................................................................................

3.Таҳсили ҷавонони ВМКБ дар муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ дар шароити густариши иқтисоди бозаргонӣ..........................................................

4. Нақши муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ВМКБ ва саҳми онҳо дар инкишофи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................

ХУЛОСА..........................................................................................................

Руйхати сарчашма ва адабиёт...........................................................................

# Муқаддима

**Аҳамияти омӯзиши мавзӯъ.** Халқи тоҷик дорои фарҳанги кӯҳан ва арзишҳои бузурги моддиву маънавӣ мебошад. Дар тули ҳазорсолаҳо аҷдодони тоҷикон дар ғанӣ гардонидани фарҳанги ҷаҳон саҳми арзандае гузоштаанд. Дар қатори ашхоси намоёни илму маърифат, санъат ва ҳунар, даҳҳо нафар намояндагони минтақаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро метавон ном бурд. Давраи нави инкишофи ҳаёти фарҳангии Бадахшон маҳз аз замони ноил гардидан ба истиқлолияти давлатӣ оғоз мегардад. Дар ин давра, имкониятҳои васеъ бобати рушди фарҳанги Бадахшон фароҳам омад.

Дар замони ҷаҳонишавї дифои арзишҳои миллӣ, яке аз вазифаҳои муҳими Ҳукумати Тоҷикистон қарор гирифтааст. Ин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, соҳаи фарҳангро яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат данистa, барои пешрафти он тамоми тадбирҳои заруриро пиёда намуд. Ба ин нуқта Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин менигорад: “Рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа ва умуман ояндаи кишвар аз вазъи соҳаи маориф вобаста аст”. Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон илму маорифро ҳамчун захираҳои стратегии пешрафти кишвар арзёбӣ мекунад ва барои маърифатнокии аҳолии мамлакат ва тадриҷан беҳтар намудани аҳволи иҷтимоии кормандони соҳаи илму маориф мунтазам тадбирҳои зарурӣ меандешад”[1]. Ин ақидаро тақвият дода, Пешвои миллат иброз намуданд, ки “Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз қаъри асрҳо то имрӯз симои миллии худро пеш аз ҳама тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст, забони миллии худро ҳифз кардаву густариш додааст ва дар байни халқу миллатҳои дигар соҳиби нуфузу эътибор гаштааст”[2].

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 16 апрели соли 2005 // Паём ва рисолати созандаи он. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С.140-141.

[2] Паём дар Ҷаласаи якуми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 27 апрели соли 2000 // Ҷумҳурият. – 2000. – 29 апрел.

Баробари ин бояд зикр кард, ки Ҳукумати кишвар қолабҳои замони пешинро шикаста, барои пешрафти ҳаёти фарҳангии ВМКБ, аз ҷумла, инкишофи инфрасохтори иқтисодӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисоси дорои маълумоти олӣ ва касбии махсус, тандурустӣ, тарбияи томактабии кӯдакон, рушди макотиби миёна, инкишофи соҳаҳои санъат, шаҳрсозӣ, меъморӣ ва ғайра иқдомҳои наҷиберо ба сомон расонидааст, ки то кунун дар илми таърих перомуни ин масоил тадқиқоти мушаххас сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, таҳлили илмии раванди таърихии рушди ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тадқиқи илмии амиқро талаб менамояд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ**. Дар омӯзиши таърихи фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар замони шӯравӣ нақши профессор М.Н. Назаршоев хеле бузург аст. Муаллиф дар монографияҳои худ[3] перомуни ғалабаи Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бадахшон, ташкили коллективҳои хоҷагии деҳот, пайдоиши саноат, нақши ташкилотҳои ҳизбӣ дар пиёда намудани инқилоби фарҳангӣ дар Бадахшон тадқиқот бурдааст.

Дар тадқиқоти дигари М. Н. Назаршоев ба таври муфассал вазъи фарҳанги ВМКБ дар замони шӯравӣ баррасӣ гардидааст[4]. Дараҷаи маърифатӣ ва касбии омӯзгорони вилоят дар макотиби олии Тоҷикистон дар солҳои 1961-1985 ва нақши зиёиён дар ҳаёти ҷомеа дар тадқиқоти дигари М. Назаршоев ба таври нисбатан васеътар таҳлил шудааст[5].

Т. В. Каширина ва Д. Давлатёров. дар мақолаи худ масъалаи пайдоиш ва инкишофи низоми маорифи ВМКБ дар замони шӯравиро[6] баррасӣ намудаанд.

Дар китоби «Таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон солҳои 1917-1977”[7] ба таври муфассал таърихи нимасраи сохтмони маданӣ дар ҷумҳурӣ,

---

[3]Назаршоев, М. Партийная организация Памира в борьбе за социализм и коммунизм. (1918-1968гг.) / М. Назаршоев. – Душанбе: Ирфон, 1970; Назаршоев, М. Н. Исторический опыт КПСС по руководству социалистическим строительством в Горно-Бадахшанской автономной области Таджикской ССР (1917-1941гг.) / М. Н. Назаршоев. – Душанбе: Дониш, 1982. – 292 с.

[4]Назаршоев, М.Н., Назаршоев, Н.М. Сохтмони маданӣ дар Бадахшони Советӣ / М. Н. Назаршоев, Н. М. Назаршоев. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 152 с.

[5] Назаршоев, Н. М. Интеллигенция Таджикистана в 1961-1985 гг / Н.М. Назаршоев. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.93.

аз пайдоиши нахустин марказҳои фарҳангӣ, бунёди мактабҳо, муассисаҳои илмӣ, аз пайдоиши фарҳанги шӯравӣ то гулгулшукуфии он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Перомуни инкишофи фарҳанги ВМКБ дар замони шӯравӣ, С. Тошхуҷаев,[8] М. Шерғозиев,[9] Ш. М. Султонов,[10] М. Назаров[11], Н. М. Назаршоев[12] ва дигарон[13] таҳқиқот намудаанд. Онҳо дар асоси маводи зиёди бойгонӣ масъалаи барҳам додани коҳишёбии иқтисодӣ, пайдоиш ва густариши ҳаёти фарҳангии Бадахшонро дар замони шӯравӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Таърихи маорифи Бадахшон дар китобҳои А. Я. Вишневский, М. Н. Назаршоев,[14] ва Д. Давлатёров[15] дида мешавад.

Таърихи мусиқии мардуми Бадахшон дар китобҳои Ф. Кароматов, Н. Нурҷонов, Б. Т. Кобилова,[16] С. Х. Акрамова[17] ва дигарон[18] то андозае тадқиқ шудааст. Инкишофи маориф ва илм дар Бадахшон ба замони шӯравӣ зич алоқаманд буда, дар ин бора хотираҳои М. Аллахвердов, А. Дьяков, Ф.

---

[6]Каширина, Т. В., Давлатёров, Д. Культурное строительство в Горно-Бадахшанской автономной области / Т. В. Каширина, Д. Давлатёров // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С.258.

[7]История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977гг.) / Отв. ред. П. М. Марсаков. – Душанбе: Дониш, 1983. – Т.2. – 472 с.

[8]Тошхучаев, С. Партийная организация ГБАО в борьбе за развитие культурного строительство в 1929-1941 гг / С. Тошхучаев. – Душанбе, 1967. – 216 с.

[9]Шергозиев, М. Борьба Коммунистической партии за ликвидацию экономической и культурной осталости Советского Памира (1920-1940гг) / М. Шергозиев. – Душанбе, 1966. – 294 с.

[10]Султанов, Ш. М. Партийное руководство культурным строительством в условиях развитого социализма / Ш. М. Султанов. – Душанбе, 1976. – 150 с.

[11]Назаров, М. Санъати халқи тоҷик / М. Назаров. – Душанбе, 1961. – 292 с.

[12]Назаршоев, Н. М. Интеллигенция Таджикистана в 1961-1985 гг. / Н. М. Назаршоев. – Душанбе: Дониш, 1989. – 238 с.

[13]Из истории культурного строительство в Таджикистан / под общ. ред. З. Ш. Раджабова. – Душанбе: Ирфон, 1966. – Т.2. – 670 с.; История таджикского народа. – Душанбе, 2011. – Том VI.

[14]Вишневский, А. Я., Назаршоев, М. Н. История образования и идейно-организационного укрепления Горно-Бадахшанской областной партийной организации / А. Я. Вишневский, М. Н. Назаршоев // Очерки по истории Советского Бадахшан. – Душанбе, 1985. – С.123-168.

[15]Давлатёров, Д. Развитие народного образования на Памире в годы завершения строительства социализма (1946-1959 гг.) / Д. Давлатёров // Таджикистан в братской семье народов СССР. – Душанбе, 1976. – С.137; Он же: Из истории подготовки педагогических кадров ГБАО в годы завершения строительства социализма (1946-1958гг.) // Изв. АН Тадж. ССР. Отд. общ. наук. – 1976. – №1. – С.6.

[16]Кароматов, Ф., Нурджанов, Н. Музыкальное искусство Памира / Ф. Кароматов, Н. Нурджанов. – М.: Советский композитор, 1978. – Т.1. – 180 с.; - 1984. – Т.2. – 291 с.; Нуржанов, Н., Кобилова, Б. Т. Музыкальное искусство Памира / Н. Нуржанов, Б. Кобилова. – Бишкек, 2010. – Т.3.; Бишкек, 2014. – Т.4.; Бишкек, 2015. – Т.5.

[17]Акрамова, С. Х. История изучения музыкальной культуры Таджикистана (1946-2015гг.): Автореф. дисс... док. истор. наук / Акрамова Санавбар Хайруллоевна. – Душанбе, 2018. – 60 с.

[18]Музыкальная жизнь Советского Таджикистана (1919-1945 гг.). – Душанбе, 1974. – Вып.1. – 100 с; Раджабов, А. Музыкально-теоретическая мысль таджиков в период Шейбанидов XVI-XVII вв. / А. Раджабов // Очерки истории и теории культуры таджикского народа в XVI-XVII вв. – С.71-74.

Митрофанов, И. Крылов[19] далолат мекунанд. Кори Ю. Ш. Саидасанов[20] бошад, ба корнамоиҳои бадахшониён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) аз ҷумла, душвориҳои ҳаёти фарҳангии вилоят дар солҳои ҷанг бахшида шудааст. Тадқиқоти З. В. Абдураҳмонов[21] таърихи ташакуллёбии системаи алоқаи вилоятро дар бар мегирад. Перомуни пайдоиши аввалин театру мактабҳои шӯравӣ дар ВМКБ тадқиқоти А. Ким[22], М. Назаров,[23] Н. Х. Нурҷонов[24] наќл мекунанд.

Дар замони соҳибистиқлоли мамлакат низ перомуни омӯзиши таърихи ВМКБ якчанд рисолаҳо таълиф гардиданд. Масалан, тадқиқоти З.М. Бахромов[25] ба омӯзиши ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ВМКБ бахшида шудааст.

Проблемаи гендерӣ ва њаёти занони Бадахшон аз ҷониби М. Зикриёева[26] Н. Хуҷасаидова,[27] Н. Туйчиева,[28] Ш. Шоҳнаврузов[29] омӯхта шудааст.

Вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият аз ҷониби Н.Б. Њотамов, Ф. Саидов ва К. Раҳматов[30] мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст.

---

[19]**Муф. дар ин бора ниг.:** Бойгонии комитети вилоятии ПК Тоҷикистон Ф.2, О. 14, Ед.Хр.111-202 с. Воспоминание участников гражданской войны и восстановление Советской влати на Памире.
[20]Саидасанов, Ю. Ш. ГБАО в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.): Автореф. дисс... канд. истор. наук / Саидасанов Юсуф Шанавалшоевич. – Душанбе, 2011. – 24 с.
[21]Абдурахмонов, З. В. История формирования и развития системы связи в ГБАО Республики Таджикистан (20-е годы XX-начало XXI вв): Автореф. дисс... канд. истор. наук / Абдурахмонов Зевар Вафоназарович. – Душанбе, 2013. – 24 с.
[22]Ким, А. Из истории культурно строительство в Таджикистане / А. Ким. – Душанбе, 1972. – С.47-48.
[23]Назаров, М. Санъати халқи тоҷик / М. Назаров. – Душанбе, 1961. – 292 с.
[24]Нурджанов, Н. Х. Таджикский театр / Н. Х. Нурджанов. – М., 1988. – С.91.
[25]Бахромов, З. М. Социально – экономическая и культурная жизнь ГБАО Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2008 гг.): Автореф. дисс... канд. истор. наук / Бахромов Зафаршо Маджнунович. – Душанбе, 2009. – 24 с.
[26]Зикриеева, М. Историография проблемы женщин Таджикистана / М. Зикриеева. – Душанбе: Ирфон, 2000. – С.234.
[27]Худжасаидова, Н. Вклад женщин ГБАО в развитие науки и образования Республики Таджикистан: Автореф. дисс... канд. истор. наук / Низорахоним Худжасаидова. – Душанбе, 2007. – 24 с.
[28]Туйчиева, С. Н. История развития гендерных отношений в культуре Памира: Дисс... канд. истор. наук /Туйчиева Сурайё Нозиржановна. – Душанбе, 2011. – 197 с.
[29]Шоҳнаврузов, Ш. Ситораҳои Бадахшон / Ш. Шоҳнаврузов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 80 с.
[30]Њотамов, Н.Б. Социально-экономические преорозования Республики Таджикистан в период сувенитета (1991-2006) / Н. Б. Њотамов. – Душанбе, 2008.; Саидов, Ф., Рахматова, К. и др. Анализ социально – экономического положения Республики Таджикистан за годы независимости / Ф. Саидов, К. Рахматова // Таджикистан и современный мир. – Душанбе. – 2006. – №2 (11). – С.97-108.

Саҳифаҳои нави таърихи маориф, илм ва фарҳанги мардуми Бадахшон дар китоби Н. М. Додхудоева,[31] Ш. Хаников,[32] К. Парпишоев,[33] Г. Сафарқулова,[34] «Шуғнон»,[35] ва «Таърихи Рушон»[36] дарҷ гардидааст. Асарҳои С. А. Ғуломшоев[37] ва А. М. Самиев[38] ба омӯзиши таърихи фаъолияти китобхонаҳои Бадахшон бахшида шудаанд.

Ҳамин тавр, чи гунае, ки аз таҳлили адабиёти фавқ бармеояд, гарчанде паҳлуҳои алоҳидаи ҳаёти фарҳангии ВМКБ дар солҳои 1991-2016 аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон омӯхта шуда бошад ҳам, вале то кунун дар илми таърих перомуни ин мавзӯъ таҳқиқоти мушаххас сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ин мавзӯъ аҳамияти зиёди илмӣ дорад.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маҷмӯи таърихнигорӣ ва инъикоси таърихи рушду нумуи фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар тӯли солҳои истиқлололият аз ҷониби муаррихон ва санъатшиносони ватанӣ ва хориҷӣ амалӣ гардидааст, ба ҳисоб меравад. Дар асоси сарчашмаҳои бойгонӣ, оморӣ, маводи васоити ахбори омма, хотираҳои ходимони фарҳанг, таҳлили илмии раванди таҳавуллоти таърихии ҳаёти меҳнаткашони ВМКБ пешниҳод мешавад.

Бо дарназардошти мақсади тадқиқот вазифаҳои зерини илмӣ дар раванди таълифи рисола ба назар гирифта шудааст:

- тадқиқи раванди хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангии ВМКБ

---

[31]Додхудоева, Н. М. Народное образование в ГБАО Республики Таджикистан (1924-1995гг.): Дисс… канд. педагог. наук / Додхудоева Назира Муборакшоевна. – Душанбе, 1997. – 23 с.

[32]Хоников, Ш. Теоретическая обоснованность и практическая эффективность мотивационного менеджмента в деятельности современной школы: Автор. дисс... канд. педаг. наук / Ш. Хоников. – Душанбе, 2006. – 24 с.

[33]Парпишоев, К. Формирование познавательных способностей у старшекласников на уроках история таджикского народа: Дисс… канд. педагог. наук / К. Парпишоев. – Душанбе: НИИ Академия образования РТ, 2010. – 162 с.

[34]Сафаркулова, Г. История становления и развития образования, науки и культуры ГБАО: Автореф. дисс… канд. истор. наук / Г. Сафаркулова. – Душанбе, 2016. – 24 с.

[35]Шуғнон / Таҳти назари акад. М. Илолов ва ғ. – Душанбе: Ирфон. – 704 с.

[36]Бахтиёров, М. Таърихи Рушон / М. Бахтиёров. – Душанбе: Илм, 2013. – С.416.

[37]Гуломшоев, С. А. История библиотечного дела на Памире / С. А. Гуломшоев. – Душанбе: Кайхон, 2009. – 218 с.

[38]Самиев, А. М. Географические исследования Памира в конце XIX - первой половине XX вв. и их значение для развития науки и экономики современного Таджикистана: Автореф. дисс… канд. географ. наук // Самиев Амруддин Мухамадиевич. – Душанбе, 2010. – 24 с.

- таҳлил ва омӯзиши фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ;

- тадқиқи инкишофи соҳаи варзиш дар ВМКБ;

- таҳлили вазъи кунунї ва дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ дар ВМКБ.

- тадқиқи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ

- омӯзиши таҷрибаи таърихии тайёр намудани мутахассисиони баландихтисос барои хоҷагии халқи ВМКБ;

- омӯзиши таҳсили ҷавонони ВМКБ дар муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ дар шароити густариши иқтисоди бозаргонӣ

- нишон додани саҳми муассисаҳои тадқиқотии ВМКБ дар инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Объекти тадқиқотӣ** диссертатсионӣ мадорики бойгонӣ, адабиёти таърихӣ, монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳо ва маҷмӯаҳое, ки ба омӯзиши ҳаёти фарҳангии мардуми Бадахшон дар замони истиқлолият бахшида шудаанд, маҳсуб меёбанд.

**Предмети тадқиқот** муайян намудани дараҷаи таҳқиқи таърихи омӯзиши ҳаёти фарҳангии ВМКБ ба ҳисоб меравад.

**Доираи тадқиқот**. Диссертатсия ба омӯзиши ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

**Асоси назариявӣ – методологии тадқиқот.** Дар дисертатсия муаллиф усулҳои илмии омӯзиши таърихнигорӣ ва таърихияти мавзӯъро, ки ба даврабандии омӯзиши ҳаёти фарҳангии ВМКБ, муоинаи марҳилаҳои асосӣ, ки ба рушди фарҳанги кишвар мусоидат намудаанд, баррасӣ намудааст. Ба сифати асоси методологии тадқиқот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо усулҳои таърихияти илмӣ, аз қабили муқоисавӣ-таърихӣ, масъалагузорӣ-солномавӣ, таърихӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Инак, усули муқоисавӣ-таърихӣ ҷиҳати муайян намудани таносуби хусусиятҳои рушди фарҳанги ВМКБ бо ҳаводиси таърихии дар кишвар рӯх дода, дурнамои рушди он истифода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ-солномавӣ ҳудудҳои тадқиқи масъалаи мазкур муайян шудааад ва равандҳои солномавии ба марҳилаҳои аз паси ҳам оянда, ки рушди фарҳангро инъикос кардаанд, ҷой дода шудаанд.

**Пойгоҳи сарчашмавии тадқиқот.** Дар раванди таълифи диссертатсия аз манобеи гуногун истифода шудааст, ки онҳоро метавон ба чор гурӯҳ тақсим кард. **Ба гурӯҳи якум** ҳуҷҷатҳои бойгонии љории Вазорати фарњанги Љумњурии Тољикистон (њисоботи солњои 1991-2016), маводҳои омории Кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии давлатии ВМКБ, аз ҷумла, ҳисоботҳо оиди фаъолияти муссисаҳои маориф, “Маркази таълими калонсолон”, гузориш оиди фаъолияти грантҳои Президентӣ, шуъбаи кор бо занон ва оилаи вилоят, ҳисоботҳои шуъбаи фарҳанг, раёсати кор бо ҷавонон ва варзиш, шуъбаи рушди сайёҳӣ, ҳисоботи мактаби варзишии кӯдакону наврасон, ҳисоботи идораи телевизиони ва радиои ВМКБ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба номи Т. Назришоев, Институти илмҳои гуманитарӣ ба номи Б. Искандаров, Институти биологии Помир ба номи Х. Юсуфбеков, бойгонии Литсейи касбии техникии н. Шуғнон ба номи И. Элназаров ва ғайраҳо.

**Ба гурӯҳи дуюм** ҳуҷҷату санадњои њуќуќиву нормативї, Қарорњои Њукумати Љумњурии Тољикистон ва ВМКБ доир ба мавзӯи тадқиқотӣ, ки асосан маълумотҳои рақамиро дар бар мегиранд, дохил мешаванд.

**Ба гурӯҳи сеюм** сӯҳбатҳои доирнамудаи муаллиф бо шахсони алоҳида дар ВМКБ шомиланд.

**Навгонии илмии тадқиқот** иборат аст:

-рисола нахустин маљмӯи тадқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки ба омӯзиши ҳаёти фарҳангӣ, илм, маориф, соҳаҳои варзиш, сайёҳӣ, эҳё ва

рушди ҳунарҳои мардумии ВМКБ дар замони истиқлолият бахшида шудааст;

- ба илм бори нахуст як қатор мадорики бойгонӣ, манобеъи таърихӣ ва маълумоти рӯзномавӣ-маҷаллавӣ ворид карда мешавад;

-таҳқиқи раванди тадқиқи раванди хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангии ВМКБ;

- тадқиқи раванди хусусиятҳои хоси ҳаёти фарҳангии ВМКБ ба таври объективӣ нишон дода шудааст;

- -омӯзиши ва таҳлили фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ баррасӣ гардидааст;

- тадқиқ ва нишон додани раванди инкишофи соҳаи варзиш дар ВМКБ;

- таҳлили вазъи кунунї ва дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ дар ВМКБ;

- ба таври амиқ дар асоси мадорики бойгонӣ тадқиқи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ;

-нишон додани саҳми муассисаҳои тадқиқотии ВМКБ дар инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Ба ҳимоя муқарароти зерин пешниҳод мегарданд:**

1.Болоравии мусбии кори Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмонҳои байналхалқӣ дар сохтмони биноҳои нави ҳозиразамони мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ дар ВМКБ.

2. Қарору нишондодњои Ҳукумати Тоҷикистон дар инкишофи минбаъдаи санъат дар мисоли сохтмони бинои нави театри миллӣ дар маркази вилоят – ш. Хоруғ барои 500 ҷойи нишаст, биноҳои замонавии қасрҳои фарҳанг дар шаҳракҳои ВМКБ.

3. Ташрифи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон субҳи рӯзи 30-юми июли соли 2015 ба ш. Хоруғ дар маросими оғози корҳои сохтмонӣ дар бинои раёсати маорифи вилоят ва шуъбаи маорифи шаҳри Хоруғ.

4. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани санги асос ба корҳои сохтмонӣ дар бинои коллеҷи тиббӣ дар ш.Хоруғ низ оғоз бахшид. Мувофиқи лоиҳа бинои коллеҷ аз 5 ошёна иборат буда, дар он тамоми имконоти зарурии таълим барои 240 донишҷӯ ва хобгоҳ барои 100 ҷой аз рӯи стандарти муосир фароҳам мегардад. Коллеҷ аз бинои таълимӣ, толори маҷлисӣ, ошхона, синфхонаҳои муҷаҳҳази фаннӣ, аз ҷумла барои дарсҳои амалӣ, аз синфхонаи таҷрибавӣ ва дигар утоқҳои зарурӣ иборат хоҳад буд. Ин муассисаи муосири тиббӣ дар ин мавзеъ бо харҷи 13 миллиону 700 ҳазор сомонӣ маблағҳои буҷетӣ сохта мешавад[39].

5. Ҳалли дастрасии аҳолии ВМКБ ба маълумоти босифат, интегратсия дар муҳити илмии ҷаҳонӣ, модернизатсияи мактаби миёна ва олӣ, таъсиси квотаи Президентӣ барои сокинони маҳалҳои дурдасти вилоят, сохтмони муассисаҳои нави маданӣ-равшаннамоӣ – чун мақсади асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сардории Пешвои муаззами миллат, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони соҳибистиқлолии кишвар дар давраи ба риштаи тадқиқ гирифташуда дар мисоли ВМКБ. Эълон гардидани соли 2018 "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва нахустин падидаҳои мусбии он дар мисоли ВМКБ ва ғ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалиявии тадқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муаррихон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои тадқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик бахшида шудаанд, кумаки воқеӣ расонанд. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои офаридани тадқиқоти нав дар омӯзиши таърихи ватанӣ, курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанни "таърихи халқи тоҷик" дар макотиби олии ҷумҳурӣ истифода шаванд.

**Апробатсияи кор.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеъи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.

[39]Сафари кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ВМКБ нимаи дуюми рӯзи 29 июли соли 2015 ба маркази вилоят - ш.Хоруғ [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http:// hl.mailru.su /mcached? ш.Хоруг &qurl=http%3A%2F%2Fnews.tj

Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд (суратмаҷлиси № 2 аз 12.01.2019).

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муќаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯихати сарчашмаҳо ва номгӯи адабиёт иборат аст.

**Микдор ва тавсифи маводи нашршуда.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 6 мақолаи дар маҷалаҳои илмӣ чоп кардаи муаллиф дарҷ гардидаанд. Аз онҳо 3 мақола дар маҷалаҳои илмии аз ҷониби КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расидаанд.

# Боби I. ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ФАРҲАНГИ ВА МАЪРИФАТИИ ВМКБ

## 1. Хусусиятҳои хоси ҳаёти фаҳангии ВМКБ

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамчун воҳиди сохтори маъмурӣ моҳи январи соли 1925 таъсис гардида, ба ҳайати Ҷумҳурии Мухторӣи Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон шомил гардидааст. Аҳолии Кӯҳистони Бадахшон таърихи куҳан ва пурғановатро доро мебошад. Аз таърихи дурахшон ва фоҷианоки тоҷикони Бадахшони Кӯҳӣ сарчашмаҳои хаттии қадим ва асримиёнагӣ маълумотҳои муфассал додаанд. Ба қатори сарчашмаҳои нодири таърихии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии тоҷикони Кӯҳистони Бадахшон асари Курбон Муҳаммад-Зода (Охун-Сулаймон) ва Муҳаббат Шоҳ-зода (Сайид-Футур-Шо)[40] ва як қатор ҳуҷҷатҳое, ки дар ВМКБ аз ҷониби А. Бертельс ва М. Бақоев[41] ёфт шудаанд, шомиланд. Омӯзиши таърихи ҳаёти фарҳангии Кӯҳистони Бадахшон баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1924 сифатан ба сатҳи илми муосир ба роҳ монда шуд. Дар замони Шӯравӣ аз ҷониби олимони шӯравӣ ва Тоҷикистон баробари таҳқиқи муҳити табиӣ ва захираҳои зеризаминӣ, таърих, мардумшиносӣ, хусусияти забонҳои тоҷикии бадахшонӣ ва ёдгориҳои модии бостонии Бадахшон дар асоси илми муосири дунявӣ густариш дода шуд. Ба қатори дастранҷҳои назарраси илмии соҳаи таърихи Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон асарҳои муаррихони варзида академикҳо Б. Искандаров[42], Р. Масов[43] Б. Литвинский[44], Ю. Яқубов[45], узви

[40]Курбон Муҳаммад-Зода (Охун – Сулаймон) ва Муҳаббат Шоҳ-зода Сейид-Футур-Шо) Таърихи Бадахшон / Курбон Муҳаммад-Зода. – М.: Наука, 1973. – 110 с.

[41]Бертельс, А., Бакоев, М. Алфавитный каталог рукописей, обнаруженных в Горно-Бадахшанской Автономной области экпедицией 1959-1963 гг. / А. Бертельс, М. Бакоев. – Душанбе, 1967.

[42]Восточная Бухара и Западный Памир в конце XIX в. – М., 1958.

[43]Масов, Р., Пирумшоев, Ҳ. Файзи истиқлол дар «Боми ҷаҳон» / Р. Масов, Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе, 2010. – 411 с.

[44]Литвинский, Б. Древные кочевники «Крыша Мира» / Б. Литвинский. – Душанбе, 1972.

[45]Якубов, Ю. Тоҷикшинос / Ю. Якубов. – Душанбе, 1999.

вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон В. Ранов[46], Ҳ. Пирумшоев[47], Ҳ. Назаров[48] ва дигарон шомиланд.

Яке аз масъалаҳои мубраме, ки мавриди баррасии илмӣ аз ҷониби олимони шӯравӣ қарор гирифта буд, ин масъалаи этнология ва урфу одати мардуми ВМКБ мебошад. Доир ба ин ва масъалаи таърихи забонҳои аҳолии вилоят дар байни олимон фикру акидаи нисбатан мухталиф мавҷуд аст. Яке аз оилмони шинохтаи соҳаи этнология Амнун Саломонович Давидов ин масъаларо ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор додааст ва дар асари илмияш зери унвони «Этническая принадлежность населения горного Бадахшана (Памира)[49]. ба хулосаи амиқи илмӣ омадааст, ки сазовори дастгирии ҳамаҷониба мебошад.

Дар ҳалли масъала доир ба худмуаррифии этникии Бадахшон олими маъруф этнограф М. С. Андреев оиди ин масъала ним аср кор карда буд. Инчунин М. С. Андреев дар ҳайрат буд, чунки ба фарқияти забону динашон нигоҳ накарда мардуми Бадахшон худро тоҷик меномиданд"[50].

Вазъ ва тамоюлҳои рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар қарни XX дорои як қатор хусусиятҳои хоси худро доро буд. Ин хусусиятҳо бештар ба муҳити ҷуғрофӣ, сатҳи инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва комуникатсионӣ вобастагии зич дошт. Дар навбати худ ин омилҳои объективӣ боиси пайдоиши як зумра хусусиятҳо сохтори иҷтимоии ҷомеаи ВМКБ гардида буданд.

Пеш аз ҳама бояд зикр намуд, ки мавқеи ҷуғрофӣ ва вазъи демографии вилоят ба тарзи ҳаёти аҳолӣ, фарҳанги моддӣ ва маънавии он таъсири ба худ хосеро мерасонанд.

---

[46]Ранов, В. Археологи на «Крыше мира» / В. Ранов. – Душанбе, 1967.
[47]Пирумшоев, Ҳ. История Горно-Бадахшанской автономной области: с древнейших времен до новейшего периода / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе: Пайванд, 2005.
[48]Назаров, Х. Очерк по истории Кухистана во второй половине XIX – начала XX вв / Х. Назаров. – Сталинабад, 1957.
[49]Давыдов, С. Этническая принадлежность населения горного Бадахшана (Памира): Историография вопроса / С. Давыдов. – Душанбе, 2005. – С.152.
[50]Андреев, М. С. Самоопределение Хуфцев / М. С. Андреев // Давыдов С. Этническая принадлежность населения горного Бадахшана (Памира): Историография вопроса / С. Давыдов. – Душанбе, 2005. – С.120-124.

Ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 44,5 фисади ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро ташкил намуда, аҳолии он бошад ҳамагӣ 3,1 % аҳолии кишварро ташкил менамояд. Ба ҳисоби миёна аҳолии ВМКБ дар баландии беш аз 2 ҳазор метр аз сатҳи баҳр иқомат менамояд. Тибқи маводи оморӣ, аҳолии вилоят то 1 январи соли 2016-ум 217,4 ҳазор нафарро ташкил дода, ба ҳисоби миёна дар 1 км$^2$ 3,3 одам зиндагӣ менамояд.[51] Баробари ин маҳз дар ин минтақа нерӯи бузурги табиӣ, яъне пиряххои азими минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойгиранд, ки аз ҳолати онҳо иқтисодиёти тамоми кишварҳои Осиёи Миёна вобастагии калон дорад.

Баробари ин ВМКБ дар муддати беш аз 200 соли охир дар «Бозии бузург»-и кишварҳои абарқудрат дар минтақа аҳамияти стратегӣ дошт. Маҳз сарҳадҳои он бо Ҷумҳурии Халқии Чин ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, наздикӣ бо Покистон ва Ҳиндустон ба равандҳои геополитикии минтақа ва ҷаҳон накши ҳалкунандае доро мебошад. Бар замми ин, вилоят дорои канданиҳои зеризаминии гуногун ва бой мебошад, ки омӯзиш ва коркарди саноатии он дар оянда метавонад, ба вазъи иқтисодии ватанамон нақши боризе ворид намояд. Мушкилии чандинасраи аҳолии ин минтақа вазъи номусоиди комуникатсия ба ҳисоб меравад.

Набудан ва мушкилгузар будани роҳҳои нақлиёти мусофирбар ва боркаш ба ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии дохили вилоят ва умумиҷумҳуриявӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Норасогиҳои маводи сухт ва электроэнергия садди роҳи инкишофи корхонаҳои саноатӣ мегардид. Имконияти коркарди саноатии ашёи табиии Кӯҳистони Бадахшон вуҷуд надошт. Ингуна шароитҳо садди роҳи инкишофи сохтори иҷтимоӣ-синфӣ, тарбияи кадрҳои инжинерӣ-техникӣ, коргарӣ ва илмӣ-техникӣ мегашт. Сатҳи пасти истеҳсолоти саноатӣ боиси паст будани талаботи кадрӣ барои ин соҳаи ҳаётан муҳими вилоят гардида, дар маҷмӯъ боиси рушди нисбатан яктарафаи соҳаҳои мухталифи илму маориф гардидааст. Яке аз масъалаҳои мубрами ВМКБ нисбатан паст будани раванди

---

[51]Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2016)

муҳоҷиршавии дохилии ҷумҳуриияви̅ ба вилоят ва аз вилоят ба минтақаҳои ҷумҳури̅ ба ҳисоб меравад. Самти асосии муҳоҷирати аҳоли̅ ва ҷавонони вилоят 90 дарсадро ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Баробари ин муҳоҷиршавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ВМКБ низ ниҳоят паст мебошад. Ин омил низ ба рушду нумӯи ҳаёти фарҳангии ВМКБ бетаъсир монда наметавонад. Бо дарназардошти ин ҳолати мавҷуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти вилоят ва ҳаёти иҷтимои̅-фарҳангии меҳнаткашонро муайян намудааст. Бе чунучаро ояндаи ВМКБ аз бурду бохти равандҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазъи умумии ҳаёти аҳоли̅ ва меҳнаткашони кишварамон вобаста аст.

Давраи ояндасози аҳолии ВМКБ аз соли 1991 бо ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қисми таркибии ҷудонашавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бе ризоияти Маҷлиси вакилони халқи вилоят тағйир дода намешавад.» … Инчунин «Салоҳияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаи иҷтимои̅, иқтисоди̅, фарҳанги̅ ва ваколатҳои дигари вилоятро қонуни конститутсиони̅ танзим мекунад»[52]. Аз лиҳози ҳуқуқи̅ ВМКБ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳо ва тамоюлҳои умумии таърихи̅, иқтисоди̅, фарҳанги̅ ва сиёсиро доро мебошад.

Дар замони соҳибистиқлоли̅ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла муаррихони тоҷик инъикос ва таҳлили илмии таҳаввулоти ҳаёти фарҳангии меҳнаткашони вилоят оғоз гардид. То кунун, аз ҷониби муаррихони Тоҷикистон таҳаввулоти таърихии ҳаёти меҳнаткашони вилоят дар асарҳои олимон ба монанди Р.Масов, Ҳ.Пирумшоев К.Собирова, Э.Ҳоҷибеков, Г.Сафаркулова, З.Баҳромов, С.Гуломшоев, Л.Додихудоева ва дигарон мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

---

[52]Боби ҳафтум. ВМКБ // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикситон. – Душанбе, 2003. – С.28-29.

Яке аз муаррихони шинохтаи Институти этнология ва антропологияи ба номи Н.Н. Миклухо-Маклаяи Академияи илмҳои Федератсияи Русия Тоҳир Каландаров соли 2004 асари «Шугнанцы (Историко-этнографическое исследование)»-ро дар ш.Москва чоп намудааст. Муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ сарчашмаҳои бойгонӣ ва маводи саҳроӣ, таърихи моддӣ ва маънавии аҳолии Шуғнон, фаъолияти хоҷагидорӣ, муҳити зист, сару либос, хурок, расму русуми оиладорӣ, эътиқоди динӣ, ҷойҳои муқаддаси вилоят, хусусиятҳои соҳаи ҳунармандии мардуми Шуғнонро ҳаматарафа баррасӣ ва таҳлил намудааст. Дар таҳқиқотҳои Ф.Кароматов, Н.Нурджанов ва таърихи мусиқии мардуми Помир аз замони қадим то асри XXI таҳлили Б.Қобилова илмии ҳамаҷониба ёфтааст. Аз асарҳои олимони номбурда бармеояд, ки аҳолии ВМКБ санъати хоси сарояндагӣ ва навозандагиро доро мебошад. Дар тӯли қарнҳо аз манотиқи гуногуни Бадахшон навозандагон ва овозхонони хушсалиқа ба камол расида, натанҳо дар ҳудуди Тоҷикистон, балки дар тамоми Осиёи Марказӣ ва берун аз он шӯҳрати ҳамаҷониба пайдо кардаанд. Сабки санъати навозандагӣ ва овозхонии мардуми Бадахшон ганҷинаи бебаҳои мероси маънавии миллати тоҷик ба ҳисоб меравад. Санъатшинос Қурбонмаҳмад Шодмонбеков дар асари худ «Оҳангҳои Бадахшонӣ[53] хусусиятҳои оҳангҳои мусиқии онро мавриди баррасӣ қарор дода, намунаҳои онро ба тариқи нота ба хонанда пешниҳод намудааст. Аз ҷониби кормандони Институти илмҳои гуманитарии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи фолклор ҷамъоварӣ гардида аз лиҳози илмӣ баҳодиҳӣ шудааст[54].

Аз таҳқиқотҳои олимон бармеояд, ки дар ВМКБ санъат ва ҳунарҳои мардумии тоҷикон вобаста ба иқлим ва муҳити ҷуғрофии он раванди инкишофи ба худ хосро доро буданд. То кунун маҳсулоти ҳунармандони вилоят аз ҷумла маҳсулоти заргарӣ, кандакорӣ, ресандагӣ, ҷуроббофӣ, ҷӯбтарошӣ, сабадбофӣ, кулолгарӣ, бофандагӣ, намадмолӣ, мӯҳрабофӣ ва санъати коркарди сангҳои қимматбаҳо ва нимқимматбаҳо байни аҳолии

---

[53]Шодмонбеков, К.Оҳангҳои Бадахшонӣ / К. Шодмонбеков. – Хоруғ, 2015. – 240 с.

[54]Фолклори Помир, Асотир, ривоят ва нақлҳо / Мураттиб, муаллифи муқаддима ва тавзеҳот Н. Шакармамадов. – Душанбе: Империал-группа, 2005. – Ҷ.2. – 431 с.

Тоҷикистон ва сайёҳони хориҷӣ харидорони васеъ доранд. Бечунучаро қарни гузашта дар таърихи халқи тоҷик аз ҷумла аҳолии ВМКБ саҳифаи нави таърихиро оғоз намуд.

Дар замони Шӯравӣ дар арсаи адабиёт, санъат ва илм як зумра ходимони барҷаста ба арсаи байнамиллалӣ шомил гардиданд. Устодони варзидаи адабиёти муосири тоҷик, М.Миршакар, Ш.Бунёд, санъат А.Ҷураев, Ҳ.Ҳ.Гуломшоев, Г.Завқибеков, М.Дилдорова, О.Сабзалиева, З.Искандарова, Д.Худоназаров, Д.Назаров ва ходимони барҷастаи илм ба монанди: Б.Искандаров, М.Илолов, М.Шаҳбозов, Р.Масов, Ҳ.Пирумшоев, П.Ҷамшедов, Ш.Юсуфбеков, Р.Юсуфбеков, Ю.Ёқубов ва дигарон барои рушду нумӯи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматҳои арзанда карданд.

Дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масоҳати ВМКБ 64,7 км$^2$ ташкил медиҳад. Соли 1991 аҳолии вилоят 199,5 ҳазорро ташкил намуда, соли 2018 ин рақам ба 223,6 расидааст. Сохтори маъмурии вилоят аз 1 шаҳр, 2 ҷамоатҳои шаҳрак, 7 ноҳия ва 43 ҷамоатҳо иборат аст[55].

Муҳити ҷуғрофӣ ва иқлими вилоят ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии мардум то ҳол таъсири ҷиддӣ расонида истодааст. Ба ҳисоби миёна аҳолии вилоят дар баландии 2400 метр аз сатҳи баҳр ҳаёт ба сар мебаранд. Аз лиҳози ҷуғрофӣ, ВМКБ ба ду қисмати калон ва фарқкунанда тақсим мешавад – ғарби ВМКБ ва шарқи ВМКБ. Тафовути ин ду минтақа бениҳоят назаррас буда, ба ҳаёти хоҷагидорӣ ва инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти кишвар таъсирбахш ба ҳисоб меравад. Яке аз масъалаҳои мубраме, ки дар тӯли таърих ба ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии мардум таъсири манфӣ мебозид ин сатҳи бениҳоят пасти муоширати коммуникатсионӣ мебошад. Дар замони Шӯравӣ меҳнаткашони вилоят дар давоми як солу нӯҳ моҳ аз алоқаи автомобилӣ бо пойтахи Тоҷикистон маҳрум буданд. Алоқаи ҳавоӣ бошад аз обу ҳавои зудтағйирёбандаи вилоят вобаста буда, сатҳи ин равандро коста менамуд. Роҳи нисбатан устувори автомобилӣ ба маркази вилоят аз шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон ба роҳ монда шуд. Баробари

«Пардаи оҳанин» дар сарҳади Ҷумҳурии мардумии Чин вилоятро гирифтори бумбасти коммуникатсионӣ карда буд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло Сарвари давлати соҳибистиқлоли тоҷикон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бараъло дарк менамуданд, ки баробари ҳаллу фасли масоили сиёсии мунoқишаи дохилии тоҷикон, оянда и миллат аз якпорчагӣ ва ваҳдати миллӣ, раҳоӣ ёфтан аз бумбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва дар маҷмӯъ ташаккули иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ вобастагии қавӣ дорад. Аз ин лиҳоз дар тӯли беш аз 27 соли истиқлолияти давлатӣ дар ВМКБ баробари тағйиротҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ таҳаввулоти куллии дар ҳаёти фарҳангӣ ба вуқӯъ омадааст.

Дар ибтидоии замони соҳибистиқлолӣ дар ВМКБ 1 мактаби олӣ, 1 муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ, 1 театри касбии вилоятӣ, 7 театри халқӣ-ноҳиявӣ, 314 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, як омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ ва ибтидоӣ, 26 кӯдакистон, 58 клубҳо арзи вуҷуд доранд[56].

Муттаасифона оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) натанҳо вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷумҳуриро балки вазъи ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ва аз он ҷумла ВМКБ-ро коста намуд. Мардуми Тоҷикистон ба ҳисороти моддӣ ва маънавии бебозгашт дучор гардид. Пеш аз ҳама ВМКБ ба вазъи мушкили иқтисодӣ ва молӣ дучор гардида, кормандони соҳаи фарҳанг маҷбур гардиданд, ки фаъолияти касбии худро қатъ намоянд. Вазъи маориф, илм ва санъат дар шароити бениҳоят вазнин қарор дошт. Аз ин рӯ садҳо кормандони баландсавияи соҳаи фарҳанг ва пеш аз ҳама русзабонҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намуданд.

Дар шароити пурфоҷеаи солҳои 1992-1997 Пешвои муаззами миллат бо ҷонбозиҳо ва ҷонфидоиҳо, неруи зеҳнӣ ва ҷисмонии худро барои ҳаллу

---

[55]Ҳисоботи солонаи 2018 сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ. – С.3-5.
[56]Ҳисоботи солонаи шуъбаи фарҳанги ВМКБ дар соли 2018. – С.3-5.

фасли вазъи сиёсии кишвар, ба даст овардани сулҳу салоҳ, оромӣ ва бехатарии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон равона карданд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX раванди пешрафти ҳаёти фарҳангии ВМКБ пеш аз ҳама ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар ба роҳҳои барқарорнамоии иқтисодиёти он ва густариши инфрасохтори мақомоти идоракунӣ ва коммуникатсионии вилоят вобастагии бемайлон дошт. Бозгашт намудани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, амалӣ намудани халъи силоҳ, барқарор намудани сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, системаи судӣ ва дар маҷмӯъ сохтори конститутсионӣ барои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифаи ҷонӣ ва муқаддас ба ҳисоб мерафт. Маҳз амалӣ намудани ин вазифаҳо имкон медод, ки ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон, вилоятҳо, ноҳияҳо ва аз ҷумла ВМКБ ба эътидол ояд ва рушду нумӯъ гардад. Дар ин ҷода хизматҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон нақши калидӣ дорад ва аҳолии вилоят ин иқдоми Пешвои худро дарк ва ҳаматарафа дастгирӣ намуданд. Барои рушду нумӯи ҳаёти фарҳангӣ дар ҷодаи таъмини асноди ҳуқуқӣ чораҳои зарӯрӣ андешида шуд. Пеш аз ҳама дар солҳои ибтидои соҳибистиқлолӣ қабули як зумра санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки рушду нумуи минбаъдаи соҳаи фарҳангро ба низом медароварданд, қабул гардиданд. Аз зумра ҳуҷҷати бунёдии ҷабҳаи ҳуқуқии ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайянкунанда Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул гардид. Дар боби 2-юми моддаҳои 38, 40, 41, 44-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷиистон самтҳои бунёдии рушду нумӯи ҳаёти фарҳангии мардуми тоҷик равшану амиқ муайян карда шудааст. Баробари ин Ҳукумати Тоҷикистон барои барқарор ва инкишофи минбаъдаи ҳаёти фарҳангии мамлакат тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда, як қатор қонунҳоро ба тавсиб расонд. Чунончи, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (13.12.1997)[57]; «Оиди баровардан ва дохил намудани арзишҳои фарҳангӣ» (6.08.2001)[58]; «Оиди

[57]Закон Республики Таджикистан «О культуре». – Душанбе, 1998. – С.4.
[58]Концепция развития культуры Республики Таджикистан. – Душанбе: Матбуот, 2006. – С.5.

театр ва фаъолияти театрӣ» (2.12.2002)[59]; «Оиди ҳунарҳои бадей-халқӣ» (04.2003)[60]; «Оиди фаъолияти китобдорӣ» (1.08.2003)[61]; «Оиди осорхона ва фонди осорхонаҳо» (26.09.2003)[62]; «Оиди кино» (14.12.2004)[63]; «Консепсияи инкишофи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (30.12.2005)[64] ва ғайраҳо, ки дар инкишофи ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ доданд. Дар солҳои 2003-2008 аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои инкишофи соҳаи фарҳанг зиёда аз 390 миллион сомонӣ ҷудо гардид[65].

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки Пешвои миллат, Роҳбарияти Ҳукумати мамлакат муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ҳеҷ гоҳ ҳалли масоили ҳаёти фарҳангии мардумро аз мадди назар дур накардааст. Баръакс маҳз ҷидду талошҳои роҳбарияти давлат дар ҷодаи ғамхорӣ оид ба вазъи фарҳангии аҳолӣ имкон ба миён овард, ки масъалаҳои сиёсат ва пеш аз ҳама ноил гардидан ба сулҳу салоҳ, ваҳдат ва таъмини якпорчагии Ватани азизамон ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

---

59 Закон Республики Таджикистан «О театрах и театральной деятельности» // Ведомости Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2002. - №11. – С.100.

60 Свод Законов Республики Таджикистан. – Душанбе: Конуният, 2004. – Ч.II. – С.136.

61 Расулӣ, Х. Қонунҳо тарафдорӣ мешаванд / Х. Расулӣ // Садои мардум. – 2003. – 15 август.

62Сборник законов Республики Таджикистан. – Душанбе: Конуният, 2007. – Ч.II. – С.183.

63 Закон республики Таджикистан «О кино» [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: www. Kinoservice. freenet.tj

64 Концепция развития культуры Республики Таджикистан. – Душанбе: Матбуот, 2006. – С.5.

65 Послание Президента Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 25 апреля 2008 г., г. Душанбе //Народная газета. – 2008. – 29 апрел.

## I.2. Фаъолияти муассисҳои фарҳангӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ

Ҳунарҳои мардумӣ падидаи ҷолиб ва мураккабе дар фарҳанги бисёрҷабҳаи ҳар як халқу миллат аст, ки он аз сапедадами таърих бо сарнавишти мардум гиреҳ хурдааст. Он падидаи гуногунпаҳлу буда, навъҳои мухталифро фаро мегирад, ки перомуни ҳар навъи он метавон даҳҳо китобро тадвин намуд. Ин намунаи ҳунар бо номи «Чакан», «Зардӯзӣ», «Гулдӯзӣ», «Колинбофӣ», «Ҷомадӯзӣ» "Ҷуроббофӣ", "Тоқидузӣ", "Муҳрабофӣ", "Кандакорӣ" ва ғайраҳо шӯҳрат дорад, ки аз даврони куҳан то имрӯз ҳамчун тимсоли дониш ва шинохти ҷаҳон боқӣ монда, таърихи хеле қадима дорад.

Санъати амалии халқӣ ва навъҳои гуногуни он дар ҳаёти мардум ҷойгоҳи хоса дошта, як падидаи муҳими фарҳанги миллии тоҷикон мебошад. Бо вуҷуди он, ки имрӯз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳунармандони чирадаст машғули эҷоди асарҳои бадеӣ ҳастанд, вале мутаасифона инкишофи навъҳои мухталифи ҳунарҳои миллӣ дар сатҳи паст қарор доранд. Перомуни ҳунарҳои санъати дастӣ андешаҳо яксон нестанд, ҳатто, бархе аз онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб аз байн рафтаанд. Бинобар ин, ҳоло зарурати ҳалли масоили марбут ба рушди ин намуди санъат ба миён омадааст. Қабл аз ҳама ҳунарҳои мардумӣ санъати амалии халқӣ ба дастгирии ҳамаҷониба ниёз дорад. Ин аст, ки дар доираи иқдомоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд, ки то имрӯз даҳҳо мактабҳои ҳунармандон ташкил шуда, ба фаъолият оғоз намуданд.

Воқеаен, месазад шукр намуд, ки имрӯз барои густариши ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шудааст, то мардуми кишвар битавонанд аз мероси пурғановати аҷдоди шарафманди хеш баҳра баранд ва дар роҳи такомули он камар бибанданд.

Қобили қайд аст, ки ба вижагиҳои либоси осиёимиёнагӣ дар Аврупо ҳануз дар асрҳои миёна таваҷҷуҳ зохир гардида, аввалин шахсоне, ки ба

таснифи либоси халқҳои Осиёи Миёна мароқ зоҳир карданд, сайёҳон: Марко Поло, Гилом Рубрук, Клавихо Рюи Гонзалес буданд. Бо вуҷуди он, ки дар нигоштаҳои онҳо аксаран таснифи мухтасари сару либоси ин ё он халқ дарҷ гардидааст, аммо ин маълумот барои муҳаққиқин аҳамияти калон дорад. Чунончи, Марко Поло дар китоби хеш либоси мардуми куҳистони Помирро чунин тасниф намудааст: «Дар ин ҷо одамон камонварони олидараҷаанд, бештар либосҳои аз пӯсту пашми ҳайвонот омодашударо, ки арзиши баланд доранд, ба бар мекунанд"[66].

Дар садаи XVIII ва нимаи аввали садаи XIX сайёҳон Ф. Ефремов, Ф. Назаров, Н. Неболсин дар бораи матоъҳои маҳаллӣ, сару либос ва шуғли мардуми Осиёи Миёна маълумоти ҷолиби диққатро ҷамъ овარданд. Чунончи, дар нагоштаҳои Ф. Ефремов дар баробари таснифи либоси он давра роҷеъ ба кирмакпарварӣ маълумот фароҳам омада, технологияи истеҳсоли нахи абрешим барои матоъҳои шоҳӣ маънидод гардидааст. Сайёҳ мушоҳидаҳояшро дар бораи вижагиҳои хоси сару либоси осиёимиёнагӣ, ки ба шаклгирии он мухити зист, иқлим, дин таъсир гузоштаанд, баён месозад. Масалан, оид ба тарроҳии куртаи занона ӯ чунин менигорад: "Қабл аз ҳама ба қулай будани курта ва сипас ба риояи одоб аҳамият дода мешавад". Бароҳат будани либос, фарохии он, чинҳои зиёд доштани он баҳисоб гирифта шудааст, ки барои озодона нишастан монеъа пеш намеорад, ҳаракатро маҳдуд намесозад, дар ҳавои гарм ба нафаскашии бадан халал намерасонад[67].

Ҷуроббофӣ – яке аз ҳунарҳои қадимаи мардуми Бадахшон ба шумор меравад. Ҷуроббофӣ як намуди ҳунари бофандагӣ буда, аз ҳунари суннатии бонувони Бадахшон мебошад. Зеро он ба коркарди нахи пашмин марбут аст. Тавре, ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ҷуроббофӣ дар охири садаи XIX дар Бадахшони Тоҷикистон маъмул будааст[68].

---

[66]Исаев, А. Б. Таджикский костюм в контексте народной художественной культуры: Дисс… канд. искусствоведения / Исаев Акбар Буховардинович. – М., 1992. – С.12.
[67]Ҳамон ҷо. – С.7.
[68]Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С.156.

Барои бофтани ҷуроб, ҳунармандони бадахшонӣ асосан аз сихҳои махсус истифода мебаранд ва ҷуробҳо бо тарзҳои дусиха, сесиха ва чорсиха бофта мешаванд. Замони пеш онро аз химчаи чубҳои сахт, бахусус дарахти тӯғ тайёр мекарданд.

Дар соқи ҷуробҳо нақшу нигорҳои гуногун дида мешавад, ки бо номашон хело мувофиқанд. Аслан, ҷуробро вобаста ба нақшу нигораш номгузорӣ мекунад. Масалан, "Аждипайкар", "Аловгул", "Пари товус", "Синаи боз", "Чароғгардонак", "Пайи пишак", "Гандумак", "Занҷирак", "Камони Рустам", "Шамшодгул" "Абри сари кӯҳ", "Чапу рост", "Лолагул", "Садбарг" ва ғайраҳо[69]. Махсусан, гули "Аждар" ва "Алов" дар санъати ҷуроббофии мардуми тоҷик нақши муҳим мебозад. Чунки гули "Аждар ва "Алов" нишонаи ориёи мебошанд. Ҳам дар ҷуробҳои пешина ва ҳам ҳозира тасвири ин ду нақш васеъ ба назар мерасад[70]. Дар замони муосир бонувони хонанишин Бадахшон, асосан ба қолинбофӣ, гулдузиҳои деворӣ ва ҷуроббофӣ машғуланд. Ба ақидаи М. Андреев ҷуроббофӣ яке аз руштёфтатарин ҳунари волои мардуми тоҷик ба шумор меравад[71].

Ҷои зикр аст, ки гарчанде дар бозори ҷаҳонӣ маҳсулоти истеҳсолии саноатӣ хеле рушд ёфта бошад ҳам, вале талабот ба ҳунари дастӣ, хусусан, ҷуробҳои бадахшонӣ хеле зиёд аст.

Тоқидузӣ низ яке аз ҳунарҳои қадимаи мардуми Бадахшон мебошад, ки ба духтан ва нақшу нигори тоқӣ марбут аст. Тоқӣ- каллапуши суннатии тоҷикон ва баъзе халқҳои Осиёи Миёна ба шумор меравад, ки асосан ду шакл дорад: мудаввар ва чоркунҷа. Онҳо дар шимоли кишвар "тупӣ" ва дар водии Ҳисору Рашт, вилоятҳои Хатлону Бадахшон "тоқӣ" меноманд[72].

Мӯҳрабофӣ – як навъи ҳунари мардумӣ буда, ба сохтани маҳсулоти ороишӣ ва мӯҳрагӣ марбут аст. Маснуоти мӯҳрабофиро асосан аз мӯҳраҳои гуногуни ранга ва риштаву торҳои пластикӣ ва симҳои махсус омода

---

[69] Юнусова, Н., Додхудоева, Л. Народное искусство Памира / Н. Юнусова, Л. Додхудоева. – Душанбе, 2009. – С.105.

[70] Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С.157.

[71] Юнусова, Н., Додхудоева, Л. Народное искусство Памира/ Н. Юнусова, Л. Додхудоева. – Душанбе, 2009. – С.104.

мекунанд. Ҳунари мӯҳравӣ бештар дар деҳоту навоҳии Бадахшон маълум буда, духтарон анвои маснуоти мӯҳрагиро дар туйи арӯсиву ҷашнҳои миллӣ ва дигар чорабиниҳо васеъ истифода мебаранд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят духтарону наврасон аз хурдсолӣ бо бофтани навъҳои гуногуни маҳсулоти мӯҳрагӣ шавқу рағбат доранд. Дар даврони Истиқлолият талабот ба ин намуди ҳунар афзудааст. Зеро, занону духтарон ва махсусан арӯсон, ба ҳамелҳои мӯҳраву гардандбанд, пешовез ва дигар ашёи мӯҳрабофӣ таваҷҷӯҳи зиёд доранд. Аз ҷониби дигар маҳсулоти мӯҳрабофиро сайёҳону меҳмонон ҳамчун армуғон харидорӣ карда, ба хориҷ аз кишвар мебаранд, ки ин омил низ ба рушди ҳунари мӯҳрабофӣ мусоидат менамояд[73].

Месазад гуфт, ки инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ ва кашидадузӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат кардааст. Намунаҳои нодири нақшу нигоре, ки бостоншиносон дар Бадахшон ва дигар маҳалҳо дарёфтаанд, бозгуи фарҳанги бою рангини гузаштагон мебошад[74].

Устоҳои бадахшонӣ, аз ҷумла наққошону кулолгарон, мисгарону зардӯзон ва қолинбофону косибон дар офаридаҳояшон нақшу нигорро чун воситаи асосии ороиши бадеӣ корбаст менамуданд. Ҳар як нақшу нигор маънои хос дошта, аз ҷониби халқ номгузорӣ мешуд ва аксари онҳо нишони эътиқоду бовар ба урфу одате буданд. Яъне ҳар як нақшу нигор ҷанбаҳои асотирӣ, динӣ ва сиёсӣ доранд. Барои мазмун пайдо кардани нақш ва рушан шудани он таҷрибаи садсолаҳо кор медиҳад.

Дар замони мо як қатор амалҳое, ки қаблан дастӣ иҷро мешуданд, тавассути компютерҳо тарҳрезӣ мешаванд. Бешубҳа, хуб аст, ки донишҷӯён аз дастовардҳои ҷаҳони муосир бархурдор мегарданд, аммо фаромуш набояд кард, ки ҳунари анъанавии тоҷикон аз куҷо сарчашма гирифтааст ва корҳои эҷодии ҳунармандон бо кадом технология офарида мешаванд. Гузашта аз ин,

[72]Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С.159.
[73]Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – С.160.
[74]Юнусова, Н., Додхудоева, Л. Народное искусство Памира / Н. Юнусова, Л. Додхудоева. – Душанбе, 2009. – 173 с.

донишҷӯён бояд аз анъанаҳои ҳунармандии халқи тоҷик огоҳ бошанд. Зарур аст, ки дар таълими фанҳои тахассусӣ - кандакорӣ, гачкорӣ, наққошӣ, кашидадузӣ ва ғайра анъанаҳои миллии халқамон самаранок истифода шаванд. Инъикоси анъанаҳои миллӣ дар офаридани осори ҳунарҳои мардумӣ ба инкишофи хисси худшиносӣ, ватандориву ифтихори миллӣ, инчунин такмили маҳорат мусоидат менамояд.

Инчунин, вобаста ба мавқеи ҷуғрофии минтақа дар хонасозӣ, шаҳрсозӣ ва меъмори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, хусусиятҳои хоси худро дорад. Хонаҳои бадахшонӣ аз ҷиҳати меъморӣ вижагиҳои хоси худро доранд, ки метавонанд дар тарғиби саёҳони хориҷӣ ба Бадахшони Тоҷикистон мусоидат намоянд. Масалан, дар ғарби вилоят яке аз хонаҳои маъмул, ин, хонаҳои панҷсутуна мебошанд, ки дар онҳо рамзи ориёӣ ва исломӣ таҷассум ёфтаанд. Дар шарқи вилоят бошад, ки аслан мардуми қиргизтабор сукунат доранд, дар юртаҳо (боз-уй, қиргиз-уй) иқомат доранд, ки таърихи беш аз ҳазорсола доранд[75].

Бо мақсади эҳё ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ дар маркази ВМКБ, марказҳои фарҳангӣ бо номи “Эҳёи фарҳангӣ” ва “Де-Памирӣ” соли 2004 аз ҷониби сокинони ш. Хоруғ Л. Мамадсултонова, ва З. Бердова созмон дода шуданд. Ин бонувони ташаббускор маҳсули ҳунари мардуми Бадахшонро дар намоишгоҳҳои шаҳрҳои Душанбе, Алма-Ато ва Дубай ба намоиш гузоштанд[76].

Аз 4 то 8 июли соли 2006 дар толори Театри тобистонаи боѓи фарњангу фароѓати шањри Кўлоб Фестивали љумњуриявии ансамблњои тарона ва раќс «Гулу гулдастањои як чаманем» баргузор гардид. Дар ин фестивал аз шањру ноњияњои љумњурї 7 ансамблњои тарона ва раќс-«Субњи Ёвон» аз ноњияи Ёвон, «Зафар» аз ноњияи Зафаробод, «Лаъли Бадахшон» аз ноњияи Ишкошим, «Ќаратоѓ» аз шањри Турсунзода, «Гулњои Дарвоз» аз ноњияи Дарвоз, «Баёзи Кўњистон» аз ноњияи Тољикобод, «Навои Хатлон» аз

---
[75] The folk art of the Pamirs. – Dushanbe, 2009. – P.34-41.
[76] Зайдуллоев, А. Максад – инкишофи санъати анъанави // Бадахшан. – 2006. – 5 март.

шањри Кўлоб иштирок намуданд. Чорабинї дар сатњи баланди фарњангї љамъбаст гардид[77].

1 сентябри соли 2008 дар ш. Хоруғ фестивали тарона ва рақси мардумӣ таҳти унвони “Пайғому салом аз Боми Ҷаҳон” кушода шуда, он ду рӯз идома кард. Роҳбари маркази эҳёи анъанаҳои фарҳангӣ Л. Мамадсултонова бо дастпарваронаш намоиши гулдӯзиҳои анъанавӣ дар сару либоси ҳозиразамонро баргузор кард. Ба фикри роҳбари марказ, дар ҳоле, ки мӯд ҷойгоҳи гулдӯзӣ ва либоси анъанавиро танг кардааст, намоиш василаи хубе барои тарғиб ва ҳифзи анъанаҳои мардумӣ мебошад[78].

Дар пешрафти ҳунарҳои мардумӣ нақши Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, таҳти рақами №375 “Дар бораи инкишоф додани қолинбофӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” нақши бориз гузошт. Дар банди якуми он гуфта шудааст, ки тибқи моддаи 14-и Консититутсия “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо мақсади эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ қарор мекунад:

1. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияи нав, Кумитаи сармоягузоӣ ва идоракунии амволи давлатӣ бо ҷалб намудани соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ инчунин бо ҷалби сармоягузорони хориҷӣ дар солҳои 2014-2016 тамоми чораҳо барои ташкил намудани марказҳои таълимӣ-истеҳсолӣ барои қолинбофии дастӣ ва дигар намудҳои ҳунарҳои мардумӣ андешанд[79].

2. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаҳои таълимии солҳои 2015-2016 ва 2016-2017 дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ таълими ҳунарҳои мардумиро дар дарсҳои фанни технология пешбинӣ кунад.

---

[77] Бойгонии ВФ ЉТ. Њисоботи Раёсати рушди муассисањои фарњангї-фароѓатї ва њунарњои мардумии Вазорати фарњанги Љумњурии Тољикистон. – 2006. – С. 13.

[78]Шоҳҷамолов, М. Ҷашнвораи "Боми Ҷаҳон" дар Бадахшон / М. Шоҳҷамолов [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://hl.mailru.su/mcached? q=Махингул% 20Назаршоева &qurl=http %3A%2F%2 Fwww. ozodi. org

3.Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияи нав, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бояд намоиши истеҳсоли маҳсулоти дастиро дар дохили кишвар на кам аз як бор дар як сол ва доир намудани намоишгоҳҳои байналхалқӣ, на кам аз як маротиба дар як сол ва чораҳо барои ташкили содироти онҳоро андешанд.

4. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои алоҳида оиди ҳунарҳои мардумӣ ва ҳунари ҳунармандонро дар инкишофи саноати миллӣ, масъалаи шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум ва ҳисси ифтихори миллиро тарғиб намуда, транслятсияи онҳоро ташкил намоянд.

5. Вазоратҳои дахлдор, идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ дар ҳар як семоҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот оиди иҷрои қарори мазкур пешниҳод намоянд[80].

4 июли соли 2015 зимни сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ш.Хоруғ аз дастовардҳои соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дидан намуданд.

Зимни шиносоӣ бо дастовардҳои санъати дастии мардуми Бадахшон Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарону фаъолони шаҳру ноҳияҳои вилоят ва сокинон, перомуни эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, бобати бо сифати баланд истеҳсол ва ба хориҷ содирот кардани меваҷот, обҳову гиёҳҳои шифобахш, бастабандии гиёҳҳо, тарақӣ додани соҳаи мурғпарварӣ, қутоспарварӣ, моҳипарварӣ, афзоиши саршумори бузҳои ангорӣ барои истеҳсоли пашму ришта ва бо ин роҳ таъсиси ҷойҳои

[79]Постановление правительства Республики Таджикистан от 3 июня 2014 года №375. О развитии ручного ковроткачества и д ругих народных промыслов в Республике Таджикистан [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://hl.mailru.su/mcached?q=Народные промысли в ГБАО.

[80]Постановление правительства Республики Таджикистан от 3 июня 2014 года №375. О развитии ручного ковроткачества и других народных промыслов в Республике Таджикистан Таджикистан [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://hl.mailru.su/mcached?q=Народные прмысли в ГБАО.

нави корӣ ва рушди бахши занбури асалпарварӣ дастуру ҳидоятҳои судманд доданд[81].

Дар намоишгоҳ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо имкониятҳои сайёҳии вилоят ба масъулин супориш доданд, ки барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон бояд тамоми шароит муҳайё карда шавад, аз ҷумла бунёди меҳмонхонаҳо, марказҳои хизматрасонӣ, истеҳсоли маҳсулоти ороишӣ аз сангҳои қимматбаҳо, омода кардани маводи иттилоотӣ бо забонҳои хориҷӣ, тайёр кардани мутахассисони ботаҷриба барои қабули меҳмонон аз кишварҳои хориҷ ва ғ. Дар рафти шиносоӣ аз намоишгоҳ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳунари дастии бонувони чирадаст, баромади ҳунармандон аз ансамблҳои оилавӣ, дӯзандагони моҳир ва қолинбофон баҳои баланд доданд[82].

26 июни соли 2016 дар шаҳри Хоруғ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо буридани лентаи рамзӣ ба фаъолияти бинои Маркази сайёҳӣ, эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва рушди соҳибкорӣ оғози расмӣ бахшиданд. Иншооти мазкур дар давоми як сол бо харҷи 2 миллиону 630 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби сармояи хориҷӣ бунёд гардида, дар ин ҷо шароити муосири хизматрасонӣ фароҳам оварда шудааст. Бино сеошёна буда, аз маркази иттилоотӣ ва кӯмак ба сайёҳон, мағозаҳои фурӯши тӯҳфаҳо, таҷҳизоти хизматрасонии иҷораи кӯҳнавардӣ, ҳуҷраи хушкашӯӣ, утоқҳои корӣ, толори баргузории маҷлис ва маркази соҳибкорӣ иборат мебошад. Зимни шиносоӣ бо шароити фароҳам омада ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки маркази мазкур метавонад дар як сол ба зиёда аз 5 ҳазор нафар сайёҳ хизмат расонад. Гуфта шуд, ки бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани Маркази сайёҳӣ, эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва рушди соҳибкорӣ беш аз 70 нафар бо ҷойи

[81]Постановление правительства Республики Таджикистан от 3 июня 2014 года №375. О развитии ручного ковроткачества и других народных промыслов в Республике Таджикистан [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://hl.mailru.su/mcached?q=Народные промысли в ГБАО.
[82]Дар ҳамон ҷо.

кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гаштанд[83]. Иттилоъ дода шуд, ки дар зарфи чанд соли охир дар шаҳру ноҳияҳои вилоят даҳҳо корхонаҳои хурди ҳунармандӣ, аз ҷумла сеххои хонагӣ бо грантҳои ҷудонамудаи роҳбари давлат бунёд ёфта, боиси бо кори фоидаовар таъмин шудани садҳо нафар занону духтарони хонашин гаштааст. Гуфта шуд, ки пас аз бо баҳрабардорӣ қарор гирифтани Маркази сайёҳӣ, эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва рушди соҳибкорӣ, занону духтарони ҳунарманди шаҳру ноҳияҳои вилоят метавонанд маҳсули дасти худро барои фурӯш ба мағозаҳои маркази мазкур пешниҳод намоянд.

Дар ошёнаҳои дуюм ва сеюми марказ низ утоқҳои корӣ бо пешрафтатарин технология муҷҷаҳаз карда шуда, дар маҷмӯъ барои фаъолияти пурсамари мутахассисон ҳам дар бахши сайёҳӣ ва ҳам дар самти соҳибкорӣ шароити хуби корӣ муҳайё гардидааст[84].

Ноҳияи Ишкошими ВМКБ аз давраҳои қадим бо ҳунарҳои мардумии хеш машҳур буда, ин боиси он шудааст, ки ин макон ба "Зиёратгоҳ"-и сайёҳони хориҷӣ табдил ёфтаст. Солҳои охир ба ин ноҳия теъдоди зиёди сайёҳони дохиливу хориҷӣ омада, онҳо аз молҳои ҳунари санъати дастии ҳунарманди ин диёр, аз қабили либосҳои миллӣ, ҷуроб, гарданбандҳо харидорӣ мекунанд. Ҳунармандон ин ноҳия дарк карданд, ки эҳё ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ метавонад барояшон даромади иловагӣ орад. Баъзе аз ҳунармандон аллакай соҳиби грантҳои Президентӣ гардида, ҳатто ба кушодани сехҳои нави ҳунармандӣ оиди либоси миллӣ ва сувенирҳо пардохтаанд. Хориҷиён ин ҳунари мардумро басо қадр намуда, онро ба забони англисӣ "ҳенд мейд (маҳсули дастӣ)"[85] номиданд. Ба ин кор аксаран занону духтарони хонашини ноҳия машғул ҳастанд. Бештари маҳсулоти занон аз ҷӯробҳои миллӣ, тоқӣ ва ғайра иборат аст[86].

---

[83]Ифтитоҳи бинои Маркази эҳёи ҳунарҳои мардумӣ варушдитуризм дар ВМКБ. 26.06.2016 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://hl.mailru.su/mcached?q=рушди туризм ва хунархои мардуми &qurl=http%3A%2F%2Fjahonnamo.tj%2Fprezident%2F25968-iftitohi-binoi-markazi-ehjoi-hunarhoi-mardumi-va-rushdi-turizm-dar-vmkb.

[84]Дар ҳамон ҷо.

[85]Ҳенд- аз забони англисӣ гирифта шуда, маънояш даст ва мейд- маънои тайёр шудаст дорад.

[86]"Хендмейд" товары Ишкашима-новый вид бизнеса в районе. Народные ремесла приносят доход женщинам ГБАО [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://hl.mailru.su/mcached

Қобили зикр аст, ки дар замони шӯравӣ ҳунарҳои мардумӣ дар ВМКБ қариб ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта, ҷои онҳоро молҳои фабрикӣ гирифта буданд. Хушбахтона дар замони истиқлолият аксари онҳо аз нав эҳё гардидаанд. Чунончи, Ойгул Бобокова мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи ноҳияи Ишкошим дар мусоҳиба бо М. Асламшоева дар ин бора менигорад: “Тамоми ҳунарҳои дастии тайёрнамудаи занони ин ноҳияро сайёҳони хориҷӣ аз қабили: ҷӯробҳо, тоқиҳо, ҷувуқздонҳои занона аз маҳсулоти маҳаллӣ тайёршударо зуд харидорӣ менамоянд. Ин ҳунарҳои дастии мардумӣ борҳо дар намоишгоҳҳои вилоятӣ ва ҳатто берун аз он ба намоиш гузошта шуда буданд. Ин иқдоми Президенти кишвар занони ноҳияро на танҳо ба кори ҳунарҳои мардумӣ ҳавасманд намуд, балки онҳоро соҳиби даромади пулӣ низ гардонид”[87].

Дар шароити тағйирёбии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият дар ВМКБ бо кумаки бевоситаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, Филиали Муассисаи давлатии (ФМД) “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар ш. Хоруғ ташкил шуда, он корҳои зиёдеро дар давраи истиқлолият вобаста ба имконоти хеш ба сомон расонид. Масалан, танҳо дар соли 2018 Филиали Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар ш. Хоруғ дар самти тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзии шаҳрвандони бекор ва корҷӯйро вабаста ба талаботи бозори меҳнат ба роҳ монда, дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ш. Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят, фаъолият намуда истодааст.

Мувофиқи барномаи тасдиқгардидаи ФМД Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ то охири соли 2018 бояд 3134 нафар касбомӯз фаро гирифта мешуд. Дар семоҳаи аввали он сол 722 нафар ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд, ки ин 23% нақшаро дар бар мегирифт. Аз ҷумла:

---

[87]Асламшоева. М. Женщины ГБАО строят бизнес на производстве сувениров / М. Асламшоева [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://hl.mailru.su/mcached

- 150 нафар аз ҳисоби барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- 50 нафар худмаблағгузор;
- 32 нафар тавассути шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ;
- 280 нафар аз ҳисоби Муассисаи ҳамкориҳои байналмилалии Анҷумани омӯзиши калонсолони Олмон (DVV International – IIZ/DVV);
- 210 нафар аз ҳисоби Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБМ-МОМ)[88].

Дар самти барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ мувофиқи нақшаи барномавии тасдиқшудаи ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар шаҳри Хоруғ дар соли 2018 475 нафар шахсони бекоре, ки дар қайди шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Хоруғ ба қайд гирифта шуда буданд то имрӯз 150 нафар, 31,6% ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд. Яъне, ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар ш. Хоруғ бо шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Хоруғ, шартномаи тарафайн ба имзо расонид.

Ба хонандагони курс омӯзгорони пуртаҷриба, ки малакаи хуби кори-амалӣ ва педагогӣ доштанд, тибқи шартнома, дарсҳо гузаронида шуданд. ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар шаҳри Хоруғ барои ба касбомӯзӣ фаро гирифтани занони хонашин диққати ҷиддӣ дода, тибқи барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ 120 нафар занон аз рӯи касбҳои: дӯзандагӣ, бофандагӣ, қолинбофӣ, қуроқдӯзӣ ва гулдӯзӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд[89].

Қобили қайд аст, ки марказ дар 3 моҳ дар якҷоягӣ бо шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Хоруғ ярмаркаи ҷойҳои нави корӣ ташкил намуда, дар он маҳсулоти тайёркардаи касбомӯзон дар шаҳри Хоруғ ба намоиш гузошта шуд. Ба ғайр аз ин, барои ҷалб намудани шаҳрвандони

---

[88]Ҳисобот оиди фаъолияти ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар ш. Хоруғ дар семоҳаи аввали соли 2018. – С.1.
[89]Ҳисобот оиди фаъолияти ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар ш. Хоруғ дар семоҳаи аввали соли 2018. – С.1.

бекоре, ки ихтисос надоранд дар ярмаркаҳо барои ин нафарон ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнат зарурият доранд пешниҳод намуд.

Бояд қайд намуд, ки барои омӯзиши муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз Федератсияи Русия ва дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ватан баргаштаанд, аз тарафи Марказ, дар ҳамкорӣ бо Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Хоруғ ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд[90] (ниг. ба замимаи №13)

Аз ҳисоби гурӯҳҳои худмаблағгузор мувофиқи нақшаи барномавии тасдиқгардидаи ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар шаҳри Хоруғ аз ҳисоби Барномаи худмаблағгузор дар соли 2018 1459 нафар ба омӯзиш фаро гирифта шуданд. Дар 3 моҳи аввали он сол 50 нафар ё худ 3,4% бо ихтисосҳои ороиши рӯй мӯй омӯзиши компютеру забонҳои англисӣ-русӣ, дӯзандагию бофандагӣ ва маҳсгарӣ, муоличавӣ, барқчӣ ва кафшергарӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Натиҷаи кору фаъолияти кори ФМД "Маркази таълими калонсолон" дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳо аз ҳисоби ин барнома чунин аст (ниг ба замимаи №14)[91].

Тавассути шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон дар семоҳаи аввали соли 2018 ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар шаҳри Хоруғ аз ҳисоби барнома шаҳодатномакунии малакаҳои касбии шаҳрвандон аз 1200 нафар 32 нафар шаҳрвандонро бо шаҳодатномаи тахассусӣ таъмин намуд, ки ин 2,8 %-ро ташкил дод[92] (ниг. ба замимаи №15)

ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар шаҳри Хоруғ 9 утоқи корӣ ва 5 синфхона ташкил медиҳад. Утоқҳои омӯзишии ҳозиразамони ороиши рӯю мӯй ва нохун, асосҳои омӯзиши компютерӣ, дузандагӣ-бофандагӣ, қаннодӣ-ошпазӣ, омӯзиши забонҳои англисӣ, русию тоҷикӣ,

---

[90]Ҳисобот оиди фаъолияти ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар ш. Хоруғ дар семоҳаи аввали соли 2018. – С.2.
[91]Ҳисобот оиди фаъолияти ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар ш. Хоруғ дар семоҳаи аввали соли 2018 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.2.

баркчӣ-кафшергар ва муҳосибӣ буда, утоқҳо бо технологияи замонавӣ муҷҷаҳаз мебошанд[93].

Ҳамин тавр, аз таҳлили нигоштаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аз сабаби кам будани ҷойҳои корӣ, аксарияти ҷавононе, ки малакаи хуби корӣ доранд, баъди хатми ин курсҳо ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар сафар менамоянд.

Директори ФМД "Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон" дар шаҳри Хоруғ Ч.Муаллимшоева дар сӯҳбат бо муаллифи ин сатрҳо дар моҳи июни соли 2018 чунин қайд намуданд, ки "Филлиали муассисаи давлатии МТКТ дар кам кардани сафи бекорон ва омӯзиши касбии онҳо дар шароити дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда истодааст. Инчунин, роҳбари муассиса иброз доштанд, ки барои беҳтар намудани сатҳу сифати таълим месазад, ки утоқҳои корӣ ва синфхонаҳои нав барои омӯзиши курсҳои кӯтоҳмудат дар ФМД "МТКТ" дар шаҳри Хоруғ таъсис дода шаванд"[94].

Инчунин, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамасола аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои зиёде рӯи кор омада истодаанд. Дар ҳудуди вилоят сол то сол теъдоди соҳибкорон оиди ҳунарҳои мардумӣ зиёд шуда, бештари онҳоро бонувон ташкил медиҳанд ва то ба имрӯз теъдоди тамоми соҳибкорзанон дар ВМКБ 1475 нафарро ташкил медиҳад. Барои дастгирии занони соҳибкор ва бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани занону ҷавондухтарони бекор аз соли 2006 сар карда, то ин дам аз тарафи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон грантҳои Президентӣ ҷудо гардида истодаанд. Масалан, дар

---

[92]Ҳисобот оиди фаъолияти ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар ш. Хоруғ дар семоҳаи аввали соли 2018 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.3.

[93]Ҳисобот оиди фаъолияти ФМД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар ш. Хоруғ дар семоҳаи аввали соли 2018. – С.3.

[94]Сӯҳбати муаллифи ин сатрҳо бо Директори ФМД "МТКТ" дар ш.Хоруғ Ч.Муаллимшоева, 15 июни соли 2018.

давоми 11 соли охир 64 нафар бонувон ба маблағи 1 миллиону 670 ҳазор сомонӣ соҳиби грантҳои Президентӣ гардиданд[95].

Дар давоми ин солҳо 9 нафар бонувони ноҳияи Ванҷ соҳиби гранти Президентӣ шуданд. Аз ҷумла, Шерова Сурайё соли 2009 оиди ташкили сехи дӯзандагӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ дар деҳаи Убари Даргови ҷамоати деҳоти М.Абдуллоев се нафарро бо ҷои кори доимӣ таъмин намуд. Усмонова Ҷамила соли 2005 бобати ташкили сехи бофандагӣ ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ соҳиби грант гардида, се нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардиданд. Абдолова Бибиҷон бошад, соли 2013 барои ташкили сехи дӯзандагӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ, дар ҷамоати деҳоти Язгулом фаъолият намуда, чор нафар ҷавондухтаронро бо ҷои кори доимӣ таъмин намуданд[96].

Дар ноҳияи Дарвоз Давлатова Гулҷаҳон ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ, Ёрова Савлат ба маблағи 15 ҳазор сомонӣ, Азизова Зайнаб ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ соҳиби грантҳои Президентӣ гардиданд.

Дар ноҳияи Рушон бошад, ташкилоти ҷамъиятии «Амина» (сарвараш Муборакшоева Амина) барои коркарди мӯина ба маблағи 5 ҳазор сомонӣ, Назаршоева Маҳингул бобати эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ, соҳиби грантҳо гардиданд. Онҳо аз рӯи лоиҳаи пешниҳодшуда фаъолият дошта, зиёда аз 30 нафар бонувони ҷамоатҳои Басид ва Н. Додихудоев бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, маҳсулоти санъати дастии худро дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ба фурӯш бароварда истодаанд[97]. Дар соли 2015 Худобахшова Лаълбегим барои ташкили сехи дузандагӣ дар маркази ноҳияи Рушон ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ комёб гардид.Дар соли 2016 як нафар ба маблағи 20000 сомонӣ ва

---

[95]Гузориш оиди фаъолияти грантыои Президентӣ дар қаламрави вилоят аз соли 2007 то 2017 // Бойгонии Ҳукумати ВМКБ. – С.1.

[96]Гузориш оиди фаъолияти грантҳои Президентӣ дар қаламрави вилоят аз соли 2007 то 2017 // Бойгонии Ҳукумати ВМКБ. – С.1

[97]Ҳисоботи шуъбаи кор бо занон ва оилаи ВМКБ оид ба фаъолоияти даҳ солаи грантҳои Президентӣ солҳои 2006-2016. – С.1-6.

дар соли 2017 ду нафар ба маблағи 40000 сомонӣ барои кушодани сехи дузандагӣ соҳиби гранти Президентӣ дар ин ноҳия гардиданд[98].

Дар ноҳияи Шуғнон, дар давраи ба риштаи таҳқиқ гирифта 10 нафар соҳиби гранти Президентӣ гардиданд. Инҳо Муқаиршоева Заррина ба ҳаҷми 10 ҳазор сомонӣ, Соли 2015 Хуҷаназарова Маҳина барои таъсиси маркази эҳёи ҳунарҳои миллӣ-бадеӣ ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ соҳиби грант гардиданд[99].

Дар давраи тадқиқотӣ дар ноҳияи Мурғоб Ҷураева Майрамхон ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ барои тайёр кардани қолини миллӣ, Алибоева Чиноргул 40 ҳазор сомонӣ барои ташкили сех оид ба тайёр намудани маҳсулоти пашмин соҳиби грантҳо гардида, 11 нафар занони хонашинро ба ҷои кори доимӣ бо маоши 350-400 сомонӣ таъмин намуданд. Корхона ашёҳои пашмии ниёзи мардумро истеҳсол карда, даромади солонаи корхона 50 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Сех дар як моҳ дар маҷмуъ 20 адад курпача, 25 адад болишт, 11 адад бистари хоб, 8 дона гилемро тайёр менамояд. Дар оянда ният дорад, ҷойгоҳи корхонаро васеътар намуда, шумораи коргаронро аз 11 нафар ба 60 нафар расонад. Инчунин, соли 2016 дар ноҳия Ниязбекова Ибодат барои тайёр намудани маҳсулоти пашмин дар ҳаҷми 20 ҳазор сомонӣ соҳиби грант гардид[100].

Дар ин давра, дар ноҳияи Ишкошим 5 нафар зан соҳиби гранти Президентӣ гардиданд. Аз ҷумла, Мародасейнова Сафармо ба маблағи 5 ҳазор сомонӣ соҳиби гранти Президентӣ гардида, дар деҳаи Сист бо ҷалби панҷ нафар занони хонанишин сехи дузандагӣ кушода, сехи номбурда то соли 2013 аз қабили, курпаю болиштҳои гулдузӣ, ва дигар моводҳои ниёзи мардум истеҳсол мекард. Аммо аз сабаби боришоти зиёд қисми зиёди сехи дузандагӣ валангор гардида, аз фаъолият бозмондааст. Шоалифова Силсиламоҳ оиди эҳёи ҳунарҳои мардумӣ аз қабили «Сабадбофӣ» ба маблағи

---

[98]Гузориш оиди фаъолияти грантҳои Президентӣ дар қаламрави вилоят аз соли 2007 то 2017 // Бойгонии Ҳукумати ВМКБ. – С.2.
[99]Дар ҳамон ҷо. – С.2.
[100]Дар ҳамон ҷо. – С.3

10 ҳазор сомонӣ соҳиби грант гардида, панҷ нафар занҳои хонашинро ба кор ҷалб намуд, вале айни замон фаъолияташро қатъ намудааст[101]. Абдураҳимова Ҷоннамо дар озмун ҷиҳати соҳиб шудан ба Гранти Президентӣ ширкат варзида, ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ барои сохтани корхонаи тибетресӣ аз муйи бузи кашмирӣ ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ муваффақ гардид[102].

Теъдоди гирандагони грантҳои Президентӣ дар шаҳри Хоруғ дар давоми 10 сол ба 18 нафар расид. Масалан, Гуломова Сулҳия барои ташкили сехи дӯзандагӣ 5 ҳазор сомонӣ, Мирзоева Бибиноз барои бозомӯзии занону ҷавондухтарони бекор дар ҳаҷми 10 ҳазор сомонӣ, Ҳусейнова Зебинисо барои таъсиси сехи дузандагӣ ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ, Шерғозиева Заррина ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ ва ғайраҳо соҳиби грантҳо [103] гардиданд. Ҳамасола дар назди Мирзоева Бибиноз зиёда аз 100 нафар занону ҷавондухтарони бекори шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят касбҳои дузандагӣ, бофандагӣ ва қаннодиро аз худ карда истодаанд.

Дар соли 2015 аз шаҳри Хоруғ Хушвахтова Адолат барои ташкили сехи дӯзандагӣ ба маблағи 30 ҳазор сомонӣ, соли 2017 Бандалиева Аслигул, барои кушодани сехи дузандагӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ ба гирифтани гранти Президентӣ муваффақ шуданд[104]. Бояд қайд кард, ки дар соли 2018 теъдоди гирандагони грантҳои Президентӣ дар ВМКБ ба 15 нафар расид, ки ин нишондоди хеле хуб мебошад. Вале бояд гуфт, ки дар баробари муваффақиятҳо дар вилоят баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд. Масалан, дар солҳои қаблӣ баъзе аз бонувони ВМКБ маблағи грантро гирифта, онро ғайримақсаднок истифода менамуданд. Чунончи, Саломатшоева Фирӯза дар ҳаҷми 30 ҳазор сомонӣ барои ташкили сехи дӯзандагӣ гирифт, аммо дар бораи фаъолияти сехи дузандагӣ ягон маълумоти на дар бахши кор бо занон

---

[101]Гузориш оиди фаъолияти грантҳои Президентӣ дар қаламрави вилоят аз соли 2007 то 2017 // Бойгонии Ҳукумати ВМКБ. – С.2.
[102]Гузориш оиди фаъолияти грантҳои Президентӣ дар қаламрави вилоят аз соли 2007 то 2017 // Бойгонии Ҳукумати ВМКБ. – С.4.
[103]Дар ҳамон ҷо. – С.5.
[104]Дар ҳамон ҷо. – С.6.

ва оилаи ноҳияи Шуғнон ва на дар шуъбаи кор бо занон ва оилаи вилоят дастрас нест[105].

Дар пешрафти ҳунарҳои мардумии ВМКБ, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бағоят бузугр аст. Масалан, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, таҳти рақами № 375 "Дар бораи инкишоф додани қолинбофӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", далели ин гуфтаҳост. Инчунин «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидани соли 2018 аз ҷониби Пешвои муаззами миллат низ нақши хоса дар рушди ҳунарҳои мардумии вилоят гузошт[106].

25 январи соли 2018 дар шаҳри Хоруғ намоишгоҳи офаридаҳои ҳунармандони шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар чорчӯбаи барномаҳои "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" барпо гардид. Ба гузориши мудири бахши иттилоотӣ-таҳлилии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Нилуфар Асламшоева, маросими ифтитоҳи намоишгоҳи ҳунарҳои мардумӣ бо иштироки раиси ВМКБ Шодихон Ҷамшед ва масъулини вилоят баргузор шуд[107].

Шодихон Ҷамшед раиси ВМКБ таъкид кард, ки баргузории чунин намоишгоҳҳо барои ҳунармандони санъати дастӣ шароит фароҳам меорад то маҳсули дастранҷи худро ба бозори меҳнат бароранд.

13 майи соли 2018 дар боғи водии Вахши вилояти Хатлон воқеъ дар шаҳри Бохтар намоиши дастранҷи мардуми заҳматкаши Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлон баргузор гардид. Аз рафти намоиши маҳсули дастранҷи заҳматкашон раиси вилояти Хатлон Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода, раиси ВМКБ Шодихон Ҷамшед ва меҳмонон дидан намуда, ба ҳунари дастии бонувони вилоят баҳои баланд доданд.

---

[105] Гузориш оиди фаъолияти грантҳои Президентӣ дар қаламрави вилоят аз соли 2007 то 2017 // Бойгонии ҷории ҳукумати ВМКБ. – С.6.

[106] **Муф. дар ин бора ниг.:** Рамзи "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" тасдиқ шуд // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2018. – 22 январ.

[107]Асламшоева, Н. Ҷӯробу тоқӣ: Кӯҳистони Бадахшонҳунарҳои мардумиашро ба намоиш гузошт / Н. Аламшоева [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://m.sputnik-tj.com/society/20180125/1024541682.html

Ҷои зикр аст, ки Сарвари давлат перомуни рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон дастур доданд, ки ба ҳунармандон ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнокро тавассути фонди дастгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монанд. Инчунин, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои санъати дастии ҳунармандон аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шавад[108].

Бояд тазаккур дод, ки таҷҷасуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос низ мушоҳида мешавад. Зеро либоси миллӣ рукни муҳими ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги ҳар як халқу миллат аст. Аксар вақт намояндаи ҳар миллатро маҳз бо ҳамин пироҳанаш мешиносанд. Воқеан анъанаҳои миллӣ ва ҳифзу риояи он дар замони муосир басо муҳим аст. Мутаассифона, аксар вақт мушоҳида мешавад, ки мардуми мо ба ин масоил кам таваҷҷӯҳ менамоянд. Ба қадри арзишҳои миллӣ нарасида, ба анъанаҳои халқҳои дигар, бахусус дар либоспӯшии онҳо тақлид менамоянд. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, таъкид намудаанд, ки дар шароити рӯз аз рӯз мураккабу печида гардидани вазъи ҷаҳони муосир падару модарон, роҳбарону фаъолон, аҳли маориф ва зиёиён вазифадоранд, ки ба тарбияи ҷавонон ва аз таъсири мафкураи бегона эмин нигоҳ доштани онҳо эътибори ҷиддӣ ва доимӣ диҳанд.

Воқеан ҳам, чунин андешаҳо дар замири мушоҳидаи ҳар як сокини Тоҷикистон ба миён меояд. Аз ин рӯ, ба фикри мо, тарбияи хонаводагӣ дар ин бобат басо муҳим аст. Тақлиди куркурона ба либоспӯшии бегона вақтҳои охир хеле муд шудааст. Агар волидайн ба ин масъала монеъ нагарданд, пас пеши роҳи ин бегонапарастиро гирифтан хеле душвор мегардад. Албатта, вақти он расидааст, ки ба анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла, ба тарзи либоспушии

---

[108]Ҳисоботи кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018. – С.8-9; http://hl.mailru.su/mcached?q=Соли 2018 соли рушди туризм ва ҳунарҳои мардуми&qurl=http%3A%2F%2Fkumitaizanon.tj%2Findex.php%2Ftj%2Fkhabar-o%2F311-soli-2018-soli-rushdi-sajjo-va-unar-oi-mardë

хеш диққати ҷиддӣ бидиҳем, то ҷаҳониён бидонанд, ки мо миллати бофарҳанг ва анъанаву суннатҳои дерини худро моликем. Ҷои зикр аст, ки либос танҳо аз як порча матоъ иборат нест. Сухан пиромуни либос ҳамчун рукни фарҳанги миллӣ меравад, ки онро бояд ҳифз намуд. Зеро ҳамин ҷузъи фарҳанги миллӣ-либос, моро ҳамчун намояндаи миллати тоҷик муаррифӣ менамояд, бояд аз тақлид нигоҳ дошта шавад. Инҷо ин мавзӯъ танҳо барои ҳуввияти миллӣ роҳандозӣ мегардад. Воқеан агар дурусттар андеша намоем, ба бар кардани пироҳани миллӣ ҳам ба ҳусни духтари тоҷик ҳусн меафзояду ва ҳам барои саломатии онҳо муфид аст.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки баъд аз дастранҷ гардидан ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ санъати мардуми ВМКБ қадам ба қадам зина ба зина рӯ ба инкишоф ниҳод. Бо роҳбарии хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати пайгиронаи ӯ дар ҷодаи пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Тоҷикистон, дар ВМКБ низ таҳаввулоти назаррас дар инкишофи санъати касбӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба миён омаданд. Ба мушкилиҳои муваққатӣ нигоҳ накарда аҳолии вилоят дар амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат камари миён бастанд ва баҳри рушду нумӯи Тоҷикистони азиз саъю кӯшиш доранд.

## I.3. Инкишофи соҳаи варзиш дар ВМКБ

Шароити иқлим ва ҷуғрофии Бадахшон водор менамуд, ки аҳолии он бо кори вазнини ҷисмонӣ банд бошанд. Аз айёми кӯдакӣ дар тай намудани роҳҳо, аз як минтақа ба митақаи дигар ҳиҷрат намудан, ба даст даровардани ғизо ва сӯзишворӣ аз аҳолӣ обу тоби ҷисмониро талаб менамуд. Аз ин рӯ ҷавонони ин минтақа ҷисман хеле пурқувват ва обутобёфта ба воя мерасанд. Бесабаб нест, ки айёми идҳои мардумӣ, миллӣ ва хурсандиҳои оилавӣ (зодрӯзи кӯдак, никоҳи ҷавонон, Сада, Наврӯз, Меҳргон) аҳолӣ  ҳатман санҷишҳо ва мусобиқаҳои варзиширо ба сомон расонида хурсандӣ менамуданд. Ғолибони ин мусобиқаҳои варзишҳои миллӣ дар деҳа, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ шӯҳратманд гардида, номи онҳо вирди забони ҳамагон мегардид.

Иқлим ва муҳити ҷуғрофии минтақа водор менамуд, ки як зумра намудҳои бозиҳои варзишии миллӣ дар Бадахшон тавлид ва инкишоф ёбанд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки аз замони қадим ва асрҳои миёна дар байни аҳолии вилоят чунин намудҳои бозиҳои варзишӣ ба монанди сангпартоӣ (аксаран сангҳои вазнин), давидан ба баландии теппа, ҷавгонбозӣ, баромадан ба сутун, кашидани арғамчин, бузкашии обӣ (бузи сунъиро ба маҷрои дарёи куҳӣ партофта ҷавонон онро дарёб менамуданд), бузкашӣ, гӯштингирӣ ва ғайра хеле маъмул будааст.

Дар асри XX Помир ба яке аз марказҳои асосии умумииттифоқии кӯҳнавардӣ табдил ёфт. Аз экспедитсияи тоҷикӣ-помирии умумииттифоқӣ бо сарварии А. Облаков  соли 1932 оғоз гардида, ҳар сол садҳо  кӯҳнавардон ба кашфи кӯлҳои баландтарини Иттиҳоди Шӯравӣ ба Бадахшони Тоҷикистон ташриф  меоварданд. Мусобиқаҳои умумииттифоқӣ ва байналмилалии кӯҳнавардон Помири Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамуданд. Ин боиси тарбияи даҳҳо кӯҳнавардони тоҷик гардид, ки дар солҳои Шӯравӣ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Равнақи тарбияи ҷисмонӣ ва рушди варзиш дар ВМКБ баъд аз ба охир расидаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо суръати баланд ба чашм намуддор мегардид.

Дар солҳои 50 – ум ва 80 – уми қарни XX ба кӯмаку заҳмати мураббиёни русзабони мактаби шинохтаи чунин намудҳои варзиш ба монанди волейбол, гандбол, гӯштини тарзи озод ва классикӣ , дзюдо, самбо ва ғайра ба миён омаданд. Оиди дастранҷҳои варзишгарони ВМКБ олим ва мураббии варзидаи волейбол Б. Мавлоназаров[109].дар рисолаи номзадиаш таҳқиқоти ҷолиберо ба сомон расонидааст. Мавриди зикр аст, ки дар ҷодаи варзиш ҷавондухтарони ВМКБ ҳоло фаъол ва натиҷаҳои фаъолияти онҳо хеле назаррас мебошад. Ҷавондухтарони вилоят дар солҳои 60-80-ум ва замони истиқлолият дар ҷодаи варзиш аз рӯи намуди волейбол, шоҳмот, тенисси рӯи миз ва варзиши сабук ба муваффақиятҳо ноил гардиданд. Яке аз аввалин коршиносони умумииттифоқ аз рӯи намуди гӯштини самбо Афзалшоҳ Олимов дар тарбияи чандин насли варзишгарони тоҷик саҳм гузоштааст. Дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз паҳлавонписарони ВМКБ дар мусобиқаҳои гӯштини тоҷикӣ дар тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ва берун аз он ( аксаран дар Узбекистон ва Кирғизистон) ширкат варзида, дастболо мегардиданд.

Дар аввали солҳои 90 – уми асри XX вазъи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Тоҷикистон ва ВМКБ вобаста ба дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ коста гардид. Музаффариятҳои варзишгарони тоҷик дар арсаи байналхалқӣ асосан аз ҳисоби захираҳои кадрии қаблӣ ва устодони собиқадори варзиш дастболо мегардиданд.

Баъди расидан ба сулҳу салоҳ ва Ваҳдати комили миллӣ, Ҳукумати Тоҷикистон бобати эҳё ва рушди соҳаи варзиши мамлакат тамоми чораҳои зарурирро пиёда намуд. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш” соли 1997[110] қабул карда шуд. Бобати дар амал татбиқ намудани қонуни мазкур соли 1997 шумораи тамоми иншоотҳои

[109]**Дар ин бора ниг.:** Мавлоназаров, Б. История развития физической культуры и спорта в ГБАО (1950-1990гг.): Автореф. дисс... канд. истор. наук / Мавлоназаров Бекназар. – Хорог, 1998. – 24 с.
[110]Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте». – Душанбе, 1997. – С.4.

варзишӣ ба 6243 адад расонида шуд. Аз ҷумла, варзишгоҳҳо – 71 толорҳои варзишӣ 1021, аз ҷумла, дар ВМКБ 3 адад варзишгоҳ, 394 майдончаҳои варзишӣ ва 21 толори варзишии типи нав сохта ба истифода дода шуданд[111].

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ низ бобати солимгардонии аҳолӣ як қатор қарорҳои дахлдор қабул гардиданд, ки дар натиҷа иншоотҳои нави варзиши бунёд ёфта, сафи варзишгарони вилоят афзуд. Масалан, дар зарфи даҳ сол (1997-2007) дар ВМКБ шумораи варзишгарон ба 67416 расид, ки аз ин шумора 12698 нафарро духтарон ташкил медоданд[112].

Қобили зикр аст, ки дар беҳтар намудани вазъи саломатии мардум, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2003 "Оиди ташаккул додани тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2010" хеле муҳим арзёбӣ мешавад[113].

Оиди дар амал татбиқ намудани қарори дар боло зикргардида дар ВМКБ 13 маҷмааи варзишӣ бунёд гардида, дар онҳо 13214 нафар ҷавонон бобати обу тоб додани бадан ба варзиш рӯй оварданд, ки аз ин шумора 3202 нафарро духтарон ташкил доданд. Умуман аз 16416 нафар варзишгарони вилоят 3402 нафар занон буданд[114].

Дар рушди соҳаи варзиши вилоят дар солҳои 1991-2016 саҳми инструкторон-методистон: Б. Мавлоназаров , Т. Назаршоев, Б. Хусравов, Г. Назарбеков, В. Алиназаров, Ф. Султонов, О. Ашурмамадов, М. Мазорбонов, А. Гадомамадов, С. Азимшоев ва дигарон хеле назаррас аст. Агар дар соли 2007 дар вилоят 24 инструктор-методист, 68 тренер-муаллимон ва 659 муаллимони тарбияи ҷисмонӣ фаъолият намуда, аз ин шумора 66 нафарро занон ташкил медода башанд, пас дар соли 2017 ин шумора ба 10 мактаби

---

[111]Каримова, Д. Предпосылки к зарождению / Д. Каримова // Варзиш – Спорт. – 2004. – 5 апрел.

[112]Худжасаидова, Н. Участие женщин ГБАО в общественно-политической, культурной и экономической жизни Республики Таджикистан (1991-2008гг.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Худжасаидова Низорабегим Хушкадамовна. – Душанбе, 2008. – 22 с.

[113]Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3.03.2003 г., № 84, «О программе формирования здорового образа жизни в Республике Таджикистан до 2010г.» // Варзиш – Спорт. – 2003. – 7 марта.

[114] Ҳисоботи Раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар солҳои 1997-2007 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.15.

варзишӣ, 214 инструктор-методист, 860 нафар омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ, 3641 варзишгар, аз ҷумла 850 нафар занон расонида шуд[115]. Дар муассисаҳои мазкур аз рӯйи 16 намуди варзиш 326 гурӯҳи варзишгарон ба тамрини бадан машғуланд. Яъне дар солҳои ба риштаи тадқиқ гирифташуда миқдори омӯзгорони соҳаи варзиш афзуда, базаи моддӣ-техникии онҳо мустаҳкам шуда, сафи варзишгарон афзуда истодааст.

Масалан, дастаи волейболбозони Бадахшон аз соли 1997 то 2017 дар мусобиқаҳои шаҳрҳои Теҳрон, Алма-Ато, Бишкек, Душанбе ва ғайраҳо иштирок намуда, аз худ маҳорати баланди варзишгарӣ нишон дода, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд[116].

Аъзоёни дастаи волеболбоззанони вилоят: Ф. Сабзалиева, Н. Шабдолова, С. Зоолшоева, Х. Давронова, У. Мирзоқандова, Х. Бодурова, М. Ҳамроева, А. Абдураҳмонова, З. Имроншоева ва дигарон дар мусобиқаи занонаи ҷумҳурииявӣ дар моҳи майи соли 2008 иштирок карда, сазовори ҷои дуюм гардиданд[117].

Инчунин дастаи мазкур, дар мусобиқаи байналхалқӣ, ки дар моҳи июни соли 2008 дар шаҳри Найробии давлати Кения дар байни варзишгарони 27 кишвари дунё доир шуда буд, сазовори ҷои дуюм гардид.

Бояд гуфт, ки дар давраи ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо варзиш ва фаъолияти варзишӣ омили асосии муаррификунандаи ҳар як халқу миллат мебошад. Ин аст, ки таваҷҷӯҳи Ҳукумати кишвар ба соҳаи варзиш сол аз сол зиёд шуда истодааст.

Моҳи майи соли 2007 дар ш. Душанбе спартакиадаи занони ҷумҳурӣ барпо гардид, ки дар он 12 нафар варзишгардухтарони вилоят иштироки фаъолона доштанд. Мусобиқа аз рӯи намуди волейбол, баскетбол, тэквандо

[115]Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. Ҳисоботи раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар соли 2008. – С.2; Ҳисоботи раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши ВМКБ соли 2017. – С.8-10.

[116]Худжасаидова, Н. Участие женщин ГБАО в общественно-политической, культурной и экономической жизни Республики Таджикистан (1991-2008гг.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Худжасаидова Низорабегим Хушкадамовна. – Душанбе, 2008. – 22 с.

[117]Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. Ҳисоботи раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар солҳои 1997-2008. – С.4.

ва дигар намудҳои варзиш доир гардида, варзишгардухтарони вилояти Бадахшон дар спортакиада ҷои дуюмро ишғол намуданд[118].

Мактаби варзишии кӯдакон ва наврасони вилоят бобати дар ҳаёт татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон " Оиди варзиш" аз 20 декабри соли 2006, таҳти рақами 429, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи умумии инкишофи варзиш барои солҳои 2011-2015" таҳти рақами 278 аз 2 июни соли 2011 корҳои зиёдеро ба сомон расониданд. Инчунин, варзишгарони вилоят дар мусобиқаҳои байналхалқӣ низ иштироки фаъолона доранд. Чунончи, тарбиягирандаи мактаби кӯдакон ва наврасони варзишии ноҳияи Роштқалъа Ш. Алидодов дар соли 2013 дар мусобиқаи кушоди Осиё дар шаҳри Теҳрон аз рӯи мусобиқаи каратэ "Кёкушенкай" ширкат карда, сазовори дипломи мусобиқа гардида, ба ҳайати 10 нафар беҳтарин варзишгарон шомил гардида, роҳхат барои иштирок дар мусобиқаи "Евразия"-и Ҷумҳурии Қазоқистонро дарёфт намуд[119].

5 январи соли 2013 дар спорткомплекси "Алоқа"-и ш. Душанбе мусобиқаи кушод оиди гӯштини миллӣ доир гардид . Дар ин спартакиада гӯштингири ҷавон дар риштаи гӯштини миллӣ П. Додихудо аз ВМКБ сазовори ҷои аввал гардид. Ҳамчунин, аз 7 то 8 январ дар ш. Душанбе дар клуби "Вастан" мусобиқаи кушод оиди гӯштини намуди дзюдо доир шуда, дар он тарбиягирадагони мактаби кӯдакон ва наврасони варзишии ноҳияи Шуғнон: И. Абдуллоев ва С. Қурбонбеков аз рӯи вазнашон ҷойҳои якумро ишғол карданд[120]. Аз 19 то 21 марти соли 2013 дар ш. Душанбе мусобиқаи ҷумҳуриивӣ оиди шоҳмотбозӣ дар байни кӯдакони аз 10 то 14 сола доир шуда, дар он варзишгарони ҷавони ноҳияи Шуғнон чунин натиҷаҳоро соҳиб шуданд: то сини 10 сола, В. Махсутшоева, сазовори ҷои якум, Х. Алиназаров

---

[118]Варзиш - гарави саломати // Бадахшон. – 2007. – 4 июн.
[119]Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Роштқалъа дар соли 2013. - №2-39 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ.. – С.2.
[120]Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Шуғнон дар соли 2013. - №39 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.3.

сазовори ҷои дуюм гардиданд. То сини 14 сола бошад, С. Абдулалишоева ва Ҷ. Қулмамадов ҷои дуюмро ишғол карданд[121].

Аз 15 то 20 апрели соли 2013 дар ш. Душанбе мусобиқаи варзишии наврасони Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, аз рӯи намуди варзиши сабук (паридан ба баландӣ ва дарозӣ) аз ноҳияи Шуғнон Ситораи Сафар сазовори ҷойи аввал ва дар мусобиқаи ҷаҳиши секарата (тройной прижок) ҷойи дуюмро сазовор гардид. К. Шоҳзодамуҳаммадов бошад, дар ҷаҳидан ба баландӣ ҷойи сеюмро ишғол кард. Иштирокчии дигар, М. Мансуров дар намуди бокс ҷойи дуюмро ишғол намуд. Аз рӯи намуди гӯштини самбо бошад, С. Доронов ва Ш. Сулаймоншоев сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Аз 20 то 25 апрели соли 2013 дар вилояти Суғд мусобиқа аз рӯи намуди варзиши "Кёкушинкай" доир шуда, дар он варзишагарони навраси ноҳияи номбурда, Т. Раҳматшоев, М. Давлатқадам, М. Чоршанбиева ва Н. Ҳасаналишоева дар вазнҳои мухталиф сазовори ҷои сеюм гардиданд. Инчунин, моҳи июни соли 2013 дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд мусобиқаи ҷумҳуриивӣ дар байни наврасон оиди шоҳмоти рӯимизӣ доир шуда, варзишгарони мактаби кӯдакон ва наврасони варзишии ноҳияи Шуғнон: Ш. Карамшоев, Г. Ҳикматзода ва М. Мирмамадова сазовори медали тилло; Н. Миралибекова ва Н. Махсудшоева сазовори медали биринҷӣ гардиданд[122].

Ҳамин тавр, варзишгарони мактаби кӯдакон ва наврасони варзишии ВМКБ дар мусобиқаҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриивӣ ва вилоятӣ 10 медали тилло, 17 медали нуқра, 9 медали биринҷӣ, дар маҷмӯъ соҳиби 36 медал гардиданд. Дар мусобиқаҳои вилоятӣ бошад, дар ин сол варзишгарони ҷавони ноҳияи Шуғнон 27 медали тилло, 14 медали нуқрагӣ, 13 биринҷӣ ва дар маҷмӯъ соҳиби 54 медал гардиданд[123].

Инчунин, варзишварони ноҳия аз 21 то 22 марти соли 2014 дар мусобиқаи ҷумҳуриивӣ оиди варзиши сабук фаъолона ширкат варзида, дар

---

[121]Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Шуғнон дар соли 2013. - №38 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ.. – С.2.
[122]Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Шуғнон дар соли 2013. - №38 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.3.
[123]Дар ҳамон ҷо.

он, С. Каримова  аз худ маҳорати баланди варзиши нишон дода,  сазовори ҷойи якум гардид[124].

Перомуни муваффақиятҳо ва мушкилотҳои ҷойдоштаи соҳаи  варзиши ноҳияи Мурғоб дар мадорики бойгонӣ чунин омадааст: “ Соли  2013 шумораи умуми ҷавонони ноҳия  4237 нафарро ташкил дода, аз ин шумора, 2043 нафар ҷавонписарон,  2194 нафар ҷавондухтарони  синни 14-17 сола ва  2861 нафарро ҷавонони 19-30 сола ташкил дод, ки  аз ин шумора 663 нафар ба ҷои кор таъмин буда, 2166 нафарро бекорон ташкил медиҳанд. Дар ноҳия мактаби кӯдакон ва наврасони варзишӣ фаъолият дошта, дар он 180 ҷавонписарону ҷавондухтарон ба тамрини бадан фаро гирифта шуда, аз онҳо 106 нафар ҷавонписарон ва 74 нафарро ҷавондухтарон ташкил медиҳанд”[125].

Аз 4 то 6 апрели соли 2013 дар ш. Хоруғ мусобиқаи вилоятӣ дар риштаи варзиши сабук доир шуда, дар он варзишгарони ноҳия 3 медали биринҷӣ ва як медали нуқрагинро соҳиб шуданд[126].

Аз таҳлил дида мешавад, ки варзишгарони ноҳияи Мурғоб то ба сатҳи мусобиқаҳои ҷумҳуриияви баромадан натавонистанд.

Дар ин бора мудири шуъбаи ҷавонон ва варзиши ноҳияи Мурғоб Б. Кодиров чунин менигорад:

- дар ноҳия толори варзишии ҷавобгуи талаботи замон вуҷуд надорад;
- барои гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ маблағи кофӣ ҷудо карда намешавад;
- дар солҳои охир дар ноҳия умуман спартакидаи талабагони мактабҳои миёна гузаронида намешавад. Инчунин, Б. Кодиров дар поёни ҳисоботаш менигорад: “Дар ин бора борҳо ба мақомоти дахлдор муроҷиат намудем, вале масъала то кунун ҳалли худро наёфтааст”[127].

---

[124]Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Шуғнон дар соли 2013. - №38 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.4.
[125]Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Мурғоб дар соли 2013. - №2-39 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.9.
[126]Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Мурғоб дар соли 2013. - №2-39 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.9.
[127]Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Мурғоб дар соли 2013. - №2-39 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.2.

Қобили қайд аст, ки соҳаи варзиши вилоят дар маҷмуъ солҳои охир рӯ ба инкишоф ниҳода, варзишгарони вилоят ҳатто дар мусобиқаҳои байналхалқӣ низ соҳиби дастовардҳои шоён гардидаанд. Масалан, аз 22 то 23 марти соли 2014 мусобиқаи кушоди ҷавонон оиди киёкушенкай дар ш. Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон доир шуда, дар он варзишгарони вилоят М. Назархудоева ва Н. Ҳасаналишоева иштирок карда, сазовори ҷои сеюм гардиданд. Рӯзҳои 28-29 марти ҳамон сол дар ш. Душанбе мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оиди бокс доир шуда, дар он И. Қурбонбеков дар вазни худ сазовори ҷои аввал гардид[128].

Дар мусобиқаи Осиё, ки рӯзҳои 25-29 июни ҳамон сол дар ш. Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир гардид, варзишгари ҷавон Х. Хусравов иштирок карда, дар вазни хеш ҷои аввалро ишғол кард. Инчунин, моҳи ноябри ҳамон сол ӯ дар чемпионати ҷаҳон дар давлати Япония иштирок карда, сазовори ҷои аввал гардид[129].

Тарбиягирандагони мактаби варзишии кӯдакон ва наврасони ВМКБ моҳи майи соли 2014 дар мусобиқаи гуштини миллӣ, ки дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб доир гардид, иштироки фаъол дошта, варзишгарони вилоят: Д. Азизуллоев, А. Хуҷаазизов (гӯштини миллӣ), Б. Боқиев Б, Х. Хусравов, С. Раҳмихудоев, Ш. Заренов, Ҷ. Боқиев, С. Шанбиев (аз рӯи самбо) дар вазнҳои мухталиф ҷойҳои якумро ишғол карданд[130].

Моҳи июли ҳамон сол дар варзишгоҳи марказии ш.Хоруғ мусобиқаи ҷумҳуриявӣ ба хотири собиқ устоди варзиши ИҶШС Азалшо Олимов барпо гардида, дар он варзишгарон аз шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ иштирок карданд. Дар он варзишгарони ВМКБ А. Мулкамонов, М. Ҷумъахонов, А. Садиров, Б. Боқиев ҷойҳои сазоворро ишғол карданд. Варзишгарони дигари вилоят З. Азизуллоев, З. Имомёрбеков,

---

[128]Ҳисоботи бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Шуғнон дар соли 2014. - №38 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.2-3.
[129]Дар ҳамон ҷо. – С.3.
[130]Ҳисоботи мактаби варзиши махсуси кӯдакон ва наврсаони вилоят аз 10 декабри соли 2014. - №38 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.3.

С. Бандалиев, А. Додихудоев ҷойи дуюм ва Ф. Гулдасташоев, С. Асаншоев, К. Заренов, К. Қадамов ҷои сеюмро ишғол карданд[131].

Тарбиягирандагони мактаби кӯдакон ва наврасони варзишии ВМКБ рӯзҳои 17 то 18 майи соли 2014 дар мусобиқаи гӯштини тарзи озод дар ш. Алма-Ато дар ҳисоби гурӯҳӣ ҷои сеюмро ишғол карданд.

Аз 8 то 9 ноябр дар мусобиқаи байналхалқии ш.Тошканд варзишгарони ВМКБ А.Мирзоев ва С. Раҳмихудоев ҷои дуюмро ишғол карданд. Аз 22 то 23 ноябр бошад, дар ш. Душанбе дуюмин мусобиқаи байналмилалӣ оиди дзюдо барои кубоки Вастан доир шуда, дар он варзишгарон аз Россия, Афғонистон, Белоруссия, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Эрон, иштирок карданд. Дастаи яккачини ВМКБ дар ин мусобиқаи бонуфуз як медали тилло, чор медали биринҷиро ба даст овард[132].

Дар маҷмӯъ варзишгарони мактаби кӯдакон ва наврасони ВМКБ дар соли 2014 дар 7 мусобиқаи байналхалқӣ, 5 ҷумҳуриииявӣ ширкат варзида, соҳиби 33 медал, аз он ҷумла 11 медали тилло, 10 медали биринҷӣ ва 12 медали нуқрагин гардиданд[133].

Варзишгардухтарони вилоят низ дар мусобиқаҳои ҷумҳуриииявӣ иштирок карда, аз худ маҳорати баланди варзишӣ нишон доданд. Масалан, аз 17 то 22 майи ҳамон сол дар ш. Душанбе бозиҳои варзишӣ дар риштаи баскетбол байни занон доир гардида, тарбиягирандагони мактаби кӯдакон ва наврасони варзишии шаҳри Хоруғ бо медалу ифтихорнома сарфароз гардиданд.

Аз 26 то 31 май дар вилояти Суғд мусобиқа оиди армреслинг [134] доир шуда, тарбиягирандагони мактаби варзиши кӯдакон ва наврасони ВМКБ А.

---

[131]Ҳисоботи мактаби варзиши махсуси кӯдакон ва наврсаони вилоят аз 10 декабри соли 2014. - №38 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.3.

[132]Дар ҳамон ҷо. – С.4.

[133]Дар ҳамон ҷо. – С.3.

[134]Армрестлинг (Борьба на руках; от англ. Armsport, armwrestling, где arm - предплечье) - вид борьбы на руках между двумя участниками (вид Спортивных единоборств). Дар забони тоҷикӣ он дастхобонӣ номида мешавад. **Муф. дар ин бора ниг.:** Армрестлинг [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: // https://ru.wikipedia.org/wiki

Абдураҳмонов ва Ф. Шамсуддинов дар он ҷойҳои дуюм ва сеюмро ишғол намуданд.

Бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси ш. Хоруғ бахшида ба 77-солагии мураббии хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Одинаев дар варзишгоҳи ш. Хоруғ мусобиқаи ҷумҳуриииявӣ бо ҷоизаи пулӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ доир гардид. Дар он 6 дастаи яккачини ВМКБ иштирок карданд. Дар мусобиқаи мазкур ҷойи аввалро вилояти Суғд, ҷои дуюмро ВМКБ ва сеюмро ш. Душанбе ишғол карданд. Маблағгузорони асосии варзишгарони ВМКБ дар соли 2014 инҳо: раиси ш. Хоруғ Ф. Имомбердиев, директори генералии ширкати “Помир Энерҷи” Д. Ҷумъаев, соҳибкорони маҳаллӣ Х. Бахталиев, Н. Сабзалиев буданд[135].

Соли 2014 тарбиягирандагони мактаби кӯдакон ва наврасони ВМКБ дар вилояти Суғд баромад карда, варзишгарон Ш. Сабзалиев ва Х. Додхудоева сазовори ҷойи аввал, Х. Мародасейнов, О. Афзалшоев, Ф. Мастоншоев ва С. Мамадхоҷа ҷойи дуюмро ишғол карданд. Варзишгарон аз рӯи таэквондо бо роҳбарии мурабиён В. Алиназаров ва О. Ашурмамадов дар ин мусобиқа иштирок карда, дар он А. Одилбеков сазовори ҷойи аввал, У. Ибратшоева , М. Давлатшоева, Н.Мамадниҳолова, Д. Паҳлавонов, К. Гадолиев, У. Бердибеков сазовори ҷойи сеюм гардиданд[136].

Аз рӯи намуди варзиши сабук варзишгарони наврас С. Каримова, О. Мародасейнов сазовори медали тиллоӣ, ва аз рӯи намуди туби дастӣ М. Мазорбонов таҳти роҳбарии мураббиён Г. Гадомамадов ва С. Азимшоев сазовори ҷойи дуюм гардиданд. Муттаасифона дар дигар намудҳои варзиш аз қабили самбо, баскетбол (занона) ягон муваффақият дар ин мусобиқа ба даст наоварданд. Инчунин, дигар тарбиягирандагони мактаби варзишии ВМКБ

---

[135]Ҳисоботи мактаби варзиши махсуси кӯдакон ва наврасони вилоят аз 10 декабри соли 2014. - №38 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.3.

[136]Ҳисоботи мактаби варзишии комплексии кӯдакон ва наврасони вилоят аз 6 декабри соли 2014. - №17 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.2.

дар санҷиши гурӯҳӣ соҳиби 18 медал, аз ҷумла 3 медали тилло, 9 медали нуқра ва 6 медали биринҷӣ гардиданд[137].

Моҳи октябри соли 2014 дастаи яккачини вилоят дар мусобиқаи ҷумҳурииявӣ сазовори ҷойи дуюм гардид. Моҳи ноябри соли 2014 дастаи яккачини ВМКБ оиди варзиши сабук аз намуди туби дастӣ дар мусобиқаи ҷавонони соли таваллуди 1997-2000 сазовори ҷойи аввал гардид. Соли 2014 тарбиягирандагони ин мактаби варзишӣ дар ҳайати дастаи якачини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мусобиқаи байналхалқӣ иштирок карданд. Чунончӣ, тарбиягирандаи мактаби комплексии кӯдакон ва наврсони вилоят Одилбеков  Артур, моҳи феврали соли 2014 дар мусобиқаи Осиё дар Эрон иштирок карда, сазовори ҷойи аввал гардид. Бо гирифтани шоҳҷоиза садои суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дода, парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон парафшон гардид[138].

Инчунин, аз 8 то 9 ноябри соли  2014 дар мусобиқаи байналхалқии шаҳри Тошканд варзишгарони  ВМКБ А. Мирзоев ва С. Раҳмихудоев иштирок карда, дар вазнҳои хеш ҷойи дуюмро ишғол намуданд[139].

Дар тарбияи варзишгарони  ВМКБ  нақши муррабиҳо калон буда, баъзе аз онҳоро чун доварони соҳибтаҷриба ба мусобиқаҳои байналмилалӣ даъват карданд. Чунончӣ,  дар моҳи  сентябри соли  2014 дар шаҳри Инчхони Кореяи Ҷанубӣ бозиҳои Осиё доир гардида, ба он мурабии мактаби комплексии шаҳри Хоруғ оиди  таэквондо В. Алиназаров  ба сифати довари мусобиқа даъват шуда буд. Барои доварии холисона В. Алиназаров  бо унвон ва дипломи “Беҳтарин довари бозиҳои Осиёӣ-2014 сазовор диниста шуд”[140].

Аз 22 то 23 ноябри соли  2014 дар шаҳри Душанбе мусобиқаи даври дуюми байналхалқӣ оиди “Дзюдо” дар байни ҷавонон барои кубоки Вастан бо иштироки варзишгарон аз давлатҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон Афғонистон, Белоруссия, Россия, ва Озарбойҷон,

---

[137]Дар ҳамон ҷо. – С.3

[138]Ҳисоботи мактаби варзишии комплексии кӯдакон ва наврасони вилоят аз 6 декабри соли 2014. - №17 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.4.

[139]Дар ҳамон ҷо. – С.3.

[140]Дар ҳамон ҷо. – С. 4

баргузор гардид. Дар он дастаи якачини ВМКБ иштирок карда, соҳиби як медали тиллоӣ, чор медали нуқрагӣ ва чор медали биринҷӣ гардиданд Дар мусобиқаи мазкур директори мактаби комплексии кӯдакон ва ҷавонони ВМКБ, Хусравов Бек ба сифати ҷонишини сарсудяи мусобиқа интихоб шуд[141].

Дар маҷмӯъ, дар соли 2014 варзишгарони мактаби комплексии кӯдакон ва ҷавонони ВМКБ дар 6 мусобиқаи байналмилалӣ, 17 Ҷумҳуриияви иштирок карда, ҷамъ 72 медал, аз ҷумла 20 тилло, 24 нуқра ва 28 биринҷӣ ба даст оварданд. Варзишгари ҷавон дар намуди гӯштинии тарзи дзюдо Рашид Зиёбеков аз 10 то 31 август дар машқи якҷояи варзишгарони тоҷику рус дар шаҳри Челябинскийи Федератсияи Россия ширкат варзида, маҳорати хешро сайқал дод[142].

Аз 21 то 22 марти соли 2015 дар ш. Душанбе мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оиди армрестлинг доир шуда, дар он тарбиягирандагони мактаби комплексии кӯдакон ва ҷавонон бо роҳбарии мураббӣ У. Қурбонов ширкат варзида, як нафар варзишгар ҷойи якум, се нафар ҷойи дуюм ва 7 нафар ҷойи сеюмро ишғол намуданд. Аз 1 то 8 апрели соли 2015 дар ш. Анталияи Туркия мусобиқа оиди армрестлинг доир шуда, дар он варзишгар аз ВМКБ Х. Қурбонов дар вазни 55 кг ҷойи сеюмро ишғол кард[143].

Барои ноил гардидан ба чунин муваффақиятҳо аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба варзишгарони ВМКБ маҷмааи варзишӣ дар маҳаллаи Носири Хусрави ш.Хоруғ сохта ба истифода дода, ҳамчун тӯҳфа тақдим гардид. Маҷмааи мазкур дар масоҳати як га. барои 1700 ҷойи нишаст, бо маблағи 17 миллион сомонӣ, бунёд гардид. 30 июли соли 2015, Маҷмааи варзишӣ аз ҷониби Пешвои муаазами миллат, муҳтарам Эмомалӣ

[141]Ҳисоботи мактаби варзишии комплексии кӯдакон ва наврасони вилоят аз 6 декабри соли 2014. - №17 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.4.
[142]Дар ҳамон ҷо. – С.6.
[143]Ҳисоботи мактаби варзишии махсуси кӯдакон ва наврасон дар нимсолаи аввали соли 2015 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.2.

Раҳмон мавриди истифода қарор дода шуд. Қасри варзиш аз 5 адад толорҳои варзишӣ: барои бокс, тенниси рӯи миз, гӯштин, фитнес иборат аст[144].

Аз 11 то 12 апрели соли 2015 варзишгарони ҷавони вилоят соли таваллуди 1998-2000 Х. Азизов, П. Шаъбонов дар мусобиқаи ҷумҳуриияви оид ба дзюдо дар Душанбе ширкат варзида сазовори медали тилло ва К. Мамадназаров, сазовори медали нуқра гардид. Аз 2 то 3 майи соли 2015 дар шаҳри Хуҷанд мусобиқаи ҷумҳуриияви оиди гӯштини тарзи озод доир гардида, дар он варзишгарони ВМКБ М.Меҳробов, Ф.Саидиброимов иштирок карда, сазовори медалҳои биринҷӣ гардиданд[145].

Аз 3 то 4 майи соли 2015 дар шаҳри Душанбе мусобиқаи ҷумҳуриияви оиди гӯштини миллӣ доир шуда, дар он варзишгарони ВМКБ Ш. Мирмамадов, Н.Чоршанбиев сазовори медали биринҷӣ, Шанбиев С, ва Гулмамадов А. сазовори медали нуқра гардиданд.

5 то 6 майи соли 2015 спартакиадаи донишҷӯёни мактабҳои олии Тоҷикистон доир шуда, дар он аз рӯи намуди дзюдо варзишгар С. Шанбиев дар вазни 100 кг сазовори ҷойи якум ва Ш. Мирмамадов ҷойи сеюмро ишғол карданд[146].

Мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиши н.Шуғнон И.Имомёрбеков оиди муваффақиятҳои варзишгарони ноҳия чунин арзёбӣ намуданд: “27-28 апрели соли 2015 дар ш.Душанбе мусобиқаи ҷумҳуриияви оиди варзиши сабук доир шуда, дар он Рамзияи Додихудо сохиби медали тилло гардид. Рӯзҳои аз 2 то 23 майи соли 2015 мусобиқаи макотибҳои олии ҷумҳурӣ доир шуда, дар он варзишгарон Б. Чоршанбиев, С. Доронов аз рӯи намуди дзюдо баромад карда, ҷойи сеюмро ишғол намуданд. М. Мансуров ва Ф. Мамадбунаев бошанд, аз рӯи намуди бокс баромад карда, ҷойи сеюмро ишғол намуданд. Аз рӯи намуди тенниси рӯи миз М. Шодмонбекова ҷойи

[144]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ифтитоҳи Маҷмааи бошукӯҳи варзишӣ дар маҳаллаи Н. Хусрави ш. Хоруғ 30.07.2015. Шаҳри Хоруғ // http://mts.tj/index.php?catid=178%3A2013-09-16-12-06-02&id=636%3A-30072015-1243-&lang=tj&option=com_content&view=article

[145]Ҳисоботи мактаби варзишии махсуси кӯдакон ва наврасон дар нимсолаи аввали соли 2015 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.1.

[146]Дар ҳамон ҷо. – С.2.

сеюмро ишғол кард. Аз рӯи намуди шоҳмот дар мусобиқаи мазкур Ч.Қулмамадов иштирок карда, ҷойи дуюмро ишғол кард”[147].

Аз 15 то 21 майи соли 2015 варзишгарони ВМКБ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар мусобиқаи байналхалқӣ оиди намуди гандбол иштирок карда, тарбиягирандагони мактаби кӯдакон ва наврасони н.Шуғнон сазовори ҷойи аввал гардиданд[148].

Рӯзҳои 5 - 8 сентябри соли 2015 дар ш. Душанбе мусобиқаи ҷумҳуриииявӣ оиди шоҳмоти рӯи миз доир шуда, дар он варзишгарони н.Шуғнон, Ш. Карамшоев, Ҷ. Қулмамадов, Г. Қаландарбекова, Н. Махсутшоев иштирок карда, сазовори медалҳои тилло ва Ҷ. Қулмамадов ва С. Абдулалишоева соҳиби медали биринҷӣ гардиданд.

Дар соли 2015 тарбиягирандагони мактабҳои варзишии н.Шуғнон дар мусобиқаҳои байналхалқӣ 3 медал ба даст оварданд, аз ҷумла, як медали тилло ва ду медали нуқра. Дар мусобиқаҳои Ҷумҳуриииявӣ бошад, варзишгарони ин ноҳия соҳиби 48 медал, аз ҷумла: 16 медали тилло ва 17 медали биринҷӣ гардиданд. Дар мусобиқаҳои вилоятӣ бошад, онҳо сазовори 46 медал гардида, 23 медали тилло, 13 нуқра ва 10 медали биринҷӣ ба даст оварданд. Пас қобили қайд аст, ки варзишгарони ноҳияи Шуғнон танҳо дар соли 2015, соҳиби 97 медал гардиданд”[149].

Аз 17 то 18 марти соли 2016 дастаи яккачини ВМКБ дар чемпионати ҷумҷуриявӣ оиди самбо ширкат варзида, бародарон: Р.Зиёбеков ҷойи дуюм ва А. Зиёбеков ҷойи сеюмро ишғол карданд[150].

Дар соли 2018 паҳлавони мактаби варзишии ноҳияи Рӯшон Фарорун Мирзошоев, дар мусобиқаи 12 - уми қаҳрамонии Осиё оид ба дзюдо дар шаҳри Бейрути давлати Ливан ширкат варзида, сазовори ҷойи сеюм гардид. Фарорун Мирзошоев дар вазни то 55 кило соҳиби медали биринҷӣ гардид [196].

---

[147]Ҳисоботи мактаби варзишии махсуси кӯдакон ва наврасон дар нимсолаи аввали соли 2015 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.3.
[148]Дар ҳамон ҷо. – С.4.
[149]Ҳисобот барои нуҳ моҳи соли 2015 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.12.
[150]Ҳисоботи Маркази варзишии комплексии кӯдакон ва наврасони вилоят оиди фаъолияти семоҳаи аввали соли 2016 (аз 30 марти соли 2017. - № 5) // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.4.
[196]Ҳисоботи бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Рушон дар соли 2016. – С.6.

Дар н. Ванҷ дар замони истиқлолияти кишвар ҳамаги 69 иншооти варзишӣ, аз ҷумла, варзишгоҳи марказӣ дорои 5 ҳазор ҷойи нишаст, 4 толори варзишӣ, 33 майдончаи наздимактабӣ, 31 майдончаи назди хонаҳои истиқоматӣ ва ғайра бунёд гардид[151].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар, гарчанде дар рӯзҳои аввал соҳаи варзиш рӯ ба таназзул ниҳода бошад ҳам, бо дастгирии Ҳукумати кишвар, қабл аз ҳама Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди соҳаи варзиши мамлакат, хусусан варзишгарони ВМКБ тамоми шароитҳо фароҳам оварда шуданд. Перомуни дастоварҳои соҳаҳои мухталифи ҳаёти мамлакат дар даврони истиқлолият, хусусан инкишофи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ВМКБ, аз ҷумла соҳаи варзиш Президенти кишвар барҳақ чунин менигоранд: «Асри XXI асри Бадахшон хоҳад шуд”. Тақвияти ин гуфтаҳост, ки дар давраи истиқлолият соҳаи варзиши вилоят рушд ёфта, варзишгарони вилоят дар мусобиқаҳои ҷумҳуриияви ва байналхалқӣ фаъолона ширкат варзида, парчами Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон парафшон намуданд.

Ҳамин тариқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар замони истиқлолият ба туфайли ғамхории роҳбарияти кишвар, ба истифода додани иншоотҳои варзишӣ омода намудани мутахассисони соҳаи варзиш ин соҳа рӯ ба инкишоф ниҳода, имкон дод, ки варзишгарони вилоят дар мусобиқоти ҷумҳуриявиву байналмилалӣ ширкат намоянд.

---

[151]Пирумшоев, Х. П. Ванҷ / Х. П. Пирумшоев. – С.413.

## 4. Рушди соҳаи сайёҳӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Аз замонҳои қадим диёри сарбафалаккашидаи Помир, пиряххои азим, гармчашмаҳои шифобахш, растаниҳо ва гиёҳҳои давобахш, сангҳои қиммат ва нимқиммат ва мардуми дилкушои он диққати сайёҳон, олимон, варзишгарон, дӯстдорони табиат ва сайёҳони экстрималиро ба худ ҷалб намудаст.

Ривоятҳои зиёд ва сарчашмаҳои таърихӣ хусусан падари таърих - Ҳеродот дар асари худ "Таърих" аз олами табиат, наботот, иқлим ва аҳолии Помир маълумотҳои муфассал медиҳанд.

Ёдгориҳои санъати меъмории қадими Бадахшон ба монанди қалъаи Ямчун ва Қаҳқаҳа (Ишкошим), Карон (Дарвоз) петроглифҳои ноҳияҳои Шуғнон, Рӯшон, Мурғоб ва Ишкошим аз фарҳанги ғании аҳолии ВМКБ шаҳодат медиҳанд.

Аз рӯи маълумоти бостоншиноси маъруфи шӯравӣ ва Тоҷикистон М. А. Бубнова[152] танҳо дар Помири Ғарбӣ беш аз 2 ҳазор ёдгориҳои бостонӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Бостоншиноси маъруфи шӯравӣ П. Окладников, Б. А. Литвинский, А. Бобоева , Ю. Ёқубов, М. Бубнова, В. А. Ранов, Т. Беляева ва дигарон дар асоси ҳафриётҳои илмии бостоншиносӣ хабар медиҳанд, ки новобаста ба мушкилгузар будани роҳҳои минтақа ва шароити экстремалии табиӣ дар Бадахшон раванди фаъоли ҳиҷрати одамони қадим ва асримиёнагӣ арзи вуҷуд дошт. Нигораҳои ёфтшудаи бостоншиносӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки коркарди фулузот ва пеш аз ҳама, мис ва биринҷӣ дар ВМКБ ба сатҳи баланди худ расида буд.

Баробари инкишофи кӯҳнавардии варзишӣ, ки дар боло иброз гардид, дар Бадахшон дар солҳои шӯравӣ таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ аз ҷониби олимони Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, ки аҳамияти стратегӣ (ҳарбӣ) ва нуҷумшиносӣ дошт, ба роҳ монда шуд. Махфӣ нест, ки дар шароити

[152]Бубнова, М. А. Археологические памятники Западного Памира / М. А. Бубнова. – Душанбе, 2015. – 305 с.

баландкӯҳи Бадахшон кайҳонавардони шӯравӣ тайёрии махсус медиданд. Маҳз ин омилҳо боиси инкишофи сохтори сайёҳӣ, илмӣ ва варзишӣ дар минтақаҳои гуногуни ВМКБ ба ҳисоб меравbooand.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар байни қаторкӯҳҳои азими Тоҷикистон ҷойгир шудааст, ки дар чор фасли сол бо табиати рангорангу обу ҳавои рӯҳбахшу фараҳзояш дар ҷаҳон ном баровардааст. Он гунае, ки аз манобеи таърихӣ бармеояд, Бадахшон аз қадим диққати сайёҳонро ба худ ҷалб карда буд. Нахустин нафаре, ки аз табиати нотакрори Бадахшон дидан кард, роҳиби буддоӣ Сюань Сзян дар асрҳои VII-VIII мебошад. Баъдан дар садаи XIII сайёҳи венетсиягӣ Марко Поло, ки бори аввал ба Бадахшон омад, мафтуну шайдои шоҳкориҳои табиати муъҷизаосои он гардид. Соли 1838 сайёҳи англис Ҷон Вуд ба Зоркул қадам ниҳод, он қадар аз шоҳкориҳои табиат дар ин ҷо ба ваҷд омада буд, ки онро бо номи маликаи вақти Англия "Виктория!" номид.

Дар Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ ҳанӯз дар замони шуравӣ марoқ зоҳир шуда, соли 1960 дар назди иттифоқҳои касаба соҳаи сайёҳӣ таъсис дода шуд. Шуъбаи помирии филиали он бо номи "Бюрои сайёҳӣ" 1 июли соли 1984 бунёд шуда буд. Он асосан ба қабули шаҳрвандон аз ҷумҳуриихои бародар ва фиристодани сокинони ВМКБ ба Ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ машғул буд. Аммо ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба вилоят дар он солҳо чандон ба чашм намерасид[153].

Баъди соҳибистиқлолии кишвар дар соли 1992 аввалин ширкати хусусии сайёҳӣ бо номи "Памир Силк Тревел," ки ба сайёҳии кӯҳӣ- варзишӣ, этнографӣ ва ташкили турҳои экологӣ дар Помир машғул буд, таъсис дода шуд.

Асоси директивии равнақи сайёҳӣ дар ВМКБ, ин Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тасдиқ намудани Барномаи давлатии инкшофи сайёҳӣ барои солҳои 2010-2014» ба шумор меравад. Имрӯз соҳаи сайёҳии

[153]Аламшоев, К. Туризм на Памире. Большое будущее? / К. Аламшоев [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://old.news.tj/tj/node/170640) 12.09.2013ҷйҷэ

ВМКБ аз ҷониби шуъбаи рушди сайёҳии вилоят, ки тобеъи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, сиёсати ягонаи давлатро дар соҳаи сайёҳӣ пиёда месозад. Шуъбаи мазкур дар ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим ва Мурғоб бахшҳои худро дорад.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо кӯлҳои зебои: Қаракул, Яшилкул, Рангкул, Сарез, Шурқул, Друмқул ва ғайраҳо, бо қалъаҳои дорои таърихи куҳан "Карон" (қалъаи Шаҳшаҳа дар ноҳияи Дарвоз), қалъаи. "Қаҳқаҳа" дар ноҳияи Ишкошим, ва бо куҳҳои сарбафалаккашидааш, аз ҷумла "Пиряхи Хирсон" дар ноҳияи Ванҷ, инчунин бо гиёҳҳои шифобахшаш диққати оламиёнро ба худ ҷалб кардааст. Масалан, табиби машҳури Ҳинд Алӣ Муҳаммади Довудӣ перомуни табиати рӯҳафзои Бадахшон чунин гуфтааст: «Кишваре, ки метавонад дили инсонро бе ягон дорую дармон табобат бахшад, ин обу ҳаво ва гиёҳҳои шифобахши Тоҷикистон, аз ҷумла кӯҳистони Бадахшон мебошад"[154].

Қ. Аламшоев бобати ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба Помир ва бардошту хотироти онҳо баъди дидан намудани табиати нотакрори Бадахшон чунин менигорад. Ман ҳеҷ гоҳ сухани сайёҳ – пирамарди фаронсавӣ, ки се сол қабл бо ҳамсари худ дар хатсайри пуродам ҳамроҳи мо аз Душанбе ба Хоруғ раҳсипор буд, фаромӯш намекунам. Вай дар он сафар гуфта буд: "Ман дар тамоми умрам қариб нисфи дунёро гаштам. Аммо ба кӯҳҳои Помир баромадан бароям орзӯи якумраи ҳаётам буд. Ин кишвари кӯҳӣ намедонам аз чӣ бошад, ки чун оҳанрабо маро ба сӯи худ мекашад. Афсӯс, ки дар замони Шӯравӣ ин бароям номумкин буд... Аммо акнун ман Помирро дида, ба марги хеш низ розӣ ҳастам"[155].

«ВМКБ бо суръати суст, вале бо қадамҳои устувор ба соҳаи сайёҳӣ ворид мешавад, - гуфта буд собиқ раиси вилоят Қодири Қосим дар соли 2013. Дар вилоят маҳз аз ҳамин давра инфрасохтори сайёҳӣ ташаккул ёфта буд.

---

[154]Ҳисоботи шуъбаи рушди сайёҳии ВМКБ дар соли 2018. – С.7; Мавҷуда Хуҷова // Фирӯза. – 2018. – июн-июл. – С.20.

[155]Аламшоев, К. Туризм на Памире. Большое будущее? / К. Аламшоев [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://old.news.tj/tj/node/170640) 12.09.2013

Ассотсиатсияи экологӣ ва мадании сайёҳӣ аллакай 12 адад туроператорҳоро ба қайд гирифтааст”[156].

Месазад гуфт, ки агар даҳ сол қабл дар Бадахшон ҳамагӣ як меҳмонхона вуҷуд дошта бошад, пас айни замон шумораи онҳо ба 24 адад расидааст. Шумораи ширкатҳои сайёҳӣ бошад, ба 20 адад расида, дар вилоят 3 шифохона, зиёда аз 50 меҳмонхона ва чандин объектҳои хуроки умумӣ ташкил шудаанд. Назар бар дигар манотиқи ҷумҳурӣ ин рақам кам бошад ҳам, вале хурсандиовар аст. Зеро инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ВМКБ ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Ин аст, ки соҳаи сайёҳӣ дар ВМКБ дар ҳоли рушду тавсеъаёбист. Чунончи, ВМКБ ба Парки Миллии Тоҷикистон, “Кӯҳҳои Помир” ба рӯихати мероси маданиии СММ шомил гардида, ки дар ин роҳ Ҳукумати мамлакат 10 сол талош варзид. Ба “Кӯҳҳои Помир” кӯли Сарез, қуллаи Исмоили Сомонӣ, ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Язгулом шомил буда, ин имкон медиҳад, то дар ояндаи наздик шумораи сайёҳони хориҷӣ ҳар чи бештар ба ВМКБ густариш ёбад.

Сайёҳони хориҷӣ аз кишварҳои Аврупо, Амрико ва давлатҳои ИДМ метавонанд аз манзараҳои дилрабои кӯҳҳои Ванҷ, Рушон, Шоҳдара, Зулумарт, Заалай, Ҳиндукуши Афғонистон ва Кун-Луни Хитойи бо қуллаҳои Помир, қуллаи Патхӯр (6093 м), қуллаи Маяковский (6095 м), қуллаи К.Маркс (6723 м), қуллаи афсарони Шӯравӣ, қуллаи Ленин (7134 м), қуллаи Музтаг-Ота (7556 м) ва дигар қуллаҳои ҷолиби водиҳои Аличур, Вахон, Шоҳдара, Ванҷ ва деҳаҳои соҳиби анъаноти боқимондаҳои қалъаҳои куҳан – Қаҳкаҳа, Ямчун, Ратм ва ғайра, инчунин, аз мақбара ва зиёратгоҳҳои ин диёр ошноӣ пайдо кунанд[157].

Ҳар сол дар Тоҷикистон экспедитсияҳои байналхалқӣ доир шуда, дар онҳо кӯҳнавардони кишварҳои мухталиф ба қуллаҳои дар тобистон ҳам барфпӯши Помир мебароянд. Релефи ин вилояти баландкӯҳи Тоҷикистон барои гузаронидани рафтуомади сайёҳӣ, тренингҳо, машғул шудан ба чунин

---

[156]Ҳамон ҷо.

[157]Аламшоев, К. Туризм на Памире. Большое будущее? / К. Аламшоев [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://old.news.tj/tj/node/170640) 12.09.2013

намудҳои варзиш мисли кӯҳнавардӣ, варзиши кӯҳӣ, бо гузаронидани шикор ва аккосишикор рафтинг, планеризм, спелеотуризмом ва дигар намудҳои туризм хеле мувофиқ аст. ВМКБ бо ғорҳои табиӣ, чашмаҳои минералии обашон гарму хунук, хоҷагиҳои шикорчигӣ диққати сайёҳонро ҷалб менамояд[158].

Месазад гуфт, ки имрӯз тамоми шароитҳо барои қабули сайёҳони хориҷӣ дар Бадахшони кӯҳӣ муҳайё гардидааст. Масалан, ҷойҳои истироҳатию фароғатии "Лаъл" дар мавзеи Чорбоғ, "Кевикас" ва "Помирлоҷ" дар маркази шаҳр, "Сирена" дар маҳаллаи Тем, "Сарез Бартанг" дар ноҳияи Рушон, "Яшиккул", "Қаракул" ва "Булункул" дар ноҳияи Мурғоб ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ буда, сайёҳонро қабул менамоянд [159].

Ҳукумати кишвар ба Бадахшон статуси минтақаи табобати санаторӣ-курортӣ, истироҳатӣ ва сайёҳӣ додааст. Чунин статусро Варзоб, Балҷувон (дараи Сарихосор) ва минтақаи Ромит доранд. Ба қавли мутахассисони соҳа дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди сайёҳӣ», ки чун ҳуҷҷати муайянунандаи ҳуқуқ, асосҳои иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фаъолияти сайёҳиро дар кишвар муайян мекунад, чунин мафҳумҳо чун табобати санаторӣ-курортӣ, истироҳат ва сайёҳӣ, "Гид", «Ҳомстей» вуҷуд надоранд.??????

Ташрифи сайёҳони сарватманд ба минтақаи Помир ҷиҳати дар ин ҷо то кунун вуҷуд надоштани инфрасохтор ба чашм намерасад. Ба Бадахшон асосан нафароне меоянд, ки онҳоро намояндаҳои сайёҳони экологӣ – сумкадорон (бо забони русӣ «рюкзачники» бо забони англисӣ "backpacks"), меноманд бо истифода аз автомобил, велосипед, мотоцикл, ё пиёда ташкил медиҳад. Ин сайёҳон ба ҳисоби миёна ба хазинаи давлат то 500$ ИМА ворид месозанд[160].

Тибқи маълумотҳои кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ танҳо дар соли 2017 аз вилоят 744 нафар сайёҳон

---

[158]Подробно об этом см. Горный Бадахшан.Достопримечательности Таджикистан [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://www.centralasia-travel.com/ru/countries/tadjikistan/sights/badakhshan
[159]Туризм в Таджикистане - относительно молодое направление [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://old.news.tj/ru/newspaper/article/turizm-na-pamire-bolshoe-budushchee

боздид ба амал овардаанд. Аз моҳи май ин ҷониб, тибқи маълумотҳои сохторҳои дар боло номбурда аз ВМКБ 2500 сайёҳон боздид намудаанд. Аммо баъзе нафарон бо нобоварӣ ба ин рақамҳо нигариста мегӯянд, ки омори расмӣ танҳо онҳоеро ба қайд гирифтааст, ки онҳо аз қайди Асатсиатсияи экосайёҳии Помир (АЭП) гузаштаанд. Аммо маълумот оиди сайёҳоне, ки тавассути фирмаҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Россия созмонҳои байналхалқии дар ҷумҳурӣ вуҷуд дошта, ба ин ҷо омадаанд, дар ҷумҳурӣ, мутаассифона, то кунун вуҷуд надорад.[161] Бо гуфти раиси (АЕП) А. Зоолшоев, ҷиҳати набудани ҳисоботи аниқи оморӣ душвор аст, то нақшаҳои аниқ ва чорабиниҳо оиди бозори сайёҳӣ, таҳлил ва тахмини ин соҳа дар Бадахшон пешгӯи карда шаванд[162]. Аз ин рӯ, ҳамкорӣ дар байни ҳукумат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ хеле зарур аст.

Қ. Аламшоев оиди зарурияти эҳё намудани бренди Помир навишта буд: "Соли 1995 ман дар ш.Хуҷанд оби минералии истеҳсоли Ӯзбекистон-ро дидам, ки дар тамғаи он навишта буданд, ки ин об аз пиряххҳои Помир истеҳсол шудааст. Ҳайрон аз он шудам, ки чи тавр корхонаҳои Ӯзбекистон обро аз пиряххҳои Помир мегиранд, дар сурате, ки онҳо бо Помир ҳаммарз нестанд. Баъдтар фаҳмидам, ки соҳибкорони ӯзбек моҳирона аз бренди "Помир" истифода карда, даромади худро дучанд мекунанд"[163].

Бренди Помир танҳо моли Тоҷикистон аст, аммо имрӯз аз ин ном кишварҳои ҳамсоя аз ҷумла, Қирғизистон, Покистон ва Афғонистон низ моҳирона истифода мебаранд. Зеро Помир бо обҳои мусаффову табиати биҳиштосояш машҳури олам гардидааст. Ҳатто дар аксар кишварҳои олам ВМКБ-ро бештар бо номи Помир мешиносанд. Дар кишвари бо мо дӯсту бародар Афғонистон биринҷе бо номи "Помир" низ вуҷуд дорад. Мардуми афғон ҳатто дар ИМА, Канада, Аврупо бо номи "Помир" ширкати

---

[160]Туристы не едут из-за инфраструктуры и недоброжелательности в ГБАО [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://old.news.tj/ru/newspaper/article/turizm-na-pamire-bolshoe-budushchee
[161]Дар ҳамон ҷо.
[162]Сӯҳбати муаллифи ин сатрҳо бо раиси ПЭКТА А.Зоолшоев, 13.08.2018.
[163]Бренд Памира должен возрождаться [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://old.news.tj/tj/node/170640

ҳавопаймоӣ ва тарабхонаҳо доранд. Дар шабакаҳои иҷтимоии низ кишварҳои номбурда, бо номи "Помир" шабакаҳои зиёде доранд[164].

Бренди Помир инчунин дар шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи сайёҳӣ бо номи тури «Курортный Памир-2017» вуҷуд дошта, аз 6 тури он (8 рӯзу 7шаб) арзиши 1 нафар сайёҳ 695 USD доллари ИМА ва ба замми он боз барои дархост (брон) намудани меҳмонхона 45 USD доллар / аз ҳар сайёҳ барои 1 шаб гирифта мешавад[165].

Кӯли Сарез воқеъ дар водии Бартанг буда, дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ ҷойгир аст. Онро "Нозанини хуфта" меноманд ва аз баландкӯҳтарин ва зеботарин кӯлҳои дунё ба ҳисоб меравад. Тибқи назарсанҷии Асотсиатсияи сайёҳии экологӣ-фарҳангии Помир (АСЭФП), аксаран сайёҳон ба Помир танҳо барои дидани ин кӯл ташриф меоранд, вале аз сабаби набудани роҳ сайёҳони хориҷӣ кӯлро дидан наметавонанд. Дар ҳоле, ки масъалаи самаранок истифода кардани кӯлро борҳо худи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бардошта буданд.

Н. Розиқ- раиси фирмаи сайёҳии ҶДММ «Сарез Тревел» дар ин бора чунин менигорад: "Ин диққатангезтарин ҷои Тоҷикистон буда, он метавонад ба аҷоибтарин ҷойи боздиди сайёҳон дар водии Бартанг табдил дода шавад. Сарез метавонад барои кишвари мо даромади зиёдеро аз сайёҳӣ пайдо кунад. Аммо аз соли 1999 сар карда, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон "Оиди чораҳои табдил додани кӯли Сарез ба минтақаи бехатар" ворид шудани шаҳрвандони хориҷӣ ба ҳудуди он манъ карда шуд. Назорат ва муҳофизати кӯл чун объекти стратегӣ ба зиммаи Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи шаҳрвандӣ гузошта шудааст[166].

Аммо мақомоти маҳаллии ҳокимити давлатии ВМКБ тасдиқ доранд, ки аз соли 2013 сар карда, Ҳукумати Тоҷикистон Қарори нав "Оиди нақша-чорабиниҳои инкишофи сайёҳӣ дар водии Бартанги ноҳияи Рӯшони ВМКБ"

---

[164]Дар ҳамон ҷо.

[165]Подробно об этом см.: Программа «Курортный Памир» - 2017 [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://www.centralasia-travel.com/ru/countries/kirgistan/tours/pamir_resort

[166]Нурмуҳаммади Розиқ, раиси фирмаи туристии ҶДММ «Сарез Тревел» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://old.news.tj/ru/newspaper/article/turizm-na-pamire-bolshoe-budushchee

қабул намудааст ва дар банди 55 - уми он омадаст, ки бояд Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи шаҳрвандӣ, Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тамоми мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ бояд тамоми маҳдудиятҳоро аз боздиди шаҳрвандони хориҷӣ вобаста ба кӯли Сарез бекор намоянд[167].

Бобати инкишофи соҳаи сайёҳии ВМКБ бояд зикр намуд, ки танҳо дар зарфи чор сол (2008-2012) тавассути Ассотсиатсияи АСЭФП, Барномаи ҷонибдории инкишофи иқтисодии манотиқи кӯҳистон (БҶИИМК), Фонди Оғохони ВМКБ, 2918 сайёҳон, ба вилоят ташриф овардаанд[168].

Соли 2013 дар ВМКБ 21 ширкати сайёҳӣ вуҷуд дошт. Дар чор сол тавассути Ассотсиатсияи мазкур ба вилоят 2592 сайёҳон ташриф оварданд. Дар нӯҳ моҳи соли 2013 бошад, 1031 нафар сайёҳон аз ВМКБ боздид ба амал оварданд. Бештари сайёҳонро шаҳрвандони Олмон, ИМА, Фаронса, Австралия, Швейтсария ва дигар кишварҳои олам ташкил дода буданд[169].

Барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ соли 2013 дар ш. Хоруғ фестивали сайёҳии “Боми ҷаҳон” гузаронида шуда, дар он ҳунармандон аз ВМКБ ва ҷумҳуриҳои ҳамсоя ширкат варзиданд. Ҳамон сол дар ноҳияи Мурғоб бо ёрии ташкилоти ғайридавлатии “Қирғиз-Ати” фестивали «Ат-Ҷабиш» гузаронида шуда буд. Соли 2013 ба ВМКБ сайёҳон аз Берлин, Тошканд, Лондон ва дигар кишварҳои олам ташриф оварданд[170].

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ш. Хоруғ дар соли 2009 «Консепсияи инкишофи сайёҳӣ дар ш. Хоруғ барои солҳои 2009-2019» роҳандозӣ намуд. Ин буд, ки июли соли 2013 хатсайри шаҳрӣ барои сайёҳон бо номи «Саломатӣ ва муҳофизати муҳити атроф» дар ҳудуди боғи ботаникии ш. Хоруғ ташкил шуда, аз хизматрасонии он 20 нафар сайёҳон истифода бурданд. Тибқи маълумоти ширкати сайёҳии АСЭФП танҳо дар

[167]Нурмуҳаммади Розиқ, раиси фирмаи туристии ҶДММ «Сарез Тревел» [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://old.news.tj/ru/newspaper/article/turizm-na-pamire-bolshoe-budushchee
[168]Ҳисоботи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар июни соли 2013 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.5.
[169]Ҳисобот оиди фаъолияти раёсати ҷавонон ва варзиши ВМКБ Р. Шодиков аз 25 декабря 2013 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.6.
[170]Дар ҳамон ҷо. – С.7.

соли 2013 513 сайёҳ ба ВМКБ ташриф оварданд. Аз ҷумла, Англия-19, ИМА-25, Япония-5, Швейтсария-24, Фаронса-25, Австралия -16, Финляндия -2, Италия -13, Туркия -23, Испания -3, Голландия -8, Зелландияи нав - 28 ва ғайра[171].

Солҳои 2007-2012 тавассути Барномаи ёрии ҷамъиятӣ ба ноҳияҳои кӯҳӣ (БҶИИМК)- и Фонди Оғо-хон, бо дастгирии ташкилоти ғайридавлатии Фаронсавии «Екваттер» дар ба амал татбиқ намудани лоиҳаҳои нави сайёҳӣ корро шурӯъ карданд. Барномаи махсус пешбинӣ карда буд, ки то алоқаи Асотсиатсияи тамоми туроператорҳо, ҳомстейҳо, роҳбаладҳо (гидҳо) ва ронандагон бо ташкилотҳои байналхалқӣ барои ҷалб намудани сайёҳон ба вилоят амалӣ карда шавад. Ғайр аз ин, Ассотсиатсия ба роҳбаладон, ҳомстейҳо ва ронадагон барои интихоб кардани маҳсулот барои сайёҳон ёрии амалӣ расонида буданд[172]. Мақсади асосии Асотсиатсия аз он иборат буд, ки духтарон ва бачаҳои ҷавон маҳорати нозуки хизматрасонӣ ба сайёҳонро аз худ намуда, инвеститсияи хориҷиро ба буҷети оилавӣ ва буҷаи вилоят таъмин намоянд. Баъди он дар тамоми ноҳияҳо меҳмонхонаҳои хурд-“ҳомстейҳо” барои қабул кардани меҳмонони хориҷӣ бунёд ёфтанд[173]. Аз ҷумла, дар Дарвоз-4, Рӯшон-23, Рошққалъа-5 Шуғнон-3, Ишкошим-10 ва Мурғоб-4 чунин меҳмонхонаҳои хурд сохта шуданд. Дар ин меҳмонхонаҳои хурд сайёҳон инчунин, аз маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ низ хардорӣ менамоянд.

Дар ш. Хоруғ барои беҳтар намудани инфрасохтори сайёҳӣ 11 адад меҳмонхонаҳои хурду калони дорои стандартҳои сатҳи ҷаҳонӣ ифтитоҳ ёфтанд. Масалан, «Серена», «Аҷам», «Паринен», «Лаъл», «Дели дарбар», «Боми Ҷаҳон», «Носири Хусрав», «Бизмич», «Помир Лодж», «Ботсад», «Нилуфар» ва ғайраҳо аз ин қабилаанд[174]. 35 нафар сайёҳ имкон доранд, то дар як вақт аз мамнӯъгоҳи давлатии Зоркул истифода намоянд. Барои ташкил

[171]Ҳисоботи бахши кор бо ҷавонон, варзиш, ва сайёҳии ш. Хоруғ дар соли 2013 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.4.
[172]Дар ҳамон ҷо. – С.4.
[173]Дар ҳамон ҷо. – С.6.

кардани шароити минималӣ дар Башгумбез ва Оқ-Су-и ноҳияи Мурғоб барои сайёҳон шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Парки Миллии давлатии Тоҷикистон тибқи шартнома бо 5 ширкати сайёҳии ВМКБ фаъолият бурда, танҳо дар соли 2010 120 сайёҳонро ба ВМКБ ворид намуда, даромад аз ҳар як сайёҳ 1200 сомониро ташкил карда буд. Дар соли 2013 бошад, фирмаҳои сайёҳӣ 137 нафар сайёҳро қабул намуданд. Маъмурияти Боғи Миллӣ дар ҳамкорӣ бо экосайёҳии АСЭФП барои сайёҳон бо теъдоди 200 нусха китоб ба забони англисӣ нашр намуд. Дар вилоят дар соли 2013 чунин ширкатҳои сайёҳӣ вуҷуд доштанд: Памир Силк Тур, Тур де Памир, Памир туризм Едвенч, Бадахшан тревел, МЕТА, Памир Хорс Едвенч, Сарез, Памир Еко Тур, Памир Гайдс, Хайгланд Едвенча, Памир Тур Вояж, Мурғоб, Вахон, Восток, Нури Куҳистон, Соҳиб Тур, Барс, Евраз-Тур, Памир Тур[175].

Соли 2007 барои тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ Донишгоҳи Осиёи Марказӣ курсҳои махсус бо фарогирии 146 нафар ба сифати туроператор ва роҳбалад ташкил карда буд. Дар ин курсҳо муаллимон-мутахассисони варзида дар мавзӯи моҳияти сайёҳии кӯҳӣ, ташкили хатсайрҳои нав барои сайёҳон, идоракунӣ (маркетинг) дар соҳаи сайёҳиро ташкил карда буданд.

Соли 2008 бошад, ба ин курсҳо 39 нафар; соли 2009 69 нафар ва соли 2010 18 нафар фаро гирифта шуданд. Аъзоёни ташкилоти АСЭФП дар фестивалҳои байналхалқӣ дар шаҳрҳои Берлин, Тошканд, Лондон ва дигар давлатҳои дунё иштирок карда буданд[176].

Оиди инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ноҳияи Шуғнон бо қарори Раиси вилоят аз 25- уми феврали соли 2011 ва қарори Раиси ноҳияи Шуғнон аз 30- уми марти ҳамон сол "Оиди тасдиқи консепсияи миллии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019" як қатор чорабиниҳо гузаронида шуданд. Бо ҷавонони ноҳия семинарҳои фаҳмонидадиҳӣ бобати

---

[174]Ҳисоботи бахши кор бо ҷавонон, варзиш, ва сайёҳии ш. Хоруғ дар аввали соли 2013 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.4.
[175]Ҳисоботи раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши ВМКБ аз 25 декабри 2013 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.6.

маҳорати кор бо сайёҳони хориҷӣ, сайёҳии автомобилӣ, кӯҳнавардӣ, сайёҳии табобатӣ ва истироҳатӣ доир карда шуданд. Хатсайри ҳаракат ба чашмаҳои шифобахши "Ҷелонди", санаторӣ-табобатӣ "Сарез", "Шифо" ва "Ташриф" кушода шуданд.

Аксаран сайёҳони хориҷӣ дар фасли тобистон ба ВМКБ ташриф меоваранд. Зеро ҳавои гарми муътадили тобистон беҳтарин фурсат барои сайёҳати вилоят аз Дарвоз то Мурғоб мебошад. Ба гуфти бархе аз сайёҳони хориҷӣ дар назарашон Боми Ҷаҳон ягона гушаи олам аст, ки дар ин ҷо дар тобистон нишонаҳои чор фасли солро метавон мушоҳида кард ва онҳо барои тамошои ин рангорангии шигифтангез ба ин ҷо меоянд. Ин аст, ки барои қабули сайҳони хориҷӣ бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон ва сармоягузорони хориҷӣ ҳомстейҳои махсус барои қабули сайёҳони хориҷӣ сохта ба истифода дода шуданд[177].

Масъалаи инкишофи минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар ВМКБ борҳо дар ҷаласаи васеи назди раиси ВМКБ Шодихон Ҷамшед муҳокима гардид. Чунончи, 15 августи соли 2013 дар ҷаласаи васеъи назди раиси вилоят, нақшаи дурнамои инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар ВМКБ муҳокима карда шуд. Дар машварат инчунин роҳҳои иловагии дарёфти сармоягузорони хориҷӣ барои соҳаи сайёҳии вилоят муҳокима ва пешниҳод шуданд.

30-31 августи соли 2013 Форуми Байналхалқии инкишофи иқтисодии ВМКБ доир шуд. Дар он ба ҷуз аз инкишофи иқтисодӣ инчунин, масъалаи инкишофи сайёҳӣ, беҳтар намудан сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ доир гардид [178].

Соли 2015 ба вилоят 800 нафар сайёҳони хориҷӣ ташриф оварда, аз ҷумла, аз руйи намуди экосайёҳӣ ва ҷиптур зиёда аз 25 нафар ба ВМКБ ба

---

[176]Ҳисоботи фаъолияти раёсати ҷавонон ва варзиши ВМКБ аз 25 декабря 2013. - № 265 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.6-7.
[177]Ҳисоботи фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Шуғнон дар соли 2013. -№38 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.4-5.
[178]Ҳисоботи раёсати ҷавонон ва варзиши ВМКБ аз 25 декабря 2013 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.7.

корҳои хидматӣ (духтурон ва кормандони GTZ Германия) боздид ба амал оварданд[179].

Аз 24 то 27 августи ҳамон сол раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ғайридавлатии "Хамешаспенда"-и Барномаи БҶИИМК, АСЭФП-и ДОМ ва дигар ташкилотҳои ш. Хоруғ бо сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ Фестивали "Боми Ҷаҳон" гузаронида шуда, дар он ҳунармандон аз вилоят ва аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ширкат варзиданд.

19 сентябри ҳамон сол Фестивали дӯстдорони табиати ваҳшӣ бо номи "Помир-2015" дар деҳаи Вездараи ҷамоати Барвози ноҳияи Рошткалъа дар мавзӯи "Шикори анъанавӣ ва муҳофизат аз ҳайвоноти ваҳшӣ" доир шуда, дар кори семинар сайёҳон аз хориҷи кишвар тавассути барномаи БИҶМИК ва АСЭФП иштирок ва баромад карданд[180].

Бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят ва бо дастгитрии Барномаи БИҶМИК Фонди Оғохон ва АСЭФП, 19 сентябри соли 2015 бори дуюм мусобиқаи Регата дар Боми ҷаҳон Regatta in Roof of the World дар кӯли Қарокӯли ноҳияи Мурғоб доир гардид. Дар он намояндагон аз давлатҳои Англия, Германия, Швейтсария ва дигар кишварҳои хориҷӣ иштирок карда буданд. Дар ин мусобиқа варзишгарон дар шароити баландкӯҳи Қарокӯл рекордҳои нави ҷаҳонӣ дар соҳаи сайёҳӣ нишон дода, ва аз тарафи дигар чунин чорабиниҳо боиси даромади пулӣ ба буҷаи давлат хоҳанд гардид.

Роҳбари ин лоҳиа Тони Нелсон дар он вакт ба нақша гирифта буд, ки дар оянда, чунин мусобиқаҳоро дар намуди нави мусобиқаи варзишӣ дар шароити экстрималӣ роҳандозӣ намуда, ҳарчи бештар варзишгарони кишварҳои хориҷиро ба он ҷалб намояд[181].

---

[179]Ҳисобот оид ба фаъолияти соҳаи сайёҳии раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ дар давоми нӯҳ моҳи соли 2015 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.2.

[180]Дар ҳамон ҷо. – С.2.

[181]Ҳисобот оид ба фаъолияти соҳаи сайёҳии раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ дар давоми нӯҳ моҳи соли 2015 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ.. – С.3.

Соли 2015 дар ш. Хоруғ конфронси минтақавӣ таҳти унвони “Беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳии ВМКБ” доир шуда, ташаббускори он Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон ва Раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят буданд. Дар оғози кор намоиши маҳсулоти дохилии соҳибкорони вилоят ба маразми тамошо гузошта шуд[182].

Муовини Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Назарзода дар рафти конференсия қайд намуд, ки дар марҳалаи ҳозира се минтақаи ВМКБ ба рӯйхати ягонаи ҷойҳои ҷолиби дунё ворид шудаанд. Инҳо водии Вахон, Бартанг ва масири “Роҳи Абрешим”, ки аз қаламрави ВМКБ мегузарад, мебошанд. Ноҳияи Ишкошим бошад, ҳамчун минтақаи сайёҳӣ эътироф шуда, маҳз дар ҳамин ҷо миқдори зиёди чашмаҳои шифобахш ва дигар ёдгориҳои қадимӣ вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, сайёҳони хориҷӣ метавонанд ҳангоми ташрифашон ба Тоҷикистон, аз ҷумла ба ВМКБ раводиди электрониро аз ватани худ дарёфт намоянд. Ин нуқта низ бояд арз шавад, ки дар вилоят инфрасохтор бобати ҷалби сайёҳони хориҷӣ боз ҳам беҳтару хубтар карда шавад[183].

Оиди монеаҳои ҷойдошта дар соҳаи сайёҳии вилоят директори ширкати "Помир-энерҷӣ" Д. Ҷумъаев мегӯянд, ки дар ҳақиқат мо ҷойҳои хеле зебо дорем ва онҳо сайёҳонро аз хориҷи кишвар ба худ ҷалб мекунанд. Талаботи сайёҳони хориҷӣ аз талаботи мо дида ба соҳаи сайёҳӣ бештар аст, аз ин сабаб соҳибкорони соҳаи сайёҳиро зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани инфрасохтор ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони хориҷӣ тамоми шароитҳоро ба роҳ монанд. Яъне соҳибкоронро зарур аст, ки стандартҳои ҷаҳониро дар соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб гирифта, сифати хизматрасониро дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, дар нақлиёт ҷавобгӯ ба талаботи давр ба роҳ монанд. Ғайр аз ин дар вилоят бояд

[182]Курбонбеков Х. ГБАО. Красота одна не заманит туриста… Обновлено 07.12.2015 06:18 [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://www.narodnaya.tj/regioni/1074-2015-12-07-06-18-30
[183]Дар ҳамон ҷо.

соҳаҳои дигари сайёҳӣ, аз ҷумла, алпинизм, рафтинг, сайёҳии парашютӣ инкишоф дода шавад.

Ҳамин тавр, бобати баланд бардоштани соҳаи сайёҳии вилоят аз рӯи барномаи сайёҳии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар ш. Хоруғ курсҳои нав оиди тайёр намудани роҳбаладон ва мутахассисони соҳаи сайёҳии кӯҳӣ ва муҳофизати ёдгориҳои таърихии ВМКБ кушода шуданд.

Инчунин, перомуни инкишофи минбаъдаи соҳаи сайёҳии вилоят як қатор конфронсу чорабиниҳои сатҳи ҷаҳонӣ гузаронида шуданд. Масалан, оиди зарурияти растаниҳои шифобахши Помир табиби ҳозиқ Ш. Давлатмамадов, роҳбари ташкилоти ҷамъиятии "Кӯҳҳои Помир" Қ. Аламшоев ва роҳбарони дигар ширкатҳои сайёҳӣ дар назди иштирокдорони семинари байналхалқии "Ҳайвоноти ваҳшӣ", "Помир-2015" баромад карданд. Дар охири кори конференсия ба иштирокдорони он филми кӯтоҳмудати "Регата на Каракуле", ки дар вақти гузаронидани чорабинӣ дар ҳудуди ноҳияи Мурғоб сабт шуда, намоиш дода шуд[184].

Соли 2016 дар ВМКБ 13 ширкатҳои сайёҳӣ, 10 меҳмонхонаи ҳозиразамон, 86 меҳмонхонаи хурд (ҳомстей) вуҷуд доштанд. Инчунин, 10 адад хатсайрҳои нави сайёҳӣ дар вилоят вуҷуд даштанд, аз ҷумла 4 хатсайри Даршай-Шивоз 4986 – 7 рӯз; Вранг-Ҷавшангоз а) 4786 – 6 рӯз, б) 5067 – 5 рӯз; Гармчашмайак-Тусён – 3 рӯз, Гармчашмайак-Вездара – 4 рӯз бо фатҳ кардани 2 қулла кушода шуданд.

Ҳамин тавр, бояд гуфт, ки рӯз то рӯз сатҳу сифати хизматрасонии соҳаи сайёҳии вилоят хубтару беҳтар гардида, дар натиҷаи зиёд шудани шумораи меҳмонхонаҳо, ҳомстейҳо ҷойҳои нави корӣ барои сокинони вилоят пайдо шуда истодааст, ки ин сафи бекорони вилоятро то рафт коҳиш медиҳад.

Бо ташаббуси Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2016 дар меҳмонхонаи «Серена» ш. Хоруғ конфронси миллӣ-байналхалқӣ бо номи «Тоҷикистон

---

[184]Курбонбеков Х. ГБАО. Красота одна не заманит туриста… Обновлено 07.12.2015 06:18 [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://www.narodnaya.tj/regioni/1074-2015-12-07-06-18-30

ҷавҳари пурра кашфношуда: душворӣ ва дурбинӣ бо иштироки Раиси вилоят, сардори раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ, роҳбарони тамоми ширкатҳои сайёҳӣ, намояндагони ташкилотҳои байналхалқӣ доир гардид. Бинои маркази хизматрасонии сайёҳон дар боғи марказии шаҳри Хоруғ бунёд гардида, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахшида ба 19 – умин солгарди рӯзи Ваҳдати миллӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Ин бино барои инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ ва хизматрасонии саёҳони хориҷӣ ва ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Соли 2016 ба ВМКБ 815 сайёҳони хориҷӣ, аз рӯи намуди экотуризм, ҷиптур ва вазифаи хидматӣ ташриф оварданд. Бештари онҳоро шаҳрвандони давлатҳои Германия, Швейцария, Изроил ва Полша ташкил доданд[185].

Бо ташаббуси ҷавонони деҳаи Ванқалаи н. Шуғнон дар соли 2016 барои ҷалб намудани сайёҳони хориҷӣ дар назди ҳар як хона маркази хизматрасонӣ ба сайёҳон бо се забон: тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ навишта шуда буд[186].

Соли 2017 дар вилоят фестивали «Боми Ҷаҳон» ва «Табиати ваҳшии 2017», ки дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим гузаронида шуданд, меҳмонони зиёдро аз дохилу хориҷи кишвар ба ҳам оварданд. Бояд гуфт, ин гуна чорабиниҳо фурсати хубе барои тарғиби анъанаҳо ва намоишу фуруши маҳсулоти санъати дастӣ, дузандагӣ, кандакорӣ ва амсоли инҳо мебошад. Инчунин корхонаҳои истеҳсолӣ, кишоварзӣ муассисаҳои маориф ва фарҳанг низ барои муаррифӣ намудани дастовардҳои худ аз ин гуна фестивалҳо самаранок истифода бурда метавонанд. Яъне ин гуна чорабиниҳо бобати тарғиби фарҳанги миллӣ фурсати хеле хуб мебошанд.

Соли 2017 беш аз 2600 нафар сайёҳ танҳо аз намудҳои гуногуни хизматрасонии ассотсиатсия истифода намуданд, мегӯяд роҳбари созмони

[185]Ҳисобот оиди фаъолияти соҳаи сайёҳии Раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар давоми нӯҳ моҳи соли 2016 // Бойгонии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ. – С.2.
[186]Дар ҳамон ҷо. – С.2-3.

экологӣ ва фарҳангии «Помир» Асадшо Зоолшоев[187]. Инчунин, сайёҳоне, ки бо воситаҳои нақлиёти шахсияшон Бадахшонро сайр кардаанд, сол то сол шумораашон зиёд шуда истодааст.

Дижҳои бостонии аҳди Кушониён, чашмаҳои гарм, маъбадҳои ориёи ва дайрҳои буддоӣ, табиати дилфиреб, қуллаҳои баланд, пиряххо, фарҳангу ҳунари мардум, сайёҳонро мисли оҳанрабо ба сӯи худ мекашанд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки имрӯз бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон он мушкилиҳое, ки дар роҳи густариши сайёҳӣ ҷой дошт, бартараф гардид. Аз ҷумла, маҳдудияти сафари сайёҳони хориҷӣ ба кӯли Сарез бартараф гардид. Ширкати маҳаллии «Сарез Травел» метавонад сайри тамошои ин кули афсонавиро барои сайёҳон аз маркази вилоят таъмин намояд.

Қобили қайд аст, ки имконияти густариши сайёҳӣ дар Бадахшони Кӯҳӣ хеле зиёд аст.  Масалан, дар ҳудуди Бадахшон бештар аз 140 обанбори хурду бузург мавҷуд аст. Ин воқеият сарзамини пурасрор ва муъҷизасоро ба чашми бинанда боз ҳам зеботар ба ҷилва медиҳад. Масалан, яке аз нахустин сайёҳони рус бо таассуроти амиқ аз шукӯҳи кӯлҳои минтақа онҳоро «Чашмони нилгӯни Помир» номидааст. Ин кӯлро кӯҳҳои осмонбӯс дар баландии 3200 метр аз сатҳи баҳр бо захираи 17 миллиард метри мукааб оби ширин дар каф гирифтааст. Сарезро бархе аз мутахассисон барои «эҳтимолияти хатароти  рахнашавӣ» «Аждаҳои хуфта», аммо иддае барои зебоӣ ва табиати нотакрораш «Нозанини хуфта» унвон ниҳодаанд. Кӯли Сарез имрӯз ба яке аз ҷойҳои диданӣ барои дӯстдорони зиёди  сайёҳии экологии дохилу хориҷи кишвар табдил ёфтааст.

Бузургтарин кули Бадахшон Қаракул бо ғунҷоиши 27 миллиард метри мукааб об дар ноҳияи Мурғоб, дар марзи Тоҷикистону Қирғизистон доман густурдааст. Ин кул дар назари роҳгузарони масири Хоруғ-Ош пораи афтодаи осмонро мемонад. Солҳои охир дар ин кӯл мусобиқаи байналмилалии завракронӣ доир гардида, шумораи иштирокдорони ин намуди варзиш беш аз пеш рӯ ба афзоиш овардааast. Инчунин, Яшикул,

[187]Шоҳҷамол, М. Бадахшон кони ганҷ / М. Шоҳҷамол // Бонувони Тоҷикистон. – 2018. – январ. – С.6.

Зоркул ва Рангкул ҳавзҳои калони Бадахшон маҳсуб ёфта, диққати сайёҳони ҷаҳонро ба худ кашидаанд.

Баландтарин қуллаҳои Осиёи Марказӣ қуллаи Исмоили Сомонӣ ва Истиқлол, пиряххои Федченко ва Грум-Грижимайло мебошанд, ки ҳамасола кӯҳнавардони зиёд бобати фатҳи онҳо ва пажӯҳишу тамошои ин пиряххо ба Тоҷикистон меоянд.

Бояд гуфт, дар Бадахшон, ки 97 дар садаш кӯҳсор аст, ҳанӯз мактаби кӯҳнавардӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, шуъбаи навтаъсиси сайёҳии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ дар садади он аст, ки дарояндаи наздик ин проблема бартараф шавад.

Бобати рушди тамоми соҳаҳои сайёҳӣ, Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру супоришҳои мушаххас доданд[188].

Ҳамин тавр, ба назари мо барои рушди сайёҳии кишвар бояд мутахассисони касбии соҳа аз кишварҳои дар онҳо сайёҳӣ рушдёфта даъват карда шаванд. Зарур аст, то таҷрибаи давлатҳои Ҳиндустон, Бутан, Непал, Швейтсария, Туркия ва ИМА, ки сайёҳӣ дар ин кишварҳо хеле рушд ёфта ва сайёҳон ҳар сол ба иқтисодиёти онҳо то миллиардҳо доллар ворид мекунанд, ба инобат гирифта шавад, то, ки ин соҳа ҳар чи бештар ба иқтисоди кишвар фоида оварад.

Дар Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ ҳанӯз дар замони шӯравӣ мароқ зоҳир шуда, соли 1960 дар назди иттифоқҳои касаба соҳаи сайёҳӣ таъсис дода шуд. Шуъбаи Помирии он бо номи "Бюрои сайёҳӣ" 1 июли соли 1984 ташкил шуд. Аммо дар он солҳо ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба ВМКБ чандон ба чашм намерасид. Танҳо баъди соҳибистиқлолии кишвар соли 1992 нахустин ширкати сайёҳӣ бо номи "Памир Силк Тревел" ташкил шуд. Имрӯз соҳаи сайёҳии вилоятро шуъбаи рушди сайёҳии вилоят, ки ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст, идора мекунад.

[188] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷухурии Тоҷикистон, 27 декабри соли 2018.

Агар 10 сол қабл аз истиқлолият дар Бадахшон ҳамагӣ як меҳмонхона вуҷуд дошта бошад, пас имрӯз шумораи онҳо ба 24 адад расида, миқдори ширкатҳои сайёҳӣ бошад, ба 20 адад расидааст. Яъне Ҳукумати кишвар барои густариши сайёҳӣ тамоми имкониятҳоро фароҳам овардааст.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар ВМКБ имкониятҳои хеле васеъи рушди соҳаи сайёҳӣ вуҷуд дошт. Танҳо вазъи муташаниҷи солҳои охири асри XX имкон надод, ки нерӯи бузурги рушди иқтисодиёти миллӣ ҳамаҷониба истифода шавад. Дар ибтидои асри XXI бо пойдор гардидани вазъи сайёҳӣ пурқувват гардидани сохтори конститутсионӣ ва баэътидол омадани соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ имкониятҳои васеъ баҳри рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ба миён омад. Саҳифаи навини рушди соҳаи сайёҳӣ аз иқдоми ватанпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани соли 2018 “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва сесолаи (2019-2021) эълон гардидани “Соли рушди деҳот, рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”оғоз ёфтааст. Аҳолӣ ва меҳнаткашони ВМКБ ин иқдоми неки Пешвои муаззами миллатро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, баҳри амалӣ намудани он саъю кӯшиш доранд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар 28 соли истиқлолият дар соҳаи сайёҳӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омада, шароит барои қабули сайёҳон сол аз сол мусоидтар мешавад. Пайдо шудани ширкатҳои зиёди сайёҳӣ, сохтмони иншоотҳои маишиву фарҳангӣ, ташкили конфронсу тренингҳо, омода намудани мутахассисони соҳибкасб рушди ин соҳаро таъмин намуда, барои оянда заминаи устувор фароҳам оварданд.

## Боби II. РУШДИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ВИЛОЯТ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИ

### 1.Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву сиёсӣ

Дар нимаи дуюми асри XX соҳаи маорифи халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хеле рушд ёфта, яке аз беҳтарин соҳаи маориф дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт[189]. Аммо баъди пош хурдани давлати шӯравӣ ва воқеаҳои мудҳиши солҳои 90-уми садаи XX низоми маорифи кишвар коҳиш ёфт. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат, аз ҷумла, ба соҳаи маориф низ таъсири манфӣ расонид. Маблағгузории Ҳукумати мамлакат ба соҳаи маориф аз 11% соли 1992 то ба 2,1% дар соли 1999 расид. Ба дарс ҳозирнашудани хонандагон аз 6% дар соли 1989 то ба 20% дар соли 1997 расид. Қариб 25% ҷавондухтарон ва 20% ҷавонписарон аз синни 7 то 18 сола дар соли 1996 натавонистанд, ки соҳибмаълумот шаванд[190]. Бинои мактабҳо бо ҷиҳози шикаста, кор накардани системаи гармидиҳӣ, набудани барқ, нарасидани асбобҳои хониш, китобҳои дарсӣ ва ғайра, якбора паст шудани маоши омӯзгорон, боиси аз кор рафтани бархе аз омӯзгорон гардид.

Ба шароити муташаниҷи ҷомеа нигоҳ накарда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии роҳбари ҷавони худ, мӯҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон саъю кӯшиш менамуд, ки раванди таълим ва илмомӯзии насли ҷавони кишварро зери назорат гирифта онро ба маҷрои лозима равон намояд. Яке аз иқдомҳои пайгиронаи Роҳбарияти кишвар қабули Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” мебошад, ки соли 1993 қабул гардид. Дар он бо назардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳони муосир талабот ба шароитҳои зарӯрии ҳуқуқӣ бахри пешрафти соҳаи маориф ба назар гирифта шуд. Аммо

[189]**Муф. дар ин бора ниг.:** Каширина, Т. В., Давлатёров, Д. Культурное строительство в ГБАО / Т. В. Каширина, Д. Давлатёров // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С.265.
[190]Собирова, К. Д. Вклад фонда Ага-Хана в развитии ГБАО / К. Д. Собирова. – Душанбе, 2005. – С.73.

вазъияти он замон ва ҷараёни воқеаҳои сиёсӣ имкон надоданд, ки талабот ба муқарароти муайяншудаи ин қонун амалӣ гардад.

Бо ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ, сулҳу салоҳ ва ваҳдати комили миллӣ дар кишвар барқарор шуда, як қатор қонун ва барномаҳои давлатӣ қабул шуданд, ки онҳо дар рушди соҳаи маориф саҳми калон гузоштанд. Аз ҷумла,“Стандарти давлатии маориф” 12 октябри соли 1997, “Стратегияи кам кардани камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - соҳаи маориф” 3 апрели соли 2002, “Барномаи компютеркунонии макотиби миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007” 22 апрели соли 2002[191], “Консепсияи миллии маориф” 3 майи соли 2002[192] қабул шуданд, ки ба рушди маорифи кишвар такони ҷиддӣ доданд.

Сарфи назар аз муқовимати пуршиддати ҷанги шаҳрвандӣ, давраи якуми ислоҳоти низоми маориф дар солҳои 1991-2000 гузаронида шуд. Он дар чаҳорчӯбаи барномаи давлатии “Маълумот барои ҳама” доир гардид. Натиҷаҳои ислоҳоти соҳаи маориф дар ҳуҷҷати муҳим бо номи ҳисоботи миллӣ “Баҳодиҳӣ ба ҳолати маориф барои соли 2000 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст карда шуд[193].

Дар натиҷаи амалӣ шудани даври аввали ислоҳот дар ҷумҳурӣ соли 1999 беш аз 4484 муассисаҳои соҳаи маориф, аз он ҷумла: 562 муассисаи томактабӣ, 3522 мактабҳои миёнаи маълумоти умумӣ, интернат ва хонаи кӯдакон барои кӯдакони ятим, 50 муассисаҳои техникӣ, 24 мактабҳои олӣ ба кор шурӯъ карданд[194]. Ин нишондиҳанда назар ба соли 1991 47% бештар буд, ки ин аз пешравии соҳаи маориф дар солҳои аввали истиқлолияти кишвар дарак медиҳад.

Давраи дуюми ислоҳоти соҳаи маориф солҳои 2001-2015-ро дар бар гирифта, дар он бештар ба муҳайё кардани шароитҳои минбаъда бобати

---

[191]Программа компьютеризации основных и средних общеобразовательных школ Республики Таджикистан на 2003-2007. Гражданское общество. Информационно-аналитический сайт [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ:: www.civil-taj.info

[192]Национальная концепция образования. Гражданское общество. Информационно - аналитический сайт [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: www.civil-taj.info

[193]Наимова, В. Реформа системы образования в Таджикистане, в странах СНГ и Балтии / В. Наимова // Школа и общество. – 2004. - №1. – С.10.

омӯзишу таълим ва ба баробарҳуқуқуқии марду зан дар гирифтани маълумоти умумӣ, миёнаи махсус ва олӣ, инчунин, баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбӣ (квалификатсия) ва инчунин дар амал татбиқ намудани раванди маърифатӣ ва илмиро дар бар мегирифт[195].

Моҳи марти соли 2004 Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон "Барномаи модернизатсияи соҳаи маориф барои солҳои 2004-2007"-ро барои ВМКБ қабул намуд[196]. Тибқи ин барнома, мебоист барномаҳои таълимии ВМКБ такмил дода шуда, ба стандарти барномаҳои умумиҷаҳонии маориф мувофиқ кунонида шаванд. Дар ин барнома диққати асосӣ ба баланд бардоштани такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон, самаранокии шакл ва методҳои нави раванди таълим дар раванди таълими хонандагон дода шуда буд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар инкишофи низоми маорифи вилоят дар солҳои 1991-2016 як қатор омӯзгорони соҳибтаҷриба ба монанди: А. Давлатмамадов, Ф. Рустамова, аз н. Шуғнон; Н. Додихудоева, Б. Соибҷонова аз н. Ишкошим; М. Захробекова, М. Ғафурова, аз н. Ванҷ; Г. Мамадбекова, Т. Авзалова, аз н. Дарвоз; А. Шукроева, А. Маҳтобшоева, аз ш. Хоруғ; Д. Алифбекова, П.Ҷифонова аз н. Рушон; О. Тургуналиева, В. Мамаднабиева аз н. Мурғоб ва дигарон саҳми калон гузоштанд[197].

Ислоҳоти нави соҳаи маориф дар замони соҳибистиқлолии кишвар боис бар он шуд, ки дар ҷумҳурӣ низоми нави таълим: коллеҷҳо, литсейу гимназияҳо ва дигар шаклҳои таълим аз ҷониби давлат ҳаматарафа дастгирӣ ёбад. Дар солҳои истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳбуди соҳаи маориф бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ як қатор созишномаҳо ба имзо расонид. Чунончи, Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Фонди Оғохон, 11

---

[194]Вклад женщин-ученых Таджикистана в науку. – Душанбе, 2001. – С.73.

[195]Наимова, В. Реформа системы образования в Таджикистане, в странах СНГ и Балтии / В. Наимов // Школа и общество. – 2004. - № 1. – С.11.

[196]Ҳисоботи шуъбаи маориф дар соли 2007 // Бойгонии ҷории ҳукумати ВМКБ. – Л.12.

[197]Худжасаидова, Н. Участие женщин ГБАО в общественно-политической, культурной и экономической жизни Республики Таджикистан (1991-2008гг.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Худжасаидова Низорабегим Хушкадамовна. – Душанбе, 2008. – 22 с.

июни соли 1999 барои дар заминаи яке аз мактабҳои шаҳри Хоруғ созмон додани литсейи Оғохон шартнома ба имзо расонид[198].

Тибқи барнома, ҳар сол ба литсей то 75 нафар хонанда қабул карда мешаванд. Бо мақсади дастгирии оилаҳои камбизоат, Шӯрои муаллимони литсей ҳарсол 2 нафар хонандагони қобилиятнокро аз ноҳияҳои дурдаст интихоб карда, онҳоро бо идрорпулии фонди Оғохон дар ҳаҷми 26,5 доллари ИМА таъмин мекунад. Таълим дар литсейи мазкур ба 3 забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ сурат мегирад. Литсей дорои 35 синфхонаи таълимӣ, 9 утоқи фаннӣ, устохона, 2 озмоишгоҳ (химия, физика), 2 адад синфхонаҳои компютерӣ, бо таҷҳизотҳои ҳозиразамони техникӣ муҷаҳҳазонида шудааст. Дар литсей 63 нафар омӯзгорони ботаҷриба, ки дар асоси озмун ба кор қабул шудаанд, фаъолият мебаранд. Аз соли 1999 то 2011 литсейи номбурдаро 1032 нафар хонандагон бо муваффақият хатм карданд, ки аз ин шумора, 754 нафарашон ба мактабҳои олии Тоҷикистон ва 204 нафари дигарашон ба макотиби олии хориҷи кишвар қабул гардиданд[199].

Дар қабул гардидани духтарони шаҳру навоҳии дурдасти вилоят ба макотиби олии кишвар, нақши квотаҳои Президентӣ, ки аз ҷониби Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 1997 ҷорӣ шуда буд, ниҳоят калон мебошад. Ҷорӣ шудани он саривақтӣ буд. Зеро духтарони дурдасти ВМКБ дар асоси он имконият пайдо намуданд, ки ба мактабҳои олии кишвар дохил шуда, пас аз хатм ҳамчун мутахассиси варзида, дар рушду нумуи кишвари азизамон хизмати шоён гузоранд. Қобили қайд аст, ки бо ибтикори Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол то сол миқдори зиёди квота барои хонандагони ВМКБ равона шуда истодааст. Масалан, аз соли 1997 то 2007 тавассути квотаи Президентӣ барои соҳаи маориф беш аз 380 нафар мутахассис тайёр карда шуд, ки аз ин шумора 307 нафар ё 80,7% -ро духтарон ташкил медиҳанд[200].

---

[198]Ҳисоботи солонаи Барномаи соҳаи маориф дар соли 1999 // Бойгонии Фонди Оғо-хон. – С.13.

[199]Ҳисобот оиди фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиқлолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонииҷории ҳукумати ВМКБ. – С.22-23.

[200]Очерки истории и теории культуры таджикского народа. Информации по образовательному сектору за 2006-2007. – Душанбе: Контраст, 2006. – Л.12.

Ҳамин натиҷаи ғамхориҳои пайвастаи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати сокинони меҳнатқарини кӯҳистони Бадахшон аст, ки теъдоди зиёди хонандагони ВМКБ ба мактабҳои олии кишвар сол то сол афзоиш ёфта, сатҳу сифати таълим дар макотиби миёнаву олии вилояти Бадахшони Кӯҳӣ дар ҳоли рушду тавсеаёбист. Рақамҳое, ки дар замимаи рисолаи мазкур (замимаи №8) оварда шудаанд, далели ин гуфтаҳост[201].

Ин гувоҳи он аст, ки дар соли хониши 2006-2007 теъдоди донишҷӯдухтарони ВМКБ дар макотиби олии кишвар дар муқоиса ба соли хониши 2001-2002, 37% афзудааст.

Аз рӯйи квотаи Президентӣ дар соли 2008 аз 4083 нафар хатмкунандагони вилоят – 1166 хонанда, яъне 28,5%, дар соли 2009 аз 4044 нафар хатмкунанда – 1514, 37,4% ва дар соли 2010 аз 3648 хатмкунанда 47% ба макотибҳои олии дохил ва хориҷи кишвар қабул шуданд[202]. Миқдори дохилшавии хонандагони ВМКБ ба макотибҳои олии дохил ва хориҷи мамлакат ва иштироки онҳо дар озмунҳои ҷумҳурӣ дар соли 2010 аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи донишазхудкунии хонандагони вилоят сол аз сол сифатан боло рафтааст (ба замимаи №9 нигаред).

Ҳамин тавр, агар теъдоди хатмкунандагон дар соли 2010 то андозае кам шуда бошад ҳам, вале, шумораи дохилшавандагон ба макотиби олии дохил ва хориҷи кишвар ба маротиб афзуда, шумораи иштирокчиён ва ғолибон дар озмунҳои ҷумҳуриивӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст.

Ҷойи зикр аст, ки танҳо дар моҳи июни соли 2012 барои хонандагони қирғиззабони ноҳияи Мурғоб тавассути квота бо Ҷумҳурии Қирғизистон мувофиқа кунонидашуда, 11 нафар хонанда ба мактабҳои олии Қирғизистон дохил шуданд, ки ин гувоҳи ғамхориҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Бадахшон аст[203].

---

[201]Худжасаидова, Н. Участие женщин ГБАО в общественно-политической, культурной и экономической жизни Республики Таджикистан (1991-2008гг.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Худжасаидова Низорабегим Хушкадамовна. – Душанбе, 2008. – 22 с.
[202]Ҳисоботи фаъолияти Раёсати маориф дар соли 2010 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ.. – С.7.
[203]Ҳисоботи солонаи Раёсати маорифи ВМКБ аз 6-декабри соли 2012 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ.. – С.8.

Дар соли 2014, 175 нафар хатмкунандагони ВМКБ тавассути квотаи Президентӣ ба макотиби олии ҷумҳурӣ дохил шуданд[204]. Дар соли хониши 2016 бошад, тавассути квотаи Президентӣ 10 хонандаи қирғиззабон ба макотиби олии Қирғизистон қабул гардиданд[205].Ба ғайр аз ин, мувофиқи супоришҳои махсуси Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли хониши 2016, 100 квота барои хатмкунандагони н. Мурғоб, 5 квота барои водии Бартанг, 5 квота барои ҷамоати деҳоти Сағирдашти н. Дарвоз ҷудо гардид. Аз 100 квотаи барои н.Мурғоб ҷудошуда, 25 хатмкунанда ба Донишгоҳи давлатии ш. Хоруғ ба номи М. Назаршоев, 9 нафарашон ба Донишгоҳи давлатии ш.Қӯрғонтеппа (Бохтар), 10 нафарашон ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 3 нафарашон ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, 10 нафар ба Донишгоҳи дарвлатии ш.Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ, 5 нафар ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, 3 нафарашон ба Донишгоҳи давлатии ш. Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, 1 нафар ба Донишгоҳи давлатии Данғара ва 1 нафар ба Донишкадаи давлатии н. Рашт дохил шуданд. Дар соли хониши 2016-2017 бошад, танҳо барои хатмкунандагони ноҳияи Мурғоб 28 адад квотаи Президентӣ ҷудо гардид[206].

Ин гувоҳи он аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати шаҳрвандони гуногунмазҳабу гуногунзабони Тоҷикистони азиз ҳисси ифтихору ғамхории беандоза доранд.

Барои дастгирии кӯдакони болаёқат, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 1999 идрорпулии Президентӣ ва идрорпулии раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро ташкил доданд. 24 толибилмон гирандаи идрорпулии Президентӣ ва 10 нафар хонанда сазовори идрорпулии раисони

---

[204]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014, 20 декабри соли 2014. - № 48 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.5, 8.

[205]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ ба ҳолати 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.4.

[206]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ ба ҳолати 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.4.

вилоят ва шаҳру ноҳияҳо гардиданд[207]. Танҳо аз ш.Хоруғ дар соли 2015 хонандагони синфҳои 9-10-и Мактаби Президентӣ ва Литсейи Оғохон Р.Ҷоналиев, А.Аҳмад, Ф.Хосабекова сазовори идрорпулӣ Президентӣ, хонандаи синфи 11, М.Шабонова аз мактаби миёнаи №6 ш. Хоруғ, Т.Зикиллобекова хонандаи синфи 9 мактаби миёнаи №11 ш. Хоруғ гирандагони идрори раиси вилоят, хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 2,5,7,8 М.Амиршоева, Н.Абдураҳмонова, З.Кайковусова ва Ш.Наврузмамадова сазовори идрорпулии раиси ш. Хоруғ гардиданд[208].

Соли 2015 дар н.Мурғоб баъди гузаронидани озмун ба идрорпулии Президентӣ хонандагони мактаби миёнаи № 5 ба номи С.Конакбаев, хонандаи синфи 9 Токтосун қизи Айнура ва Матумар қизи Қумушой ноил гардиданд. Гирандагони идрори раисони ноҳияҳо хонандаи синфи 8-и мактаби миёнаи №1 Тағайбек уулу Бақит ва хонандаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1, Р.Саитов дар асоси озмун ғолиб донишста шуданд[209]. Дар соли хониши 2016-2017, 10 нафар хонадагони мактабҳои ВМКБ лауреатҳои идрорпулии Президентӣ гардиданд[210].

Бо мақсади мустаҳкам, такмил ва рушди соҳаи маориф тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, таҳти рақами 353: "Оиди Барномаи давлатии ҷустуҷӯ ва дарёфти истеъдодҳо" 19 сентябри соли 2014 дар ВМКБ "Маркази ҷустуҷӯ ва дарёфти истеъдодҳо" бо қарори раиси вилоят таъсис дода шуд. Марказ озмуни фосилавӣ таҳти унвони: "Рассомони беҳтарин" барои дохил шудан ба макотиби олии Федератсияи Русия гузаронида буд. Масалан, дар озмун барои дохил шудан ба донишгоҳи

---

[207]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиқлолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.12.
[208]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014, 20 декабри соли 2014. - № 481 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.5, 10.
[209]Ҳисоботи солонаи шуъбаи морифи н.Мурғоб, 8 декабри соли 2015. - №84 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.6.
[210]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ ба ҳолати 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.7.

ш.Толятии Федератсияи Русия, 900 нафар толибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ВМКБ иштирок карданд[211].

Соли 2010 «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон шуда, дар ин бора дар Маркази эҷодиёти кӯдакон ва наврасони вилоят, минбаъд (МКЭН) озмуни вилоятӣ зери унвони: "Ихтирокорони ҷавон" доир гардида, дар он 9 нафар хонандагон иштирок карданд. Аз онҳо 2 нафар дар даври ҷамъбасти озмун дар ш.Душанбе ширкат варзида, ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол карданд[212]. Моҳи майи соли 2016 дар ш.Душанбе даври сеюми конкурси телевизионӣ зери унвони: "Бозёфт-2016"доир шуда, дар он ихтирокорони ҷавон аз ВМКБ П.Шоҳназар, М.Давлатқадамова, Ф.Алимамадов иштирок карда, бо мукофотҳои пуливу молӣ қадрдонӣ карда шуданд[213].

Дар вилоят ба кори тайёрӣ ва гузаронидани олимпиадаҳои ҷумҳурииявӣ ва байналхалқии мактаббачагон таваҷҷӯҳи хос дода мешавад. Чунончӣ, соли 2009 дар олимпиадаи ҷумҳуриивӣ 37 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ш.Хоруғ ва дигар ноҳияҳои вилоят иштирок карданд. Аз онҳо 27 нафарашон дар олимпиада дар бахши илмҳои гуманитарӣ ва 26 нафар аз рӯйи илмҳои табии-математикӣ фаъолона ширкат варзиданд. Дар олимпиадаи ҷумҳуриивӣ хонандагони вилоят натиҷаҳои хубро соҳиб шуда, 1нафар ҷойи аввал, 7 нафар ҷойи дуюм ва 6 нафар ҷойи сеюмро ишғол карданд. Ғолибон ҳуқуқи дохил шудан ба мактабҳои олии кишварро бидуни супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ дарёфт намуданд[214].

Дар олимпиадаи ҷумҳуриивӣ, ки моҳи апрели соли 2010 гузаронида шуд, 62 нафар толибилмони вилоят ширкат варзида, бо медалҳои тилло сарфароз гардиданд. Аз ҷумла,15 нафари онҳо бо тавсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати дохил шудан ба мактабҳои олии кишвар роҳхат гирифтанд (ниг.ба замимаи №9).

---

[211]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014, 20 декабри соли 2014. - № 481 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ.. – С.5.
[212]Ҳисобот оиди фаъолияти Раёсати маориф дар соли 2010 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.7.
[213]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ ба ҳолати 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.8.
[214]Учащиеся ГБАО получили право поступления в вузы страны без экзамен // Импульс. – 2009. - №64(70).

Дар таърихи ВМКБ аз 1 то 8 феврали соли 2010, нахустин олимпиадаи байналхалқии хонандагон бо истифода аз шабакаи иҷтимоии интернет гузаронида шуда, дар он 900 нафар хонандагон ширкат варзида, 188 нафар ба даври дуюми он роҳ ёфтанд. Дар даври дуюм аз ВМКБ 7 нафар толибилмон бо медалҳои тилло, нуқра ва биринҷӣ мукофотонида шуданд. Аз рӯйи барномаи амрикоии FLEX ( Future leaders ections program - Барномаи мубодилаи лидерҳои оянда) хонандагони синфи 9-уми Литсейи Оғохон: Р.Исматова, Х.Розиямо, Т.Хоникбоева, Г.Мамадшоева ва хонандагони мактаби миёнаи № 2, ш.Хоруғ дар озмун ғолиб гашта, ҳуқуқи таҳсили яксоларо дар мактабҳои ИМА дарёфт намуданд[215]. Инчунин соли 2010 бори аввал дар таърихи ВМКБ 9 нафар хонандагон аз ҷониби Академияи Оғохон аз байни хонандагони синфи 6-уми Литсейи Оғохон ба мудати 6 сол барои таҳсил ба кишвари Кения фиристода шуданд[216].

Дар соли 2012 дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ғайридавлатии «Мадина» озмуни «Умники и умницы» байни хонандагони синфҳои 11-уми ш.Хоруғ гузаронида шуда, Н.Темуршоева толибаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5; С. Зуҳурова аз мактаби №9 ва Л. Файрузшоев аз мактаби №11 ғолибони ин озмун донистa шуда, соҳиби квота барои таҳсил дар макотиби олии Федератсияи Россия гардиданд[217].

Аз 12 то 29 декабри соли 2010 даври дуюми олимпиадаи VII байналхалқӣ аз рӯйи барномаи мактабӣ доир гардид, ки дар он ба таври ихтиёрӣ хонандагони синфҳои 5,6,7,8,9,10 аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон, Қазоқистон, Русия, Белоруссия, Германия, Туркия, Украина ва Чехия иштирок карданд. Барномаи олимпиада 19 фанни таълимиро дар бар гирифта буд: Забони русӣ, адабиёти рус, математика, информатика, физика, география, биология, химия, таърих, ҷомеашиносӣ, забони англисӣ, немисӣ, фаронсавӣ, забони русӣ-чун забони хориҷӣ,

---

[215]Ҳисобот оиди фаъолияти Раёсати маориф дар соли 2010 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.7.
[216]Дар ҳамон ҷо. – С.7.
[217]Ҳисоботи солонаи Раёсати маорифи ВМКБ, 6 декабри соли 2012 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.10.

тамаддуни байналхалқӣ, таърих ва забону адабиёти халқи тоҷик. Мақсади олимпиада аз ташаккули ташаббуси кӯдакон, инкишофи тафаккур ва ҷаҳонбинӣ иборат буд.

Дар озмун 1031 нафар хонанда ишитирок намуда, аз ин шумора, 524 нафар сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардиданд. Даври якуми озмун дар ш. Анталияи Туркия аз 4 то 13 апрели соли 2011 гузаронида шуд. Даври дуюми озмун дар ш.Хоруғи ҶумҳурииТоҷикистон аз 25 майи соли 2011 оғоз шуда, дар он 399 хонанда иштирок карданд, аз ин шумора, 56 нафар хонандагони ВМКБ ҷойҳои намоёнро ишғол кардаанд (нигаред ба замимаи №10)

Дар соли 2012 шаш нафар хонандагони Литсейи Оғохон дар олимпиадаи ҷумҳуриивӣ дар истироҳатгоҳи Қаратоғ ширкат варзида, 4 нафарашон бо ифтихорномаҳои Академияи олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шуданд[218].

Моҳи марти соли 2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озмун барои интихоби беҳтаринҳо аз рӯйи илмҳои табии-математика барои иштирок кардан дар олимпиадаи байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон доир гардид. Дар интихоби беҳтаринҳо аз фанни математика хонандаи синфи 11, мактаби Президентии ш. Хоруғ М.Худододова ва хонандаи литсейи Оғохони ш. Хоруғ Д.Мухторзода сазовори ҷойи дуюм гардиданд. Моҳи майи соли 2016 барои иштирок дар олимпиадаи байналхалқӣ аз фанни математика дар Тайланд, даври интихобӣ дар ш.Душанбе доир гардид. Дар ҳайати якачини Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 нафар холи аз ҳама баланд гирифтанд, ки 3 нафари онҳо хонанадагони литсейи Оғохон-и ш. Хоруғ буданд[219].

Ҷои зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба компютеркунонии мактабҳои ВМКБ диққати ҷиддӣ медиҳад. Масалан, тибқи қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи “Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ”

[218]Ҳисоботи солонаи Раёсати маорифи ВМКБ 6 декабри соли 2012 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.12.
[219]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ ба ҳолати 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.5-6.

соли 1999 мактабҳои ВМКБ аз Фонди Президенти кишвар бо компютерҳои нав муҷаҳазонида шуданд. Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи ҷашни “Рӯзи Ваҳдати миллӣ” соли 2010 барои шуъбаи маорифи ВМКБ 500 компютер ва 90 принтер ҷудо намуданд[220]. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят дар соли 2012 дар арафаи фарорасии “Рӯзи Ваҳдати миллӣ” аз фонди Президент боз бо 500 компютер ва 90 принтери дигар муҷаҳаз гардонида шуданд. Ҳамин тавр, то соли 2012 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ВМКБ 2220 компютер ва 385 принтер мавҷуд буданд. Ин нишондиҳанда, дар миқёси ҷумҳурӣ аз лиҳози компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ аз ҳама баланд мебошад, яъне 92%-ро ташкил медиҳад[221].

Дар тамоми муассисаҳои маърифатии ВМКБ дар соли 2014 2363 компютер, 441 принтер бо 242 синфҳои компютерӣ, 6 тахтаи электронӣ таъмин буданд. Бо кӯшишҳои Ҳукумати кишвар 44 мактаб, шуъбаҳои маорифи шаҳр ва ноҳияҳои вилоят ба шабакаҳои иҷтимоӣ пайваст карда шуда, мактабҳои дурдасти вилоят бо “Модем” таъмин карда шуданд. Аз фонди буҷавӣ барои мактабҳои вилоят боз 96 компютер ва 50 принтер ба таври иловагӣ ҷудо карда шуданд. Ин боиси он шуд, ки дар вилоят акнун ба ҳар 7 нафар хонанда, 1 адад компютер рост меояд[222].

Он гуна, ки аз манобеи бойгонӣ бармеояд, солҳои 2016-2017 дар тамоми муассисаҳои таълимии ВМКБ 2637 компютер, 658 принтер аз ҳисоби Фонди Президент, 1896 компютер ва 332 принтер аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, 32 компютер ва 10 принтер аз ҳисоби ташкилотҳои ҷамъиятӣ, 224 компютер ва 7 принтер аз ҳисоби шахсони хусусӣ, 38 компютеру 8 принтер аз ташкилотҳои байналмилалӣ, 242 синфҳои компютерӣ, 16 тахтаи электронӣ, 64 проэктор, 82 сканер ва 106 муҳаррик аз ҳисоби давлат мавҷуд буданд. Дар соли 2016 дар муассисаҳои таҳсилоти

[220]Ҳисобот оиди фаъолияти Раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2010 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.3.
[221]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиқлолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории ҳукумати ВМКБ. – С.15.

миёнаи умумии ВМКБ 15532 нафар хонандагони синфҳои 7-11 аз фанни технологияи информатсионӣ таълим гирифтанд. Фанни технологияи информатсиониро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят 219 нафар омӯзгорон ба хонандагон таълим медиҳанд”[223].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба инкишофи соҳаи маорифи ВМКБ таваҷҷӯҳи хос дода, маблағгузориро дар ин соҳа сол то сол меафзояд. Масалан, агар соли 1995 барои инкишофи соҳаи маорифи вилоят аз буҷаи давлат 67 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида бошад, пас ин рақам дар соли 2000 ба 235800 сомонӣ, дар соли 2005 ба 13 5333 000 ва дар соли 2011 бошад, ин рақам ба 46 654 028 (47,7%) расонида шуд. Дар солҳои истиқлолият аз буҷаи давлат барои инкишофи соҳаи маорифи ВМКБ 156 млн. сомонӣ, аз воситаҳои иловагӣ бошад, боз зиёда аз 100 млн. сомонӣ ҷудо карда шуд. Дар соли хониши 2009-2010 ба соҳаи маорифи вилоят 40 931 569 сомонӣ ҷудо шуда, дар ҳудуди вилоят 6 бинои мактаби типи нав ва 1056 толор ва дар 8 мактаби вилоят 29 синфхонаҳои нав барои 696 нафар хонанда сохта ба истифода дода шуд[224].

Ҳукумати кишвар, қалб аз ҳама Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаққи қишри камбизоати ҷомеа пайваста ғамхорӣ намуда, барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани онҳо тадбирҳои мушаххас андешида истодаанд. Масалан, дар соли 2002 дар ҳудуди вилоят сохтмони мактаб-интернати кӯдакони ятим дар н.Рӯшон ба анҷом расонида шуда, дар навбати аввал дар он 60 кӯдак ва дар соли 2011 ба он 827 кӯдак фаро гирифта шуд[225]. Дар соли 2010 бошад, барои интернати н.Рӯшон хобгоҳ барои 150 хонанда сохта ба истифода дода шуд. Сохтмони бинои мактабҳои деҳаҳои Башгумбези н. Мурғоб, Намадгуди н.Ишкошим ба охир расонида шуданд. Ба муносибати 13 солагии “Рӯзи Ваҳдати миллӣ”дар деҳаҳои Ҷовидони н.Ванҷ,

---

[222]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. 20 декабри соли 2014. - № 481. – С.5.
[223]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ, 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.9.
[224]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиклолият, 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.9-10.

Деҳрӯшони н.Рушон, Вранги н.Ишкошим, Боғеви н.Шуғнон мактабҳои нав бунёд гардида, бо таҷҳизоти нави муосир муҷаҳазонида шуданд, ки дар кушодани чанде аз онҳо Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзиданд. Ба ғайр аз ин, бинои 2 мактаби н.Дарвоз дар деҳаҳои Пастроғ, Пуштроғ, бинои мактаби №27 дар н.Роштқалъа, мактаби №50 дар деҳаи Ваҳдати н.Ванҷ ба истифода дода шуданд[226].

Он гуна, ки зикр намудем, Ҳукумати кишвар сол аз сол маблағгузориро барои соҳаи маорифи ВМКБ зиёд намуда, танҳо дар соли 2016 барои соҳаи маорифи вилоят 106 млн. сомонӣ ҷудо намуд. Маблағи мазкур асосан барои мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии соҳаи маорифи вилоят сарф гардид. Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои вилоят бинои мактабҳои № 26, 42 деҳаҳои Қозидеҳ ва деҳаи Дашти н. Ишкошим; дар н. Рӯшон бинои мактаби № 31 дар деҳаи Нисур, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳо ҷудо гардида, бинои мактаби миёнаи № 38 деҳаи Аҷирх ва бо маблағгузории ташкилотҳои ғайридавлатӣ бинои мактаби миёнаи № 45 деҳаи Чадуди ноҳияи Рушон ва бинои мактаби миёнаи № 29 деҳаи Рованди н. Ванҷ, инчунин бинои мактаби миёнаи №11 деҳаи Кушки н. Шуғнон сохта ба истифода дода шуданд[227].

Солҳои 2009-2010 аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон 51 адад муассисаҳои маориф сохта ба истифода дода шуданд. Аз ҷумла, 5 мактаби типи нав, бо 299 синфҳои нави таълимӣ, ба маблағи 74 милиону 993 ҳазору 138 сомонӣ таъмири асосӣ шуданд. Аз ин миқдор 15 адад бо маблағгузории Ҳукумати Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 адад, шуъбаи сохтмони асосии ВМКБ 9 адад, мақомотҳои иҷрояи маҳаллии ҳокияти давлатии ноҳия 1 адад, аз тарафи муассисаҳои ғайридавлатӣ аз ҷумла, сафорати Япония 2 адад, БҶИИМК Фонди Оғохон, 2 адад муассисаҳои таълимӣ сохта ба истифода дода шуданд[228].

---

[225]Дар ҳамон ҷо. – С.12.
[226]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиклолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.13-14.
[227]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.5-6.
[228]Ҳисобот оиди фаъолияти Раёсати маориф дар соли 2010 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.3.

Раёсати маорифи ВМКБ дар ҳамкорӣ бо Фонди Оғохон ва Донишгоҳи Осиёи Миёна минбаъд (ДОМ) бо мақсади беҳтар омӯхтани забони англисӣ барномаи махсус: “Барномаи омӯзиши забони англисӣ дар мактабҳои деҳоти вилоят барои солҳои 2009-2010” ба роҳ монда шуд. Тибқи он дар 12 мактаби деҳот курсҳои махсуси чормоҳаи омӯзиши забони англисӣ дар тамоми ноҳияҳои вилоят ташкил карда шуданд[229].

Роҳбарияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 диққати асосиро натанҳо ба сифати дониш ва таълим, балки ба сифати сохтмони биноҳои нави мактаб дар ВМКБ равона намуд. Чунончӣ, аз 17 то 27 сентябри соли 2010 гурӯҳи кории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии ҷонишини аввали вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Р. Раҳимов ва аз 20 июн то 27 июни соли 2010 вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Раҳмонов иншоотҳои таълимиро санҷида, сифати сохтмонҳоро баҳогузорӣ карданд[230]. Сифати дониши хонандагони ВМКБ низ дар соли 2010 санҷида шуда, он бо 3,3 хол баҳогузорӣ шуд, ки дар он вақт дар ҷумҳурӣ аз ҳама холи баланд ҳисоб карда шуд”[231].

Моҳи июли соли 2012 аз ҷониби намояндаи амрикоии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ сохтмони чор адад мактабҳои нав, аз ҷумла, дар н.Ванҷ дар деҳаи Жамаки водии Язгулом, мактаби № 23; дар н. Шуғнон мактаби № 43 деҳаи Ванқалъа; дар н. Ишкошим деҳаи Вранг, деҳаи Лангар, мактаби № 15 ва мактаби маркази н. Мурғоб дар деҳаи Кӯҳна-Қурган сохта ба истифода дода шуданд[232].

Аз оғози соли 2011 сар карда дар ВМКБ раванди ворид шудани макотиб ба шабакаи иттилоотии ахборот ва технология оғоз шуда, 60 мактаби вилоят ба шабакаи байналхалқии иҷтимоӣ пайваст гардид. Тибқи фармоиши раёсати маорифи ВМКБ аз 2 марти соли 2010 “Маркази технологияи информатсионӣ

---

[229]Ҳисоботи шуъбаи маорифи ВМКБ оиди иҷрои Барномаи омузиши забони англиси дар мактабҳои деҳот дар соли 2009-2010 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.3.
[230]Дар ҳамон ҷо. – С.12-13.
[231]Ҳисобот оиди фаъолияти Раёсати маориф дар соли 2010 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.10.
[232]Ҳисоботи солонаи Раёсати маорифи ВМКБ, 6 декабри соли 2012 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.16.

ва коммуникатсия” дар назди Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасон минбаъд МЭКН ташкил шуд[233].

Дар ҳамкорӣ бо мактаби маълумоти касбӣ ва давомдори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, тибқи лоиҳаи “Барномаи маълумоти касбӣ-техникии сокинони наздисарҳадии Бадахшон”дар соли 2012 озмун барои омӯзгорон таҳти унвони: “Технологияи информатсионӣ ва омӯзиши забони англисӣ” доир гардид. Дар натиҷа 7 нафар аз рӯи барномаи “Забони англисӣ барои иҷрои корҳои илмӣ” ва 7 нафари дигар аз рӯи “Барномаи байналмилалии компютер” (ICDL) ба мӯҳлати 6 моҳ бо гирифтани идрорпулӣ ба маблағи 200 доллари ИМА ба таҳсил фаро гирифта шуданд[234]. Дар ноҳияҳои ВМКБ дар соли 2014 “Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия” ташкил карда шуд, ки онҳо бо 155 адад компютерҳо таъмин мебошанд[235].

Солҳои 2010-2011 дар маркази МКЭН 904 хонанда бо фарогирии 35 маҳфил амал мекард. Соли 2010 - «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» аъзоёни МКЭН-и ВМКБ дар озмуни ҷумҳуриявӣ иштирок карда, соҳиби ҷойҳои якум ва сеюм гардиданд. Хонандагони синфи 8 аз деҳаи Вранги н. Ишкошим Ф. Юсуфбек аз фонди захиравии Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ихтирооти нав: «Модули нави осиёб ва истифодаи он дар истеҳсолот” соҳиби ҷоизаи 60 000 сомонӣ гардида буд”[236].

Ҳукумати кишвар ба масъалаи таълими хонандагони ВМКБ бо китобҳои дарсӣ ва бадеӣ дар замони истиқлолият диққати ҷиддӣ медиҳад. Масалан, моҳи августи соли 2012 аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раёсати маорифи ВМКБ 33032 адад китобҳои дарсӣ ба

---

[233]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиклолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.20.

[234]Ҳисоботи солонаи Раёсати маорифи ВМКБ, 6 декабри соли 2012 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.19.

[235]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. 20 декабри соли 2014. - № 481. – С.5.

[236]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиқлолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.22.

маблағи 327091,32 сомонӣ фиристонида шуда, дар натиҷа 87%, хонандагон бо китобҳои дарсӣ ва 32% бо китобҳои бадеӣ таъмин гардиданд[237].

Вазорати фарњанги Љумњурии Тољикистон бо маќсади боло бурдани сатҳи худогоҳии миллї ва љовидон нигоҳ доштани ваҳдати миллї тавассути асарҳои бузурги адибони гузаштаву имрўзаи тољик ва "бахшида ба Рўзи Вањдати миллї аз 25 то 30 марти соли 2016 аввалин сафари «Корвони китоб»-ро ба Вилояти Мухтори Кўњистони Бадахшон ташкил намуда, ин корвонро дар радифи адибон, ҳамчунин як гурўҳ аъзои Кумитаи иљроияи марказии Ҳаракати ваҳдати миллї ва эҳёи Тољикистон ҳамроҳї намуданд. Дар доираи сафари «Корвони китоб» ба китобохонањои шањру нољияњои ВМКБ зиёда аз 5000 адабиёт ва дигар мањсулоти чопї ройгон таќдим карда шуд"[238].

Соли 2014 бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии Амрико оид ба инкишофи байналхалқӣ ва Фонди Оғохон Барномаи "Хониши оилавӣ дар Тоҷикистон" ташкил шуд. Барнома барои инкишоф ва баланд бардоштани маҳорати волидайн дар тарбияи насли наврас пешбинӣ гардида буд[239].

Барои ворид гардидани муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи ҷаҳонии таълим дар замони истиқлолият тарзи нави қабули ҳуҷҷат ва имтиҳоноти марказонидашуда ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус ва омӯзишгоҳҳо ҷорӣ шуд. Дар соли 2014 шумораи хатмкунандагони мактабҳои ВМКБ 3191 нафарро ташкил кард, ки аз он 1535 нафарро духтарон ташкил намуданд. Соли 2014 қабул ба макотиби олии ҷумҳурӣ тариқи Маркази Миллии тестӣ доир гардид (ниг ба замимаи №12)[240].

Дар соли 2014 аз ҷониби Маркази миллии тестӣ номи 500 довталаби беҳтарини ҷумҳурӣ эълон шуда, аз ВМКБ дар байни онҳо Б. Нуриддинов,

---

[237]Ҳисоботи солонаи Раёсати маорифи ВМКБ аз 6 декабри соли 2012 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.8.
[238] Бойгонии ВФ ЉТ. Њисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарњанги Љумњурии Тољикистон дар соли 2016. – С. 10.
[239]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. 20 декабри соли 2014. - № 481. – С.5.
[240]Дар ҳамон ҷо. – С.6-8.

хатмкунандаи мактаби мёнаи №30 н. Рӯшон ва А. М. Саидвалиева, хатмкунандаи мактаби миёнаи № 29 н. Шуғнон низ буданд[241].

Аз 1 марти соли 2016 дар ш.Хоруғ нуқтаи бақайдгирии “Маркази миллии тестӣ” барои ба қайдгирии довталабон ба 33 мактаби олӣ ва 8 муассисаи миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар бинои ДДХ ба номи М. Назаршоев кушода шуд. Ҳангоми ба қайдгирӣ маълум гардид, ки аз 3222 довталаб, 1657 нафар духтарон, 8 нафар маъюб, 13 нафар ятимони кул, 213 нафарро ятимони яктарафа ташкил доданд. Аз 2552 нафар хатмкунандагони соли 2016 бошад, 670 нафар хатмкунандагони соли 2015 буданд. Баъди гузаронидани имтиҳоноти дохилшавӣ аз ҷониби маркази миллии тестӣ маълум шуд, ки 1937 нафар ба мактабҳои олии кишвар ва 273 нафарашон ба колеҷҳо дохил гардиданд[242].

Дар солҳои 1991-2018 равобити байналмилалии раёсати маорифи ВМКБ бо кишварҳои хориҷ вусъат ёфт. Чунончи дар солҳои 2010-2011-ум 350 нафар ҷавонон дар Донишгоҳҳои Федератсияи Русия, Хитой, Аврупо, ИМА, Ҳиндустон, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон дохил шуданд. Масалан, агар дар соли 2000-ум 25 нафар, соли 2005-ум 54 нафар, соли 2008-ум 84 нафар донишҷӯ дар кишварҳои хориҷ таҳсили илм карда бошад, пас дар соли 2010-ум ин шумора ба 167 нафар расид[243].

Соли 2014 бошад, аз ҳисоби хатмкунандагони муаасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят 304 нафар ба мактабҳои олии Федерасияи Русия, 15 нафар ба Донишгоҳи КИМЕП-и Қазоқистон, 52 нафар ба мактабҳои олии Қирғизистон, 5 нафар ба Хитой, 3 нафар ба Полша, 3 нафар ба Малайзия, 1 нафар ба Швейтсария, 1 нафар ба Кипр, 1 нафар ба Кения, 3 нафар ба ИМА мувофиқи барномаи FLEX дохил шудаанд[244]. Дар соли 2014 16 нафар

---

[241]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. 20 декабри соли 2014. - № 48. – С.8.
[242]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ, 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.4.
[243]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиқлолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.12.
[244]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ 20 декабри соли 2014. - № 481. – С.5-8 .

хонандагони синфҳои 7, 8 ва 9 ба Академияи ш.Момбасаи давлати Кения дохил гардиданд[245].

Дар солҳои ба риштаи тадқиқ гирифташуда, дар кишвар озмуни "Муаллими сол" ва "Мураббии сол" доир гардид. Моҳи майи соли 2012 озмуни "Муаллими сол" дар ш. Хоруғ доир шуда, дар он муаллимаи мактаби миёнаи № 9 ш. Хоруғ Ҷ.Абдураҳмонова иштирок карда, дар мусобиқаи шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҳатто ҷумҳуриияви сазовори ҷойи аввал гардид. Дар соли 2015 дар ин озмун муаллимаи математикаи мактаби миёнаи №5 ш. Хоруғ Т. Амирбекова ғолиб баромада, номбурда ҳам дар мусобиқаи вилоятӣ ва ҳам ҷумҳуриявӣ ғолиб дониста шуда, бо нишонаи сарисинагии "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарафроз гардонида шуд. Моҳи апрели соли 2015 дар н.Мурғоб низ озмуни "Муаллими сол" доир шуда, дар он муаллимаи мактаби миёнаи №1 н. Мурғоб М. Отонбаева ғолиб дониста шуд[246]. Моҳи майи соли 2016 озмуни вилоятии "Муаллими сол" доир шуда, дар он муаллимаи синфҳои ибтидоии мактаби Президентии ш. Хоруғ Н. Сабоиева ғолиб омад[247]. Моҳи майи соли 2017 дар ин озмун муаллимаи мактаби миёнаи № 6 н. Роштқалъа Р. Броимшоева ғолиб гардид[248].

Моҳи июни соли 2013 озмуни вилоятии "Мураббии сол" доир гардида, дар он Д. Подшоева - мураббияи кӯдакистони №1-и н. Ишкошим, соли 2014 дар ин озмун мураббияи кӯдакистони № 1 н. Рушон Л. Руштова,[249] ва дар соли 2015 мураббияи кӯдакистони №2 ш. Хоруғ М. Шаҳбозбекова ғолиб дониста шуданд[250].

Соли 2016 аз тарафи идораҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар ВМКБ истироҳатгоҳҳои кӯдакона бунёд гардиданд. Шурои иттифоқҳои касабаи ВМКБ барои кӯдакони ятим ва оилаҳои камбизоат 46 адад роҳхат ба маблағи 4600 сомонӣ аз ИТРЕБ харидорӣ кард. Кӯдакони вилоят дар

---

[245]Дар ҳамон ҷо. – С.5, 9.
[246]Ҳисоботи солонаи шуъбаи морифи н.Мурғоб аз 8 декабри соли 2015. - №84 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.4.
[247]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ, 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.11.
[248]Дар ҳамон ҷо.
[249]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ 20 декабри соли 2014, № 481. – С.5, 12.

истироҳатгоҳҳои тобистонаи ИТРЕБ бо номи «Шабдез»-и н. Роштқалъа, «Саодат»-и н. Шуғнон, «Маърифат»- и н. Рӯшон ва «Нур»-и н. Ишкошим ба истироҳат фаро гирифта шуданд[251].

Дар баробари муваффақиятҳои дар боло зикр шуда, дар солҳои 2010-2011 дар соҳаи маорифи ВМКБ як қатор норасоиҳо низ ҷой доштанд. Масалан:

- тамоюли аз кор рафтани муаллимони ҷавон коҳиш наёфт. Танҳо дар 4 моҳи соли хониши 2010-ум 193 омӯзгорони ҷавон аз ҷойи кор маҳрум шуданд, ки сабаби он дар кам шудани соатҳои дарсӣ дониста шудааст. Чунончи, тақрибан шумораи хонандагони вилоят сол аз сол коҳиш ёфт. Яъне кам шудани соатҳои дарсӣ боиси аз кор рафтани омӯзгорони ҷавон гардид[252].

- дар машварати августии соли 2011 омӯзгорони вилоят оиди проблемаҳои ҷой дошта чунин ибрози ақида намуданд:

- маоши кормандони соҳаи маориф барои таъминоти оилаи онҳо намерасад[253]. Масъала бояд фавран дар сатҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли худро ёбад;

- аз макотиби олии кишвар бояд ба ВМКБ кадрҳои соҳибтахассус равона карда шаванд, зеро дараҷаи дониши омӯзгори ҷавон ба талаботҳои ҳозиразамон чандон ҷавобгӯ нест;

- омӯзгорони ҷавони вилоятро бо хона таъмин ва ё барои бунёди манзили зист ба онҳо қитъаҳои замин ҷудо карда шавад[254].

- дар солҳои 2012-2015 дар соҳаи маорифи вилоят чунин камбудиҳо ҷой доштанд:

- соли 2014 бобати кор дар соҳаи маорифи ВМКБ 422 нафар мутахассисони ҷавон фиристонида шуданд. Аз онҳо 203 нафарашон ба ҷойи кор ҳозир шуда 48%, аммо 219 нафар ба ҷойи кор умуман нарафтанд 51%.

---

[250]Дар ҳамон ҷо. – С.5-6.

[251]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.7.

[252]Ҳисобот оиди фаъолияти Раёсати маориф дар соли 2010 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.1.

[253]Маоши миёнаи муаллимони вилоят дар соли 2010 ҳамагӣ 230 сомониро ташкил мекард. **Муф. дар ин бора ниг.:** Ш.Афзалшоев. Учителя ГБАО продолжают уходить из школ. 13 апреля, 2010. - /http://news.tj/ru/news/tajikistan/20100413/uchitelya-gbao-prodolzhayut-ukhodit-iz shkol

Дар соли 2014 аз мактабҳои н. Дарвоз 8 нафар; аз н. Ишкошим 9 нафар; аз н. Роштқалъа 5 нафар; аз ш. Хоруғ 7 нафар омӯзгорон корпартоӣ намуданд. Сабаби асосии онро дар паст будани маоши омӯзгорон қаламдод намудаанд[255]. Дар н. Ванҷ дар соли 2015 омӯзгорон аз фанҳои физика, алгебра, химия, забони русӣ, забони англисӣ, технологияи информатсионӣ, тайёрии ибтидоии ҳарбӣ намерасанд[256].

- дар ВМКБ 16 мактаб-интернати наздимактабӣ вуҷуд дошта, дар онҳо 499 нафар хонанда ба таълим фаро гирифта шудаанд. Аммо барои хӯроки як нафар тарбиягиранда аз буҷети давлатӣ ҳамагӣ 1 сомониву 40 дирам ҷудо мешавад, ки ин хеле кам аст. Зарур аст то маблағи мазкур аз буҷет зиёд карда шавад[257].

- сардори раёсати маорифи ВМКБ Э.Ҷонмирзоев менависад: "Баъди гузарондани мониторинг аз ҷониби мутахассисони раёсат дар вилоят маълум шуд, ки дараҷаи дониши хонандагони мактабҳои миёнаи вилоят назар ба солҳои гузашта хеле паст рафтааст. Дар бештари мавридҳо омӯзгорон ба дониши хонандагон худсарона баҳои баланд гузошта, ин кор натанҳо боиси сустхонии толибилмон мегардад, балки боиси коста шудани обрӯи омӯзгорон низ шуда истодааст. Хонандагони вилоят аз фанни "Технологияи компютерӣ" дониши суст доранд"[258].

- соли 2014 160 нафар омӯзгорони ҷавон қарзи имтиёзнок аз бонкҳои давлатӣ гирифта буданд. Дар соли 2014 рӯйхати 40 нафар[259], соли 2015-ум 52 нафар ва соли 2016-ум 54 нафар[260] омӯзгорони ҷавон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани қарзҳои имтиёзнок муроҷиат карданд, вале ин пурра ҳал кардани проблемаи ҷойдоштаи омӯзгорони

---

[254]Ҳисоботи Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ дар нӯҳ моҳи соли 2011. – С.30.
[255]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. 20 декабри соли 2014. - №481. – С.5, 11.
[256]Ҳисоботи шуъбаи маорифи н. Ванҷ дар шаш моҳи соли 2015 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.6.
[257]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. 20 декабри соли 2014. – С.25.
[258]Ховар, Н. Теъдоди компютерҳо зиёд, дониши хонандагон паст / Н. Ховар // Бадахшон. – 2017. – №16 (10649) . – 20 апрел.
[259] Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. 20 декабри соли 2014. - № 481. – С.5, 11.
[260]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ 5 декабри соли 2016 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.7.

вилоятро бартараф карда наметавонад. Супоришоти чандинкаратаи раиси ВМКБ ба намояндагони шаҳру ноҳияҳо оиди ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони манзили зист барои омӯзорони ҷавон бо мақсади пешгирӣ кардани аз кор рафтани онҳо, умуман иҷро карда намешавад. Методисти синфҳои ибтидоии Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ А. Ёразиз менависад «…аз сабаби маоши кам на фақат муаллимон, балки ҳатто мураббиёни беҳтарин, ки онҳоро Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ тайёр карда буд ба Руссия ба мардикорӣ рафта истодаанд”[261].

- гарчанде ВМКБ минтақаи аграрӣ бошад ҳам, вале дар ягон муассисаи таълимии касбии он мутахассис оиди истеҳсолоту коркарди маҳсулоти хоҷагии деҳот ва соҳаи хизматрасонӣ омӯхта намешавад.

Ҳамин тавр, месазад гуфт, ки бо аз байн рафтани низоми маорифи шӯравӣ ва таъсири ҷанги шаҳрвандӣ мактабҳои ҷумҳурӣ ба вазъияти душвор дучор шуда, дар онҳо мизу курсӣ ва китобҳои дарсӣ намерасиданд.

Бо ба охир расидани ҷанги шаҳрвандӣ бо ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу салоҳ ва ваҳдати комил дар кишвар барқарор шуда, маҳз бо кӯшишҳои шабонарӯзӣ ва хастанопазири Пешвои муаззами миллат чандин қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул гаридиданд, ки онҳо дар рушди маорифи кишвар саҳми калон гузоштанд. Солҳои 1991-2000 даври аввали ислоҳот ва солҳои 2001-2015 даври дуюми ислоҳоти соҳаи маориф гузаронида шуда, соҳаи маорифи вилоят ба куллӣ тағъйир ёфта, дар баробари мактабҳо, инчунин литсейю гимназияҳо ва мактаби Президентӣ ташкил карда шуданд, ки ин имкон дод то ҷавонони ВМКБ баъди хатми макотиби миёна дар дохили кишвар ва хориҷ аз он таҳсили илм намоянд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи баланд бардоштани сатҳи

---

[261]**Муф. дар ин бора ниг.:** Учителя ГБАО мигрируют в Россию http://old.news.tj/ru/news/uchitelya-gbao-migriruyut-v-rossiyu

маърифат ва донишазхудкунии ҷавонони кишвар дар ВМКБ пайгирона амалӣ гардида истодаанд. Маҳз бо пайгирии Пешвои муаззами миллат дар ВМКБ дар заминаи соҳибистиқлолӣ садҳо кӯдакистонҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сохта ба кор шурӯъ намуданд. Роҳбари давлат назди маорифчиёни мамлакат вазифаҳои муҳими тақдирсозро гузоштанд, ки маҳз аз амалӣ намудани онҳо ояндаи Тоҷикистон дар роҳи рушди ҳаматарафа ва пеш аз ҳама бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона вобастагии зич дорад. Маҳз рушду нумӯи соҳаи маориф имкон дод, ки ба амалӣ намудани самтҳои стратегӣ ва пеш аз ҳама бунёди иқтисоди саноатӣ-аграрӣ дар Бадахшони Тоҷикистон ноил гардем.

## 2.2. Таҷрибаи таърихии тайёр намудани мутахассисони баландихтисос барои хоҷагии халқи ВМКБ

Дар замони бошитоби илму техника густариши бемайлони технологияи саноатӣ ва иттилоотӣ пешрафти ҷомеаро бе мутахассисони баландсавияи дорои дониши муосири ҷаҳонӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон ба тарбияи мутахассисони ҷавон дар макотиби кишвар ва берун аз он диққати бениҳоят калон медиҳанд. Эълон намудани "Соли маориф, илм ва техника", "Соли ҷавонон", бузургдошти абармардони илму маърифат ва фарҳанг маҳз бо ҷалби ҷавонон ба донишомӯзии дастранҷҳои муосири илми сатҳи ҷаҳонӣ равона гардидааст.

Дар замони шӯравӣ дастовардҳои макотиби маълумоти миёнаи ВМКБ имконият медод, ки ҷавонони вилоят бо муваффақият дар макотиби ҷумҳурӣ ва иттиҳоди шӯравӣ таълим гирифта соҳиби маълумоти баланди олӣ гардиданд.

Аз рӯи маълумотҳои омории замони шӯравӣ миқдори мутахассисони маълумоти миёнаи ВМКБ бо ҳисоби ба ҳар як ҳазор нафар дар иттиҳоди шӯравӣ баландтарин нишондод ба шумор мерафт. Дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ИҶШС ва Тоҷикистон садҳо ҷавонони зодаи вилоят бомуваффақият кор ва фаъолият доштанд. Беҳтарин хатмкардагони макотиби олӣ дар ҷодаи аппирантура ва докторантураи марказҳои илмии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистон таҳқиқоти илмиро ба сомон расонида, дорои дараҷаҳои илмии доктор ва номзади илм гаштаанд. Дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони баландсавияи дастпарварони вилоят фаъолияти илмӣ-омӯзгориро идома медоданд. Аксарияти ин олимон дар навбати худ мактаби илмии худро таъсис дода баҳри тарбияи мутахассисони ҷавон саҳмзугоранд.

Ба даст даровардани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар ҷодаи мутахассисони баландсавияи дорои маълумоти олӣ аз ҳисоби ҷавонони ВМКБ саҳифаи наверо оғоз намуд. Маҳз дар ин замон имконият ба миён омад, ки дар ҳудуди бевоситаи ВМКБ аввалин Донишгоҳ таъсис дода шавад.

Моҳи августи соли 1992 дар ш.Хоруғ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ (минбаъд ДДХ) таъсис ёфт, ки бунёдгузори он ходими машҳури ҳизбӣ, доктори илмҳои таърих, профессор М.Назаршоев мебошад[262]. Аввалин ректори ДДХ доктори илмҳои математика, академик М.И. Илолов (1992-1995) таъйин шуданд. Баъдан дар ин вазифа доктори илмҳои фалсафа, профессор Х.Д. Додхудоев (1995-1998), доктори илмҳои математика, академик М.Ш. Шабозов (1998-2005), доктори илмҳои математика, Г. Ҷангибеков (2005-2012), доктори илмҳои техникӣ И. Каландарбеков (2012-2014) дифои вазифа намудаанд. Аз соли 2014 инҷониб вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ доктори илмҳои иқтисод, профессор Ш.Б. Ҷонмамадов бар душ дорад.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев дар 15 соли фаъолияти худ аз соли 1992 то соли 2007 38650 мутахассис тайёр намуда, аз ин теъдод, 30720 ё 79,4%-ро занон ташкил медиҳанд[263].

Бо дастгирии моддии Ҳукумати ҷумҳурӣ сол аз сол базаи моддӣ-техникии он мустаҳкам гардида, сатҳу сифати таълиму тарбия дар донишгоҳ рӯз то рӯз беҳ шуда истодааст. Роҳбарияти донишгоҳ ба комплектатсияи кадрҳои баландихтисоси ҳайати профессорон ва омӯзгорон диққати ҷиддӣ медиҳад. Барои мисол дар 8 факултаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ факултаҳои таърих ва ҳуқуқ, забонҳои хориҷӣ, иқтисод, илмӣ-табиӣ, математика, физика, биология ва филологияи тоҷик 268 нафар кадрҳои баландихтисос фаъолият намуда, аз ин шумора 134 нафарро занон ташкил медиҳанд. Занон дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва рушди илми донишгоҳ нақши бағоят калон доранд. Метавон дар ин ҷода проректор оид

---

[262]**Дар ин бора ниг.:** Ҳоҷибеков, Э. Нақши профессор М. Назаршоев дар инкишофи илми тоҷик / Э. Ҳоҷибеков // Очеркҳо оиди таърихи Бадахшон. – Душанбе, 2013. – С.162-169.

[263] Ҳисоботи шуъбаи кадрҳо дар солҳои 1992-2008 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – Л. 24.

ба илм, номзади илмҳои биология, дотсент Т. Содатқадамова, мудири шуъбаи аспирантура ва магистратура, номзади илмҳои филология, дотсент Р. Шофақирова, декани факултаи иқтисод номзади илмҳои иқтисод, дотсент М. Шоидарвозова, декани факултаи таърих ва ҳуқуқ номзади илмҳои иқтисод Л. Назархудоева, ҷонишини ректор оид ба корҳои байналхалқӣ номзади илмҳои философия, О. Сайфуллоева ва дигаронро ном бурд[264].

Баъди воқеаҳои солҳои 90-уми асри XX аксар олимон аз пойтахти ҷумҳурӣ ш.Душанбе ба Бадахшон омада, асосан дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба фаъолият пардохтанд. Барои тақвияти ин гуфтаҳо метавон чанде аз онҳоро мисол овард. Масалан, доктори илмҳои филологӣ П. Ҷамшедов; номзади илмҳои филологӣ М. Назарова; профессорон И. Раҳимӣ, Б. Имомназаров,номзадҳои илм Ш. Шогунбеков Ш, Ш. Мамаданбарова, И. Раҳматов аз ин қабиланд Баъди аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эътидол овардани вазъияти сиёсии кишвар дар пойтахт аксарияти олимони номбурда аз соли 1995 ба ш.Душанбе баргаштанд.

Ректори онвақтаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ профессор Х. Додихудоев баъди ба ш. Душанбе баргаштани олимони номбурда аз мактабҳои миёнаи шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят омӯзгорони ботаҷриба ва дорои категорияи олиро ба ДДХ ба кор даъват намуд.

Яке аз ҷабҳаи муҳими фаъолияти макотиби олӣ ва таъмини устодони соҳибунвон-корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҳсили ҷавонон дар магистатура ва аспирантура ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, роҳбарияти ВМКБ ба тайёр намудани мутахассисони дорои унвони илмидошта диққати зарӯрӣ медод. Устодони ҷавони Донишгоҳи давлатии Хоруғ бештар ба соҳаҳои илмҳои филология, таърих, ризоиёт, иқтисод, кимиё ва ғайра таваҷӯҳи зиёд доштанд ва маҳз дар ин ҷода бештар ба комёбиҳо ноил гардиданд.

Аз ҷумла, Л. Давлатбеков, Э. Ҳоҷибеков ва дигарон. Ректорони ДДХ Х. Додхудоев ва М. Шаҳбозов нарасидани кадрҳои илмиро дарк карда, аз ин

---

[264]Ҳисоботи шуъбаи илми ДДХ дар соли 2017 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.4.

сабаб диққати ҷиддиро ба тайёр кардани кадрҳои ҷавони илмӣ равона карданд. Ин боиси он шуд, ки дар солҳои 1997-2002 дар ДДХ як қатор рисолаҳои номзадӣ дифоъ гардиданд. Чунончи дар соли 1997 Г.Хуҷаназарова дар риштаи биология, дар соли 1999 М. Мамадасламов бо ихтисоси филологияи тоҷик, дар соли 2002 Т. Содатқадамова, М. Наврузбекова бо ихтисоси биология ва Э. Ҳоҷибеков[265] бо ихтисоси таърих рисолаҳои номзадиро дифоъ намуданд.

Дар соли 2003 аз ДДХ Л. Мирзоҳасанов, А. Насриддиншоев дар риштаи филологияи тоҷик, М. Алимшоев дар риштаи таърих[266] У. Окимбеков дар риштаи иқтисоди умумӣ рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуданд[267]. Дар соли 2004 аз факултети филологияи ДДХ, Л. Давлатбеков, Р. Шофакирова рисолаҳои номзадии худро дифоъ карданд. Дар соли 2005 О. Сайфуллоева дар риштаи иқтисод, С. Азорабеков дар риштаи филологияи тоҷик, Қ. Собирова аз таърихи умумӣ рисолаҳои номзадӣ дифоъ карданд. Дар соли 2006 бошад факултаи иқтисод М. Шоидарвозова рисолаи номзадӣ дифоъ намуд[268]. Дар соли 2008 Ҳ.Таваккалов, соли 2009 С. Абодуллоева дар риштаи филологияи тоҷик рисолаҳои номзадӣ дифоъ карданд.

17 июни соли 2011 аспиранти факултаи математикаи ДДХ М. Саидусайнов рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Некоторые вопросы теории приближения в весовых пространствах Бергмана» зери роҳбарии узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор М. Шабозов дар Институти математикаи Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд АУ-АИ) ҳимоя намуд[269]. 26 майи соли 2011 унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик ДДХ Ю.Ш.Саидасанов рисолаи номзадӣ, таҳти унвони

---

[265]Ходжибеков, Э. Исмаилитские духовные наставники (пиры), их роль в общественно-политической и културной жизни Шугнана (вторая половина Х1Х-30-е годы ХХвв.) 26 декабря 2002 года в ТНУ: Автореф. дисс... канд. истор. наук / Ходжибеков Эльбон. – Душанбе, 2002. – 24 с.

[266]Алимшоев, М. М. История взаимоотношений Российской пограничной службы на Памире с местным населением в конце XIX - начале XX вв.: Дисс... канд. истор. наук / Алимшоев Мамадризо Мамадасанович. – Душанбе, 2003. – 178 с.

[267]Окимбеков У. В. Солҳои 1997-2000 муаллими ДДХ, с-ҳои 2000-2003 аспиранти Институти Шаркшиносии АИ ФедерацияиРоссия. Соли 2003 рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «По вопросу социално экономическое развитие северо-востока Афганистана» ҳимоя карда буд.

[268]Ҳисоботи илмии ДДХ дар соли 2004-2006 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев.

[269]Ҳисоботи илмии ДДХ дар соли 2011 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.8.

«ВМКБ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1941-1945” таҳти роҳбарии номзади .илмҳои таърих доцент Э. Ҳоҷибеков дар Институти таърих, археология ва этнография ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон дифоъ намуд[270]. Дар соли 2011 ассистенти кафедраи филологияи шарқ Б. Ҷумъаева рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд.

Ҳамин тавр  кафедраҳои ДДХ натанҳо дар сатҳи вилоят, балки дар ҷумҳурӣ ҳам машҳур шуда, онҳо чун кафедраи пешбари рисолаҳои номзадӣ дониста шуданд. Чунончӣ,  25 апрели соли 2011 дар машварати кафедраи таърихи умумии ДДХ, мудири кафедра, дотсент Э. Ҳоҷибеков рисолаи номзадии М.М. Сулаймоншоев  «Исторический опыт создания и развития государственных предприятий (совхозов) в Таджикистан (1921–1924гг.) таҳти роҳбарии  академик Р.М Масов муҳокима шуда, кафедра ба он чун кафедраи пешбар тақриз дода буд.

Соли 2013 муаллими кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДХ Қ.Аламшоев зери роҳбарии доктори илмҳои. таърих, профессор Ҳ.Пирумшоев ва соли  2015  С. Элназаров дар риштаи геология рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуданд[271].

Соли 2013 дар тамоми кафедраҳои ДДХ диққати ҷиддӣ ба корҳои илмӣ-амалӣ ва маҳфилҳои  илмии донишҷӯён равона гардида буд. Масалан, дар кафедраи забони русӣ 2 маҳфили илмӣ: «Забоншиноси ҷавон»  зери роҳбарии Ж. Зоолшоева ва «Маданияти сухан ва хониши ифоданок» таҳти роҳбари Н. Гуламадшоева фаъолият дошт. Дар маҳфили «Забоншиносони ҷавон», фонетика, лексика, орфография, орфоэпия, грамматика ва  синтаксиси забони русӣ омӯхта мешавад. Аъзоёни маҳфил ҳар сол   викторина, фестивали забони русӣ, иди  «Рӯзи Русия» ва дигар чорабинҳо гузаронида,  дониши донишҷӯёнро нисбат ба забон, адабиёт ва маданияти халқи рус зиёд мекунанд. Инчунин ҳар сол маҳфилҳоро таҳти унвонҳои «Маданияти сухан ва хониши ифоданок” ва “Беҳтарин ровии факулта”-ро гузаронида, маҳорати

---

[270]Дар ҳамон ҷо. – С.36.

[271]Аламшоев, К. М. Шириншо Шотемур-общественно-политический деятель Таджикистана: Автореф. дисс... канд. истор. наук / Алашоев Курбонидин Мирзовафоевич. – Душанбе, 2013. – 24 с.

донишҷӯёнро дар хониши матн, қироати шеър ва маданияти сухан аз фанни забони русӣ сайқал медиҳанд[272].

Олимони ДДХ ба номи М.Назаршоев дар нашри асару мақолаҳои илмӣ мақоми шоистаеро касб намудаанд. Чунончи, дар соли 2005 монографияи мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик Қ.Д.Собирова[273] нашр гардид. Дар соли 2011 тадқиқотҳои илмии Ҳ. Таваккалов,[274] Р. Шофақирова,[275]Л. Мирзоҳасанов «Ҷилои табиат дар шеъри сабки Хуросонӣ»[276] нашр гардиданд. Кори номзади имлҳои филологӣ Д. Қодиров ба омӯзиши фразеологиии аспектҳои гӯиши забони тоҷики мардуми Дарвоз бахшида шудаст[277].

Диққати ҷиддӣ додани маъмурияти ДДХ ба инкишофи илм ва маҳфилҳои фаннӣ натиҷаҳои хуб ба бор овард. Чунончӣ, донишҷӯи курси 5-уми шуъбаи физикаи ДДХ А. Шоҷонов дар конференцияи байналхалқӣ бахшида ба 300 солагии М.В.Ломоносов, ки рӯзҳои 26-27 апрели соли 2011 дар ш. Душанбе доир гардид, дар мавзӯи: «Манбаҳои барқароршаванда» баромад карда, соҳиби ифтихорнома гардид. Дар ин конфронс донишҷӯи курси 4 факултети забонҳои русии ДДХ ба номи М.Назаршоев Х. Худоёрбекова дар мавзӯи: «М.В.Ломоносов - забоншинос» иштирок ва баромад карда, бо дипломи конфронс мукофотонида шуд. Аз 7 то 10 июли соли 2011 дар ш.Душанбе «Рӯзҳои Бадахшон» гузаронида шуда, дар он корҳои илмии омӯзгорон ва донишҷуёни ДДХ ба номи М. Назаршоев ба намоиш гузошта шуданд.[278]

Маъмурияти ДДХ ба фаъолияти илмӣ - тадқиқотии аспирантон низ диққати ҷиддӣ медиҳад. Соли 2011 дар шуъбаи аспирантура 46 аспирант

---

[272]Ҳисоботи илмии ДДХ дар соли 2011 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.16.
[273]Собирова, К. Д. Вклад фонда Ага-Хана в развитии ГБАО / К. Д. Собирова. – Душанбе, 2005. – 174 с.
[274]Таваккалов, Х. Анъанаи мадҳиясароӣ дар Бадахшон / Х. Таваккалов. – Душанбе, 2013. – 261 с.
[275]Шофақирова, Р. Образи зан- модар дар «Шоҳнома”-и А. Фирдавсӣ / Р. Шофақирова. – Душанбе: Маориф, 2011. – 120 с.
[276]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2011 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.18.
[277]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2011 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.23.
[278]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ҳисоботи илмии ДДХ дар соли 2011 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.27-28.

таҳсил мекард. Шуъбаи асперантураи донишгоҳ алоқаи зич бо Институти таърих бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш, Институти забон ва адабиёт ба номи  А. Рӯдакӣ, Институти химия, Институти математика, физика ва физиологияи растаниҳои АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои илмӣ дорад. ДДХ инчунин бо "Маркази тадқиқотҳои стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", Донишгоҳи миллии Тоҷикситон, Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикстон дар тайёр намудани мутахассисони ҷавон ҳамкорӣ менамояд. Ғайр аз ин, ДДХ ба номи М.Назаршоев бо марказҳои хориҷи кишвар чун IIS Лондон,[279] Маркази тадқиқотии ш.Машҳад, Донишгоҳи Фирдавсии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Донишгоҳи Кентукии ИМА ва ғайра равобити илмӣ дорад[280].

Дар соли 2011 олимони ДДХ ба номи М.Назаршоев М. Алимшоев[281] аз кафедраи таърихи умумӣ, Ш. Худобахшова,[282] аз факултаи геология  ва Б.Ҷумъаева аз кафедраи забонҳои шарқ,[283] С. Алихонова С,[284] Т.Саодатқадамова Т[285] А. Шоинбеков [286]дар  семинарҳои байналхалқӣ дар Германия, Италия, Чехия, Хитой, Эстония, Грузия, Қирғизистон, Ӯзбекистон, бо маърузаҳои илмӣ баромад намуданд[287].  Месазад қайд кард, ки дар инкишофи илми ВМКБ Н. Офаридаев  доктори илми филологӣ, профессор

[279]Институти тадқиқоти исмоилияи ш.Лондон.
[280]Дар ҳамон ҷо. – С.37.
[281]Алимшоев, М. Кафили сулху Вахдат / М. Алимшоев // Ваҳдат. Давлат. Президент. – Душанбе, 2010. – Ҷ.10. – С.363–367; Он же, Присоединение Памир к России // История таджикского народа. – Душанбе, 2010. – Т.4.
[282]Худобахшова, Ш. О. Усойский завал и геофизические исследования / Ш. О. Худобахшова // Материалы конференции «100-лет Сарезкое Озеро». – Душанбе, 2011. – С.55-60.
[283]Баъзе хусусиятҳои нишонаҳои ҷамъбандии ҷонишинҳо дар романи «Фирдавсӣ» -и С.Улуғзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филология). – Душанбе: Сино, 2011. - №1 (65); Ҷумъаева, Б. Ҷамъбандии мукассари арабӣ дар романи «Фирдавсӣ» -и С.Улуғзода / Б. Ҷумъаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филология). – Душанбе: Сино, 2011. - №2 (58).
[284]Алихонова, С. Инкишофи тафаккури интиқодии донишҷӯён дар дарсҳои забони тоҷикӣ / С. Алихонова // Забон – бақои миллат. – Душанбе: Маърифат, 2011; Рушди забонӣ ба ҷомеъа вобаста аст // Омӯзгор. – 2011. – 19 август.
[285]Саодаткадамова, Т. Косточковые культуры западного Памира / Т. Саодаткадамова // Бишкек. – 2011. – 10-13 сентября; Плодовые культуры Западного Памира // Ташкент. – 2011. – 23-26 августь; Она же. Редкие и исчезающие плодовые культуры Западного Памира // Армения. – 2011. – 20-26 июль.
[286]Шоинбеков, А. Азизхон ба Николайи II чи тӯҳфа карда буд? / А. Шоинбеков // Помир. – 2010. - №6. – С.8-9.
[287]**Муф. дар ин бора ниг.:** Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев.Ҳисоботи илмии ДДХ дар соли 2011. – С.27.

нақши бориз гузоштааст. Н. Офаридаев асосгузори, мактаби топонимикаи Помир ба ҳисоб рафта, чандин шогирдонро дар ин самт тайёр намудааст[288].

Олимони ДДХ Э. Ҳоҷибеков, [289] Ҳ. Хушқадамова[290] дар конгресси байналхалқии шарқшиносон ICANAS-37 Москва, 16 то 21 августи соли 2004; А.Наврузбекова дар конфронси байналхалқии ш.Душанбе,[291] К.Қадамшоев дар конфронси ҷумҳуриияви̅ бахшида ба 25 солагии боғи ботаникии ш. Кӯлоб[292] бо маърӯзаҳои пурмуҳтаво баромад намуданд. А.Мамадризохонов, доктори илмҳои биологи̅ дар конфронси байналхалқии ш.Марокаш,[293] конфронси 6-уми байналхалқии Британияи Кабир[294] дар конфронсҳои ҷумҳуриияви̅[295] баромад намуданд. Дотсент Т. Саодатқадамова бошад, дар кори конференсияҳои байналхалии ш. Бишкек ва Тошканд баромад намуданд[296].

Соли 2012 ҳайати омузгорон ва професорони ДДХ ба номи М.Назаршоев 50 корҳои илми̅, бо маблағгузории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҳисоби буҷаи донишгоҳ анҷом доданд.

Соли 2012, ДДХ дорои 21 кафедра буда, бахшида ба 20 солагии таъсисёбии Донишгоҳ конференсияи илми̅ доир шуда, дар бахшҳои

---

[288]Офаридаев, Н. Баҳсҳо дар атрофии зиндагии Имоми Аъзам / Н. Офаридаев // Маҷмӯаи мақолаҳо оид ба Имоми Аъзам. – Душанбе, 2011; М.Турсунзода-тарғибгари арзишхои умумибашари̅ // Мирзо Турсунзода тарғибгари сулҳ ва ваҳдат. – Душанбе, 2011 ва ғ.

[289]Khojibekov, E. (Khorog) / Rusian and Soviet Scholars on the Role of Ismaili Pir / E. Khojibekov // International Congress of Asian and North African Studies ICANAS. – Moscow, 2004. – August 16. – P.84-85.

[290]Khushkadamova, Kh. (Moscov) Aga Khan IV and Central Asia: A constructive engagement / Kh. Khushkadamova // International Congress of Asian and North African Studies ICANAS. – Moscow, 2004. – August 16. – P.85.

[291]Бахронов, А., Наврузбекова, М. Реакция разнообразных сортов озимой пшеницы к экологическим условиям Памира. В сб. Тезисов докладов межд. Конференсция / А. Бахронов, М. Наврузбеков. – Душанбе, 2011. – 120 с.

[292]Кадамшоев, М. Редкие и исчезающие животные Горного Бадахшана / М. Кадамшоев // Материалы Конфренция посвещеный 25-летие Кулябского Ботанического сада. – Куляб, 2011. – С.110-112.

[293]Mamadrizokhonov, A. Changes of the climate and the condition natural ecosystem on Pamir / A. Mamadrizokhonov // International conference on climate change, Agri- food, fisheries and Ecosystem which will be in Agadir. – Morocco, 2011. – May. – P.15.

[294]Mamadrizokhonov, A. Climate change – in the mountains of the Pamirs / A. Mamadrizokhonov // 6th International Conferences, Climate Change- The University of Birmingham. – Edgbaston Birmingham United Kingdom, 2011. – 27-29 June.

[295]Мамадризохонов, А., Карамхудоев, Х., Сатторова Х. Роль образования в устойчивом развитии туризма в горных регионах Таджикистан / А. Мамадризохонов, Х. Карамхудоев, Х. Сатторова // Конф ТНУ. – 2011. – май, Мамадризохонов, А., Сатторов, Т. Особенности образовательной программы пр переходе к современной системы высшего образования / А. Мамадризохонов, Т. Сатторов // ТО МАН ВС. – 2011. – С.108-111.

мухталифи он 300 маърӯза шунида шуд, беҳтарин маърӯзаҳо бо мукофотҳои пуливу молӣ қадр карда шуданд[297].

Дар ДДХ конференсияҳои “Рӯзи Рӯдакӣ,” “Маснавӣ”-и Ҷ. Балхӣ, 100-солагии М. Миршакар, “Рӯзи забони давлатӣ”, “Конститутсияи кишвар,” “Рӯзи Парчами Миллӣ”, “80-солагии ш. Хоруғ”, “100- солагии шоир Т. Пӯлодӣ”, “110- солагии А.Шуғнонӣ”, “80-солагии профессор Д. Карамшоев”, “20-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Рӯзи Ваҳдати миллӣ,” “Наврӯз ҷаҳонӣ шуд” ва ғайра гузаронида шуданд.

Бесабаб набуд, ки равнақи корҳои илмии донишҷӯён яке аз омилҳои муҳими инкишофи пажӯҳишҳои илмӣ ва таъмини Донишгоҳ бо мутахассисони соҳибунвон ба ҳисоб мерафт.

Соли 2012 озмуни корҳои илмӣ бо шиори: “Донишҷӯ ва пешрафти илмӣ-техникӣ” доир шуда, ҳашт кори илмӣ ба озмуни ҷумҳуриияви пешниҳод карда шуда, чор кори беҳтарин бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳуриии Тоҷикистон қадр карда шуданд. Соли 2012 С. Абодуллоева номзади илмҳои филологӣ дар озмуни олимони ҷавони ҷумҳурӣ иштирок карда, сазовори ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ гардиданд. А. Эшонкулов асистенти кафедраи муодилаҳои дифференциалӣ ва таҳлили функсионалӣ дар озмуни ҷумҳуриияввии «Ихтирокорони ҷавон» сазовори ҷои дуюм гардид[298]. Соли 2012 Н. Озодбекова аспиранти факултаи математикаи ДДХ зери роҳбарии доктори илмҳои математика.З.Раҳмонов рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд.Соли 2012 унвонҷӯи ҷавон С. Мирзошоев барои таҷрибаомӯзӣ ба Донишгоҳи Санк-Петербурги Федератсияи Русия фиристода шуд[299].

---

[296]Саодаткадамова, Т. Косточковые культуры западного Памира / Т. Саодаткадамова // Бишкек, 2011. – С.10-11; Плодовые культуры Западного Памира // Ташкент. – 2011. – 23-26 август. – С.25-26; она же Редкие и исчезающие плодовые культуры Западного Памира // Армения. – 2011. – 20-26 июль. – С.14-16.

[297]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.4.

[298]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.5.

[299]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.38.

Хусусан истеъдоди донишҷӯёни ДДХ дар ҷодаи илмҳои дақиқ ва пеш аз ҳама ризоиёт бараъло намоён мегардид.

Дар факултаи математика Ҷ.Заргаров аз рӯи мавзӯи: «Значение поперечников некоторых классов аналитических функций в пространстве Харди» рисолаи илмӣ таълиф намуд. Аспирант А. Эшонқулов аз рӯи мавзӯи: «Баъзе операторҳои интегралии сингуляриии дученакдор дар соҳаи маҳдуд», ва аспирант М. Мавлоназаров дар мавзӯи: «Создание математической модели экономики ГБАО» корҳои илмӣ-тадқиқотӣ анҷом доданд[300]. Аз кафедраи таҳлили математикӣ Н. Мамадаёзов дар мавзӯи: «Нобаробариҳои намуди Ҷексон–Стечкин ва қимати қутрҳои баъзе функсияҳои ба воситаи модули суфта додашуда дар фазои $L_2$»-ро кори илмӣ бурда, перомуни ин мавзуъ 3 мақолаи илмӣ тадрис намуд.

Такмили ихтисоси омухгорони ДДХ яке аз масъалаҳои мубрами раванди таълим ба ҳисоб мерафт. Соли 2013 Х. Худододова ассистенти кафедраи филологияи англис курси 9 моҳа аз рӯи барномаи Fuulbright дар назди сафорати Америко дар Душанбе гузашт. Инчунин ассистенти кафедраи номбурда С. Имомназарова дар семинари 10 моҳа бо номи «Professional teaching training» дар ш.Душанбе ва ассистенти кафедра Д. Таваккалова курси такмили ихтисосро дар ш.Дубай Аморати Муттаҳидаи Араб гузашт[301]. Яке аз олим ва устоди макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои риёзиёт Мирганд Шаҳбозов ба ҳисоб мерафт.

Бахшида ба 60-солагии академики АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ш. Шабозов дар Институти математикаи АУ Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 29-30 июни соли 2011 конфронси ҷумҳуриияви доир гардида, дар конфронс омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев профессор Ш. Абдулҳофизов, олимони ҷавон З. Парвонаева, Н. Мамадаёзов ва дигарон

[300]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.26.
[301]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.29.

иштирок ва суханронӣ намуда аз саҳми устод дар тарбияи омӯзгорон ва олимони ҷавон дар ДДХ ёд намуданд.

Дастовარҳои олимон ва донишҷӯёни ДДХ дар тайи даҳ соли аввали фаъолият имконият ба миён оварданд, ки равобит ва ҳамкории худро бо марказҳои илмӣ ва таълими хориҷи кишвар густариш диҳанд.

Аз соли 2011 сар карда алоқаи зич дар байни факултаи биологияи ДДХ ба номи М. Назаршоев ва факултаи биологияи Донишгоҳи ба номи М.В.Ломоносови ш.Москва сар шуда буд. Тибқи шартнома олимони ҳарду Донишгоҳ қарор доданд то дар омӯзиши растаниҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кори якҷояро оғоз бахшанд[302]. Инчунин дотсентони кафедраи физикаи умумӣ Ш. Неккадамов ва Р. Фелалиев дар семинари байналмилалӣ таҳти унвони «Солнечная энергия» дар ш. Урумчии Ҷумҳурии халқии Хитой аз моҳи июли соли 2011 суханронӣ намуданд[303].

Моҳи марти соли 2012 дотсенти кафедраи иқтисоди ДДХ В.Валимуҳамадхон дар конференсияи ш.Деҳлии Ҳиндустон дар Донишгоҳи ба номи Ҷ. Неҳру бо маърӯзаи илмӣ «Тоҷикистон дар асри XXI» баромад намуд. Апрели соли 2012 Г. Дустамбаева ва Х. Зулфова дар конференсияи илмии ш. Душанбе таҳти унвони: «Илм ва ҷомеъа дар Тоҷикистон» баромад намуданд; сентябри ҳамон сол ассистенти кафедраи филологияи англиси ДДХ Б. Мамадрайҳонова дар семинари «Developing the new methods of teaching and syllabus» дар ш. Душанбе ширкат варзианд[304].

Муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДХ Ю. Шодмонбеков соли 2012 дар конфронси байналхалқии ш. Боку дар мавзӯи «Демократизация общественной жизни и порядок избирательство в РТ” баромад намуд; феврали ҳамин сол доцент Ҳ. Таваккалов дар конференсияи байналмилалии ш. Ҳайдаробод бо маърӯзаи илмӣ баромад кард. Соли 2012 дотсенти кафедраи мазкур Л. Мирзоҳасанов дар конфронси байналхалқии ш.

---

[302]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.29.

[303]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.29-30.

Истамбул бо маърӯзаи илмӣ ширкат варзиданд. Доктори илмҳои биологӣ А. Мамадризохонов дар конфронси байналмилалии илмӣ дар ш.Остона соли 2012 бо маърӯзаи илмии баландмазмун баромад кард[305].

Соли 2012 дар кафедраи физикаи умумии ДДХ маҳфилхои илмӣ таҳти унвони: «Ҳалли масъалаҳо аз физикаи умумӣ» зери роҳбарии Ф. Айдаров; ва «Радиофизика» таҳти роҳбарии А. Қадамов фаъолият бурданд. Дар кафедраи таҳлили математикии факултети математика маҳфилҳои илмӣ бо номи: «Алҷабр» таҳти роҳбарии . Н. Мамадаёзов ва «Алгоритм», зери роҳбарии А.Заргаров; дар факултаи табии-илмӣ маҳфилҳои: «Геологҳои ҷавон» ва «Кимёгар» фаъолият доштанд. Дар кафедраи фалссафаи ДДХ маҳфили: «Дӯстдорони фалсафа» фаъолият мебарад.

Дар кафедраи таърихи умумӣ муддати тӯлонӣ маҳфили илмии "Муаррихони ҷавон" фаъолият намуда, роҳбарии онро З. В. Абдураҳмонов[306] бар ӯҳда дошт. Дар маҳфил донишҷӯён бахшида ба 20-солагии "Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" маърузаҳо намуданд. Беҳтарин маърӯзаҳои аъзоёни маҳфил: «Беназир Бҳутто-аввалин зани мусулмони сиёсатмадор», «Ҳиндустон дар давраи Индира Ганди», сазовори диплом ва мукофотҳои озмуни ҷумҳурииявии корҳои эҷодии донишҷӯён гардиданд.[307]

Дар кафедраи забони тоҷикӣ бошад маҳфили илмии: «Забони тоҷикӣ» зери роҳбарии ассистент С. Қурбонмамадов фаъолият карда, дар маҳфил донишҷуён маърӯзаҳои илмӣ бобати проблемаҳои забонро муҳокима карда, фишурдаи онҳо дар маҷаллаҳои: «Минбари халқ», «Миллат», «Бадахшон», «Маърифати Шуғнон» ва рӯзномаи ДДХ «Фуруғи маърифат» нашр

---

[304]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.19.
[305]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.20.
[306]Ҳозир дотсенти Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон.
[307]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.38.

намуданд[308]. Дар кафедраи таълими ибтидоӣ ду маҳфил: «Математикони ҷавон» ва «Муаллими ҷавон» фаъолият доранд.

Маҳз натиҷаи кори чунин маҳфилҳои илмӣ буд, ки донишҷӯ Ф. Ақсақолов дар олимпиадаи ҷумҳуриияви сазовори ҷои аввал ва Т. Мирзонаҷотов сазовори ҷои сеюм гардиданд[309].

Маҷаллаи илмии ДДХ "Паёми Донишгоҳи Хоруғ" аз соли 1994 мунтазам, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мегардад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами № 286 аз 5 апрели соли 1994 ба қайд гирифта шудааст[310]. Дар ин ҷода саҳми ректори ДДХ профессор М.Ш Шаҳбозов сазовори қайд аст. Маҷалла соли 2012 дар ду бахш: илмҳои гуманитарӣ бо фарогирии 41 мақола ва табии-математикӣ бо фарогирии 11 мақола нашр мегардид. Дар соли 2012 ҳайати профессорон, омузгорон, аспирантон ва унвонҷӯёни ДДХ 9 корҳои илмӣ, 25 дастурҳои методӣ, монографияҳо ва зиёда аз 200 мақолаҳои илмӣ дар дохил ва хориҷи кишвар чоп намуданд.

Масалан, М.Шоидарвозова,С. Ғуломшоев «Дастури методӣ оид ба забони барномасозии DELPHI» нашр намуданд, дотсенти кафедраи иқтисод О. Сайфуллоева як монография бо номи: «Ба роҳ мондан ва рушди муносибатҳои лизингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нашр намуд. Дар ин давра монографияи С. Абодуллоева: «Ономастикаи «Форснома» -и Ибни Балхӣ» ба забони тоҷикӣ ва русӣ аз чоп баромад[311].Соли 2012 маҷмӯаи мақолаҳои дотсент Э. Ҳоҷибеков нашр гардида, шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд. Монографияи Э. Ҳоҷибеков ба феҳристи анъанавии Салони III-юми байналхалқии маълумот-2016, дар ш. Москва, дар ВДНХ–калонтарин маркази илмӣ ва форуми маълумоти Русия ва инчунин ба феҳристи намоиши китоб аз 19 то 23 октябри соли 2016 дар шаҳри Франкфурт-лаби Майн бо ҳамкории академияи илмҳои табиатшиносии Русия (РАЕ) ворид шуд.

---

[308]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2013 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.40.
[309]Дар ҳамон ҷо. – С.18.
[310]**Дар ин бор ниг.:** Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2018. - №12. – бахши 2. – С.2.

Соли 2013 аспиранти кафедраи таърихи умумии ДДХ З.В. Абдураҳмонов дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардушиносии АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии номзади илмҳои таърих Э.Ҳоҷибеков рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Таърихи ташаккул ва рушди соҳаи алоқа дар ВМКБ" дифоъ намуд.

Дар соли 2013 омузгорони ДДХ ба номи М.Назаршоев 8 маҷмӯаи илмӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмӣ-методӣ барои донишҷӯён, ва зиёда аз 250 мақолаҳои илмӣ нашр намуданд[312].

П.Абдулҳамидова номзади илмҳои филологӣ солҳои 2013-2014 таҷрибаомӯзиро дар Донишгоҳи Ш.Лексингтони штати Кентуккии ИМА ба сомон расонид, ӯ дар озмун барои гирифтани грантҳо, ки онро Барномаи Global Faculty Grant Program –и Институти ҷамъияти кушоди Фонди Сорос ташкил намуда буд, ғолиб дониста шуд. П.Абдулҳамидова кори илмиашро: «Забони Шуғнонӣ и Web 2» бо забони англисӣ таълиф намуд[313]. Моҳи марти соли 2014 П.Абдулҳамидова дар конференсияҳои ташкилкардаи фонди номбурда иштирок карда, постер-презентация «Pamiri Languages"-ро доир намуда бо баҳои баланди олимони хориҷӣ ноил гардид[314].

Соли 2014 Ҷ. Заргаров дар конфронси байналмилалӣ зери унвони: «Проблемаҳои муосири илми математика ва таълими он", ки бахшида ба 20 солагии Конститутсияи кишвар дар Донишгоҳи давлатии ш.Хуҷанд баргузор гардид, иштирок карда, дар мавзӯи «Значение поперечников некоторых классов аналитических функций в пространстве Харди»[315] баромад намуданд. Инчунин Г. Мамадёрбекова дар конфронси байналхалқии илмӣ-амалӣ, ки дар ш.Бишкеки Ҷумҳурии Кирғизистон баргузор гардид дар мавзӯи «Бизнес и

---

[311]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2012 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.28.
[312]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2013 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.17.
[313]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2013 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.18.
[314]Ҳисоботи илмии ДДХ дар соли 2014 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.32.
[315]Дар ҳамон ҷо. – С. 40

образование: взаимодействие и развитие» баромад намуд[316]. Ҳамчунин А. Мамадризохонов, Ҳ. Карамхудоев, З. Рақамова аз рӯи проблемаи экотуризм дар Донишгоҳи давлатии Данғара баромад карданд[317].

Олими ҷавони ДДХ Ш. Холмамадова дар мавзӯи «О некоторых точных неравенствах для производных полиномов пространствах Харди $H_p$.» дар ш.Хуҷанд, ки ба муносибати 60 солагии олимони варзидаи соҳаи математика: А. Мӯҳсинов, А.Б. Назимов, С. Байзоев, Д. Осимова, К. Тухлиева аз соли 2014 дар ш. Хуҷанд баргузор гардид маърӯзаҳои худро пешниҳод намуданд. Аспиранти факултаи биологияи ДДХ З. Хусравбекова бошад, дар конфронси байналхалқии ш.Олтойи Федератсияи Россия баромад намуд[318].

Соли 2016 олимони ҷавони ДДХ Ф.Қозинаврузов,[319] Ҷ. Заргаров,[320] Ш. Холмамадова,[321] У. Қонунова,[322] Х. Элназарова,[323]Н. Мамадаёзов,[324]

---

[316]Мамадёрбекова, Г. Эффективное развитие туризма в горных регионах Центральной Азии (на примере Памира) / Г. Мамадёрбекова // Международная научно-практическая конференция «Бизнес и образование: взаимодействие и развитие». – Бишкек, 2014. – С.25-26.

[317]Мамадризохонов, А. А., Гадоев, Ш. и др. Актуальные проблемы сохранения биоразнообразия в целях устойчивого развития туризма / А. А. Мамадризохонов, Ш. Гадоев // Международная научно - практическая конференция «Сохранение биологического разнообразия Памира в условиях изменения климата». – Душанбе, 2014. – С.46-54.

[318]Материалы 3-международной конференции: биоразнообразие, проблемы экологии горного Алтая и сопредельных регионов. Россия, г.Горно-Алтайск. 1-5 октября 2013. – С.178-180.

[319]Қозинаврузов, Ф. Мақоми ақл дар фалсафаи Н. Хусрав / Ф. Қозинаврузов / Ахбороти АИ ҶТ. – 2016. - №4. – С.45-49.

[320]Заргаров, Дж. О наилучшем приближении аналитических в единичном круге функций в пространстве Харди / Дж. Заргаров // ДАН РТ. – 2016. - №2 (Том 60). – С.18-24; Значения n-поперечников некоторых классов аналитических функций в пространстве Харди // Труды международной летней математической Школы-Конференции С.Б. Стечкина по теории функций. Таджикистан, Душанбе, 15-25 августа 2016. – С.113-115.

[321]Холмамадова, Ш. Точные неравенство для производных полиномов в пространстве Харди $H_p$ / Ш. Холмамадова // Труды международной летней математической школы- конференции С.Б. Стеченко по теории функций. – Душанбе, 2016. – 15-25 августа. – С.260-263.

[322]Қонунова, У. Приближение непрерывных функций линейной. Интерполяционный сплайнами / У. Қонунова // Труды международной летней математической школы- конференции С.Б. Стеченко по теории функций. – Душанбе, 2016. – 15-25 августа. – С.137-141.

[323]Эльназарова, Х. А. Употребление религиозных мифологических терминов в «Шахнаме» Фирдоуси / Х. А. Эльназарова // Вестник Таджикского Национального Университета. – 2012. - №4/4 (140). – С.19-23 (на тадж. яз.); К вопросу о мифологической лексике в «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. - №4/4 (140). – С.45–50 (на тадж. яз.); Она же. К вопросу об употреблении исламской терминологии в «Шахнаме» Фирдоуси // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. - №4/4(140). – С.36-38 (на тадж. яз.)

[324]Мамадаёзов, Н., Абдулофизов, Ш. Неравенство Джексона-Стечкина и значение поперечников в функции классов в $L_2$, / Н. Мамадаёзов, Ш. Абдулофизов // Труды международной летней математической школы-конференции С.Б. Стеченко по теории функций. – Душанбе, 2016. – 15-25 августа. – С.12-13.

С.Х.Давлатбекова,[325] Ж. Олифтаева[326] ва дигарон монографияҳои худро дар мавзӯъҳои мубрами илмҳои мухталиф нашр намуданд.

Дар ДДХ ба такмили ихтисоси муаллимони ҷавон пайгирона диққати ҷиддӣ дода мешуд. Чунончи муаллими калони кафедраи филологияи англис Г. Дустамбаева аз рӯи барномаи TEMPUS -10 дар семинари 10 рӯза дар ш.Коблинзи давлати Олмон иштирок карда, бо истифода намудани технологияи муосири таълим дар дарсҳои забони англисӣ ошноии бештаре пайдо карданд. Ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДДХ М. Махсудшо дар семинари байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон 5 майи соли 2014 ва ш.Душанбе соли 2014, ки аз тарафи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Ёрии психологӣ дар мавриди хушунати оилавӣ" иштирок ва баромад кард.

Соли 2015 К.С. Собирова мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев дар Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон рисолаи доктории худро зери унвони: «Вклад международных организаций в решение политических, социально-экономических и культурных проблем ГБАО Республики Таджикистан в годы независмости (1991-2011)»[327], Ш. Холмамадова дар Институти математикаи АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи номзадияшро ҳимоя намуданд[328].

Соли 2016 дар ДДХ бо ҳамкории“ Маркази Гумилёв"ва Донишгоҳи словянии Тоҷикистону Россия (минбаъд ДСТР) конференсияи илмӣ доир шуда, дар он доктори илмҳои филологӣ М. Аламшоев, дотсент М. Алимшоев, профессор Н. Офаридаев, донишҷӯёни ДСТР ва ДДХ ба номи М.Назаршоев баромад карданд. Як қатор омӯзгорони ДДХ аз ҷумла, доктори илмҳои

---

[325]Давлатбекова, С. Х. Полиморфизм вышни в условиях Западного Памира / С. Х. Давлатбекова // Матераилы международной конференции Агробиоразнобразия и продоволственная независимость в контексте биокултуроного ландшафта в высокогорях Таджикистана». – Душанбе, 2016.

[326]Халиков, Ш. Х., Олифтаева, Ж., Кодиров М. З. и др. Исследование элементного состава гуминовых кислот и экстрагированных из некоторых бурых и камных углей Таджикистана / Ш. Х. Халиков, Ж. Олифтаева, М. З. Кодиров и др. // Сборник материалов XIII Нумановские чтение. – Душанбе, 2016. – 23 ноября. – С.49-53.

[327]Собирова, К. Д. Вклад международных организаций в решение политических, социально-экономических и культурных проблем ГБАО Республики Таджикистан в годы независимости (1991-2011гг): Автореф. дисс... док. истор. наук / Собирова Курбонбегим Давлаткадамовна. – Душанбе, 2015. – 46 с.

[328]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2015 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.14.

филологӣ Н. Офаридаев, дотсент А. Шоинбеков А, дар конфронсҳои ҷумҳуриивӣ дар мавзӯи: “Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои Истиқлолият,” “Саҳми занон дар истиқрори Сулҳ ва Ваҳдати миллӣ,“ “Истиқлолият ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон” бо маърӯзаҳои пурмӯҳтаво баромад намуданд[329].

Соли 2016 омӯзгорони кафедраи забони русии ДДХ, Л.Шакармамадова; Б.Мирзомустақимова; С. Мамадамонова ва Н. Тавакалова дар семинар-курси баланд бардоштани маълумоти касбӣ оиди технологияи муосири забони русӣ дар мактабҳои олии Тоҷикистон, ки онро Фонди «Русский мир» ташкил карда буд, ширкат варзиданд[330].

Инчунин, соли 2016 ҳайати омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев дар конфронсҳои ҷумҳуриияви бахшида ба «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (16 ноябри соли 2016), «Ваҳдати миллӣ» ва «680 ва 650-солагии шӯришҳои халқӣ”, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ доир гардиданд, бо маърузаҳои илмӣ баромад намуданд[331].

Як қатор аспирантону унвонҷӯёни ДДХ соли 2016 рисолаҳои номзадияшонро бо муваффақият дифоъ намуданд. Масалан, Г.Ю. Сафарқулова зери роҳбарии номзади илмҳои таърих, дотсент А. Ғафуров дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи номзадӣ дифоъ кард[332]; Н. Мамадаёзов рисолаи номзадияшро дар Институти математикаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷ. Беҳронов аз кафедраи филологияи шарқ дар мавзӯи: «Использование Коранических оятов в стихи Н.Хусрава”дифоъ

---

[329]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2016 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев. – С.24.
[330]Дар ҳамон ҷо.
[331]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2016 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев – С.33.
[332]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2016 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев – С.38.

намуданд. Як гурӯҳ аспирантон ва унвонҷӯён ба монанди Ҳ. Элназарова дар риштаи филологияи тоҷик, М. Тавакалова, Л. Назархудоева дар риштаи улуми фалсафа, К. Қадамов аз улуми педагогика рисолаҳои номзадӣ соли 2016 дифоъ намуда соҳиби дараҷаи илмӣ гардиданд[333].

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев дар фаъолияти 25 солаи худ бо марказҳои илмии ҷумҳурӣ алоқаҳои зич дошт. Масалан, танҳо дар соли 2016, кафедраи таърихи умумии Донишгоҳ ҳамчун муассиси пешбар ба рисолаҳои номзадии Р.Ф. Ҷобиров дар мавзӯи: «Академик А.А. Семенов-исследователь истории и культуры таджикского народа» (31 04 2016) ва Ризоифар Марям Исмоил дар мавзӯи: «Освещение истории Ирана и Средней Азии первой половины XVIII в. в сочинение Мухаммед Казвини Марви «Таърихи олам орои Нодири» (05. 04. 2016) таъин шуда, ба корҳои номбурда тақризи илмӣ дода шуд[334].

Соли 2016 ба шуъбаи докторантура ва магистратураи ДДХ ҷавонони боистеъдод ба монанди А.Қаламфурова , М. Шоидарвозова ва дигарон дохил шудаанд[335], ки ин аз дастгирии ҷавондухтарони боистеъдод Л. Давлатбекова ва С. Абодуллоева соли 2017 рисолаи доктирияшонро дифоъ намуданд.

Ин иқдоми пурсамар солҳои минбаъда низ идома хоҳад ёфт. Масалан, П. Мирзоашрафов унвонҷӯи кафедраи таърих ва ҳуқуқи ДДХ зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, М. Маликов дар мавзӯи: “Из истории строительство ГЭС-ов на Памире” рисолаи номзадӣ таълиф намуда, аз муҳокимаи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДМТ гузашта, ба ҳимоя тавсия дода шуд; инчунин, М. Ақризоев рисолаи номзадӣ дар мавзӯи: “Таърихи исмоилияи Дарвоз” аз кафедраи фалсафа Қ. Тавуров, ва муаллимаи кафедраи забони тоҷикӣ С. Холиқназарова, рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуданд.

Кобили зикр аст, ки имрӯз хатмкунандагони ДДХ ба номи М. Назаршоев чӣ дар дохили кишвар ва чӣ хориҷ аз он фидокорона меҳнат менамоянд. Яке

[333]Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2016 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев – С.39.
[334]Ҳисоботи илми кафедраи таърихи умумӣ дар соли 2016 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Н.Назаршоев. – С.4.

аз онҳо Набот Қадамалиева мебошанд, ки соли 1996 гурӯҳи русии мактаби миёнаи №21 н. Ишкошимро хатм намуда, дар факултаи иқтисоди ДДХ таҳсил карда, онро бо дипломи аъло хатм намуд. Баъди хатми ДДХ вай ба КЕП[336]дохил шуда, солҳои 2001-2002 дар он ҷо таҳсил намуд. Соли 2006 Набот Қадамалиева ба ҳайси ёрдамчии Барномаи баҳогузорӣ ва мониторинги СММ ва баъдтар дар ташкилоти байналхалқии Барномаи ҷонибдории инкишофи иқтисодии кӯҳистон (БҶИИМК) дар ш. Душанбе фаъолият намуд. Соли 2006 сафорати Фаронса озмун барои ишғоли 1 ҷой бобати таҳсил дар магистратура дар Фаронса эълон намуд, ки 68 нафар барои иштирок дар он ариза пешниҳод намуданд, ки дар озмун Набот ғолиб баромада магистранти Донишгоҳи миллии ш.Париж гардид. Соли 2008 вай донишгоҳи номбурдаро хатм намуда, аз рӯи ихтисоси сайёҳӣ унвони илмӣ ва дипломи магистриро соҳиб гардид. Набот Қадамалиева ба ҳайси агенти сайёҳӣ дар «Ворлд Экспресс» ба ҳайси ёрдамчии директор ва аз соли 2010 дар ширкати сайёҳии «Алмармар Франкей-Париж» фаъолият доштанд. Дар ин давра вай дар ҳаммуалифӣ бо олим ва туристи фаронсавӣ Р.Мидельтон бо номи: «Тоҷикистон ва куҳҳои баланди Помир» бо забони англисӣ китоб нашр намуданд. Набот Қадамалиева донандаи хуби забонҳои русӣ, англисӣ, фаронсавӣ мебошанд. Нобурда аз соли 2010 то кунун ба ҳайси машваратчӣ-тарҷумони Суди миллии Фаронса оиди кор бо муҳоҷирон ва ҳуқуқи гурезаҳо фаъолият мебаранд[337].

Инчнин Нилуфари Ш сокини ш.Хоруғ соли 2000 баъди хатми литсейи Оғохон ба факултаи муносибатҳои байналхалқии ДДХ дохил шуда, баъди хатми он ба факултаи бизнес-управления Valley University ИМА дохил шуда, унвони илмии мастер-дигриро соҳиб шуд. Бо ширкати Wensor ба ҳайси менеҷер оиди маркетинг ва савдо дар минтақаи Осиёи ба фаъолият пардохт[338].

Бо мақсади инкишофи минбаъдаи соҳаҳои иқтисодӣ- иҷтимоии манотиқи куҳии кишвар, васеъ намудани шабакаи мактабҳои олӣ, фароҳам

---

[335]**Дар ин бора ниг.:** Ҳисоботи илмии ДДХ ба номи М.Назаршоев дар соли 2016 // Бойгонии ҷории ДДХ ба номи М.Назаршоев – С.40.

[336]Khorog English Programm, ФондиОғо-хони IV.

[337]Шоҳдавронова, З. Бадахшондухтар - мушовири суди Фаронса / З. Шоҳдавронова // Бадахшон. – 2017. – 9 март.

сохтани шароити мусоид барои гирифтани маълумоти касбии мувофиқ бо стандартҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикиситон дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳуриихои Қазоқистон ва Қирғизистон дар соли 2000 шартномаи байналхалқӣ оиди таъсис додани Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ДОМ) ба имзо расид.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар базаи се кампус[339]дар Хоруғ (Тоҷикистон), Текели (Қазоқистон), ва Норин (Қирғизистон) ки дар оянда бояд дастрасии 40 млн. аҳолиро дар ноҳияҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ бо маълумот таъмин намояд, дар назар гирифта шудааст.

Шартномаи муассисон ва оинномаи ин донишгоҳи хусусиро Президентҳои Ҷумҳуриихои Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Оғохони IV имзо карда, парлумони ин се ҷумҳуриихо онро тасдиқ карда, СММ онро ба қайд гирифт. Президентҳои ин се кишвар статуси ҳимоятгари он ва Оғохони IV бошад , Канцлери Донишгоҳи мазкур ба ҳисоб меравад[340].

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бояд ба хатмкунандагони худ маълумоти олии сатҳи байналхалқӣ диҳад ва дипломи он бо стандарти ҷаҳонӣ баробар дониста мешавад. Вазифаи асосии ДОМ дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ иборат аз он аст, то дар ин минтақа анъана ва мероси ғании халқҳои хиттаи кӯҳиро ҳифз намуда, онҳоро ба сифати захира барои тараққиёти оянда нигаҳдорӣ намояд. Донишгоҳ барномаҳои нави таълимӣ тартиб дода, дар доираи онҳо мутахассисони баландихтисос дорои тафаккури эҷодӣ тайёркардашуда, онҳо чун лидер дар инкишофи иқтисод ва ҳамкории ин хитта бояд ҳиссаи сазовор гузоранд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ иборат аз Мактаби касбӣ ва маълумоти бефосила[341] (корпуси аввали Донишгоҳ); ва Мактаби гуманитарӣ ва илмҳои дақиқ (бакалавриат) ва Мактаби инкишоф (магистратура ва докторантура),[342]

---

[338]Памирка покоряет Америку // Помир. – 2014. – №19 (19). – С.12-13.
[339]Кампус – сухани лотинӣи- campus буда, маъноящ саҳро мебошад.
[340]**Муф. дар ин бора ниг.:** Университет Центральной Азии–один университет, три кампуса [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://ucentralasia.org/About/AboutRussian
[341]Школа профессионального и непрерывного образования.
[342]Школы развития (магистратура и докторантура).

ки дарҳои хешро дар се шаҳраки донишҷӯён: (кампус) дар Хоруғи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Норини Кирғизистон ва Текели Казокистон боз намудааст.

Ба ғайр аз ин Донишгоҳи Осиёи Марказӣ се ташаббусро, ки ба инкишофи таълимӣ ва потентсиалӣ дар минтақа - Барнома оиди тайёр кардани ҳайати профессорон-муаллимон, Лоиҳаи Оғо-Хон бо номи "Инсоншиносӣ"[343] ва Барномаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ амалӣ месозад[344].

Соли 2017 сохтмони кампуси Хоруғи ДОМ ба итмом расида, дар он на фақат шаҳрвандони Тоҷикистон, балки аз хориҷи кишвар низ таҳсил мекунанд[345].

Рӯзи 14 сентябри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ш. Хоруғ бинои Донишгоҳи Осиёи Марказиро ифтитоҳ намуда, зимни суханрониаашон қайд намуданд, ки дар он 150 донишҷӯ аз 7 давлат: Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Афғонистон ва ғайра таҳсили илм доранд[346].

Ҳамин тавр, бояд зикр намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосзугори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри таъмини хоҷагии халқи ВМКБ бо мутахассисони баландсавияи дорои маълумоти олӣ ҷидду ҷаҳди зиёде менамоянд. Ҳам дар ДДХ вилоят ҳам дар макотиби олии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар ҷавонони вилоят пурсамар таҳсил намуда, дорои тахассуси баланди касбӣ гардидаанд. Ба мушкилиҳои объективӣ нигоҳ накарда масоили раванди тарбияи кадрҳои дорои маълумоти олӣ пайгирона ҳалли худро ёфта истодааст.

---

[343]Человековедение.

[344]Его Высочество Ага-Хан: 10 фактов о единственном принце ЦА. 13 12 2016 [Манобеи электорони]. – Низоми дастрасӣ: http://theopenasia.net/articles/detail/ego-vysochestvo-aga-khan-iv-10-faktov-o-edinstvennom-printsetsa/

[345]Шодихон Ҷамшед. Хоруғ иқтидори тавонои зеҳнӣ ва иқтисодӣ дорад / Шодихон Ҷамшед // Бадахшон. – 2017. – №16 (10649). – 20 апрел.

[346]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ифтитоҳои бинои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар ш.Хоруғ // Бадахшон. – 2018. – 20 сентябр. – С.5-6.

## 2.3.Тайёрии кадрҳо дар муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ дар шароити иқтисоди бозор.

Дар замони Шӯравӣ, ки асоси иқтисоди онро банақшагирии давлатӣ, маблағгузории муттамарказ ва муносибатҳои маъмурӣ-фармоишӣ ташкил медод, тарбияи коргарҷавонон ба воситаи маълумоти касбӣ-техникӣ нақши боризе дошт. Аксарияти хатмкунандагони макотиби маълумоти миёна таҳсили худро дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии Тоҷикистон ва берун аз марзи он идома медоданд.

Дар ибтидои солҳои 90 – уми асри XX муассисаҳои таълимӣ ба бӯҳрони иқтисодӣ дучор гардидаанд. Аз кор мондани шумораи зиёди корхонаҳои истеҳсолӣ, муфлисшавии бозори меҳнат, оғози муноқишаи сиёсӣ дар кишвар, теъдоди зиёди муҳоҷирони иҷборӣ ва гурезагон ба он оварда расонд, ки як муддати тӯлонӣ ( асосан то соли 1997) ҷавонони вилоят ба мушкилӣ дучор шуданд.

Дар ин давра муҳоҷирати ҷавонони вилоят ба хориҷи кишвар рӯ ба афзоиш ниҳод. Ҷавонони соҳибмаълумоти дар макотиби олии хориҷ ва ҷумҳурӣ таҳсил намуда маҷбур буданд ба меҳнати вазнини ҷисмонӣ машғул шаванд. Раванди муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар руйдод ва тамоюли нави иҷтимоӣ гардид.

Ҳангоми муҳоҷират ба хориҷа малакаи пасти касбӣ, сустии забондонӣ, норасоии маърифати ҳуқуқӣ ҷавонони тоҷикро ба вазниниҳои зиёде дучор менамуд.

Бӯҳрони иҷтимоии ҷавонон дар ҷодаи касбомӯзӣ ва таъминоти ҷойи корӣ то охири асри XX идома дошт. Ниҳоят соли 2000 “Консепсияи давлатии рушди системаи маълумоти ибтидоии касбӣ” қабул гардид. Ҳаллу фасли ин масоил ба зиммаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардид. Дар назди Вазорати номбурда Институти илмӣ - таҳқиқотӣ таъсис дода шуд, ки он мебоист стратегияи минбаъдаи инкишофи соҳаи маълумоти ибтидоии касбӣ, шуғли аҳолӣ ва масъалаҳои мубрами соҳаи

ҷавононро илман баррасӣ намуда, ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии ин самтро коркард менамуд.

Дар ин давра миқдори мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва донишҷӯёни он зиёд шуда бошад ҳам, баробари ин миқдори ҷавононе, ки маълумоти миёна надоштанд низ хело афзуд. Ин гурӯҳи ҷавонон мебоист захираҳои меҳнатии Тоҷикистонро ташкил менамуданд. Масъалаи мубрам касбомӯзии ҷавонон, баландшавии савияи касбии онҳо ва имкониятҳои азхуднамоии ҳунар ва касбӣ хеле рӯзмара гардид.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк мекард, ки ин неруи бузурги ҷисмонӣ ва зеҳнии ҷавононро мебояд ба маҷрои бунёдкорӣ равона намуд.

Баробари касбомӯзӣ, таъмини ҷойи кор, пурра намудани норасоии ғоявӣ ва маънавии ҷавонон аҳамияти бузурги натанҳо иқтисодӣ балки амниятӣ дошт. Раванди вазъ ва тамоили вазъи демографӣ, ки сол аз сол ба зиёдшавии миқдори аҳолӣ ва хусусан кӯдакон меорад, ҳалли масъалаҳои мазкурро боз ҳам рузмарратар менамуд.

Коргоҳи асосие, ки синфи коргари ВМКБ  дар он тайёр карда мешавад, ин собиқ омӯзишгоҳи касбӣ-техникии ш.Хоруғ мебошад. Ин муассиса дар соли 1958 расман ифтитоҳ шуда, дар замони шӯравӣ он бо ихтисосҳои, дуредгар, рангмол, кафшергар,  тракторист-ронанда мутахассисон тайёр мекард. Кариб тамоми иншоотҳои замони шӯравиро дар вилоят хатмкунандагони омӯзшгоҳи касби-техникии шаҳри Хоруғ бунёд намудаанд. Соли 1987 омӯзишгоҳи касбӣ-технкии № 77-и ш.Хоруғ ба номи собиқ омӯзгори хизматнишондодаи он, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ-Имомназар Элназаров  гузошта шуд. Соли 2008 бошад омузишгоҳ ба деҳаи Навободи н.Шуғнон кӯчонида шуда, номи “Литсейи касбӣ-техникии №77-и ноҳияи Шуғнони ВМКБ бо номи И.Элназаровро гирифт”[347].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Литсейи касбӣ-техникии №77-и н.Шуғнон” – ро  мунтазам дастгирӣ намуда истодааст. Масалан, соли 2009

[347]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ҳисоботи солонаи Раёсати маорифи ВМКБ 6 декабри соли 2012 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.14.

барои ба охир расонидани корҳои сохтмонии хобгоҳи литсей барои 200 нафар тарбиятгиранда, аз тарафи Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 500 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, 85% маблағи пешбинишуда аз худ карда шуданд. Дар давоми сол диққати асосӣ аз ҷониби Ҳукумат ба таъмиру барқарокунии таҷҳизотҳои техникӣ, асбобу анҷоми синфхонаҳои таълимӣ, ороиши биноӣ нави литсей дода шуд[348];

Моҳи августи соли 2011 бинои хобгоҳ барои 200 нафар ба истифода дода шуд, ки дар ифтитоҳи он Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок намуданд. Дар қабати якуми ин хобгоҳи нав меҳмонхона, бунгоҳи тиббӣ, дорухона, ҷойи истироҳати хонандагон, утоқҳои комендант, посбон ва мураббияҳо ҷойгир аст. Дар қабати дуюм хобгоҳи духтарона, дар қабати сеюм ва чорум хобгоҳ барои писарон мавҷуд аст. Хобгоҳ бо ҳамаи шароитҳои замонавӣ ҷиҳозонида шудааст[349].

Оиди таъминоти кадрии литсей ҳуҷҷатҳои зерини бойгонӣ гувоҳ ҳастанд:“ дар литсейи касбӣ-техникии №77 дар соли 2009 бо 28 омӯзгор ва устои истеҳсолӣ таъмин буда, 7 нафар дорои дараҷаи олӣ, 1 нафар дараҷаи як, 2 нафар дараҷаи 2-юм ва 18 нафар бо дараҷаи умумӣ кор карда”[350], дар соли хониши 2010-2011 ин миқдор тағйир наёфт[351]. Cоли 2012 дар литсей 41 нафар омӯзгорон ва устоҳои истеҳсолӣ, ки аз онҳо 5 нафар аълочии Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 нафар дорои маълумоти олӣ, 3 нафар дараҷаи як, 2 нафар дараҷаи 2 ва 28 нафар бо дараҷаи умумӣ фаъолият намуданд[352]. Соли 2017 бошад, дар литсей 47 нафар омӯзгорон ва устоҳои истеҳсолӣ, ки аз онҳо 22 нафар бо маълумоти олӣ, 15 нафар бо маълумоти миёнаи махсус ва10 нафар бо маълумоти ибтидоии касбӣ, 5 нафар “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 10 нафар дорои дараҷаи олӣ, 13 нафар дорои дараҷаи як, 12 нафар дорои дараҷаи 2 ва 12 нафар дорои дараҷаи

[348]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77. н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2009 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.5.
[349]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77. н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2012. – С.1.
[350]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77. н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2009. – С.1.
[351]**Муф. дар ин бора ниг.:** Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77. н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2009. – С.2.
[352]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77. н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2012. – С.4.

умумӣ фаъолият мебурданд. Литсей пурра бо омӯзгорон ва устоҳои истеҳсолӣ таъмин буда, дар он норасогии кадрӣ вуҷуд надорад[353].

Дар литсей чор устохонаҳои истеҳсолӣ, чаҳордаҳ утоқи таълимӣ, як китобхона, як қироатхона, як майдончаи варзишӣ, як толори варзишӣ, як ошхона барои хонандагон ва як ошхона барои донишҷӯён мавҷуд аст.Литсей аз рӯи нақша ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои умумӣ ва тахассусӣ, ки аз тарафи Агентии шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, фаъолият мебарад[354].

Литсей аз руйи ихтисосҳои зерин донишҷӯ қабул менамояд: тракторчӣ, кафшергари барқ, челонгари таъмири автомобил, дузандагӣ (таррох), монтёри барқ, дуредгар ва ҳисобдорӣ. Масалан, оиди ихтисосҳои литсей ва шумораи донишҷуёни он ҳуҷҷатҳо зерин далолат мекунанд: “Дар соли таҳсили 2008-2009 дар литесейи номбурда, 313 нафар донишҷу аз рӯи ихтисосҳои тракторчӣ-машиначии хоҷагии деҳот, кафшергари барқ, челонгарӣ таъмири автомобил, либосдӯзӣ, монтёри барқӣ, дуредгарӣ, ҳисобдорӣ ба литсей дохил гардиданд. Аз ин миқдор 93 нафар бо маълумоти миёнаи асосӣ ба гурӯҳҳои дусола ва 220 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ ба гурӯҳҳои яксола қабул гардиданд. Дар соли таҳсили 2008 то соли 2009, 208 нафар аттестатсияи давлатии хатмро бомуваффақият супорида, соҳиби дипломи тахассусӣ гардиданд ва 80 нафар хонандагони гурӯҳҳои маълумоти миёнаи асосӣ мувофиқи аттестатсияи давлатӣ ба гурӯҳҳои боло гузаронида шуданд”[355].

Соли таҳсили 2009-2010 бошад, 240 нафар донишҷӯён ба гурӯҳҳои буҷавӣ ва 60 нафар ба гурӯҳҳои шартномавӣ қабул шуданд. Аз ин миқдор 49 нафар бо маълумоти миёнаи асосӣ, аз ҷумла, 15 нафар духтар; 191 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла 47 нафар духтар аз руи ихтсосҳои:

---

[353]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2017. – С.3.
[354]Дар ҳамон ҷо. – С.4.
[355]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2009. – С.1.

челонгари таъмири автомобил ва ронанда, кафшергарӣ барқӣ, дӯзандагӣ, монтёри барқӣ, дуредгар, ҳисобдор қабул шуданд[356].

Баҳри иҷрои фармони Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2007 таҳти рақами № 1905 «Дар бораи таъсиси курсҳои кутоҳмуддати се моҳа», мувофиқи нақша – чорабиниҳои литсей курси кӯтоҳмуддати ронандаи категорияи «С» кафшергарӣ, монтёри барқ, ҳисобдор кушода шуда, 190 нафар онро хатм намуданд. Дар ҳамкорӣ бо Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва мусоидат бо шуғли аҳолии ВМКБ дар соли 2009 курсҳои сохтмончӣ ва кафшергари барқӣ бо фарогирии 40 нафар шаҳрвандони бекор гузаронида шуданд[357].

Шумораи умумии хонандагон дар соли хониши 2010-2011 аз руи ихтисосҳои челонгари таъмири автомобил, дуредгар, дӯзанда, кафшергари газу барқ, ҳисобдор, монтёри барқӣ дар маҷмӯъ 309 нафар таҳсил карданд. Дар литсей се утоқи челонгари таъмири автомобил, як устохонаи кафшергари газию барқӣ, як устохонаи дуредгарӣ, як китобхона, як қироатхона, майдончаи варзишӣ, ва як ошхона мавҷуд буд[358].

Дар соли хониши 2009-2010, 177 нафар аттестатсияи давлатии хатмро бо муваффақият супорида, соҳиби дипломи тахассусӣ гардиданд ва 116 нафар донишҷӯён гурӯҳҳои маълумоти миёнаи асосӣ, мувофиқи аттестатсияи давлатӣ ба гурӯҳҳои боло гузаронида шуданд. Дар соли таҳсили 2010-2011 бошад, 218 нафар донишҷӯён ба гурӯҳҳои буҷавӣ ва 40 нафар ба гурӯҳҳои шартномавӣ қабул шуданд[359].

Дар соли таҳсили 2016-2017, 300 нафар ба гурӯҳҳои буҷавӣ ва шартномавӣ аз ҷумла, ба гурӯҳҳои дусола баъди хатми синфи 9 - 48 нафар аз руйи ихтисосҳои: «Челонгари таъмири автомобил», «Системаи компютерӣ ва интернет-технология», «Монтёри барқӣ»; ба гурӯҳҳои яксола баъди хатми синфи 11 - 252 нафар аз руйи ихтисосҳои: «Челонгари таъмири

---

[356]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2009. – С.2.
[357]Дар ҳамон ҷо. – С.3.
[358]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2010-2011. – С.4.
[359]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2013-2014. – С.7. Дар ҳамон ҷо. – С.4.

автомобил», «Кафшергари газию барқӣ», «Ҳисобдор бо омӯзиши компютер», «Дӯзанда», «Дуредгар», «Фелдшер-бойтор», «Ҳисобдор» ба тариқи шартномавӣ қабул шуданд, ки аз ин теъдод 80 нафарро духтарон ташкил буданд. Аз 300 нафар донишҷӯе, ки ба литсей дар соли 2017 қабул шуданд, 30 нафарашон дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил доранд. Шумораи умумии хонандагони курсҳои дуюм 59 нафарро ташкил медиҳад. Теъдоди умумии хонандагон дар литсей ва гурӯҳҳои амалкунанда дар ноҳияҳо 369 нафар, ки аз онҳо 98 нафарашонро духтарон мебошанд[360].

Оиди сифати таълим дар литсей бояд гуфт, ки дар соли 2015 моҳе як маротиба мониторинг оиди муайян намудани сифати таҳсилот аз фанҳои умумӣ ва тахассусӣ гузаронида шуданд. Натиҷаи ҷамъбасти мониторингҳо барои 277 нафар хатмкунандагони литсей, ки моҳи апрели соли 2015 ҷамъбаст гардид, чунин нишондиҳандаҳоро оиди сифати дониш нишон дод:

- бо баҳои 5-52 нафар ё 18%
- бо баҳоҳои 4-5-67нафар ё 24,5%
- бо баҳоҳои 3-4- 92 нафар ё 34%
- бо баҳои 3-66 нафар ё 23,5%[361].

Охири моҳи ноябри соли 2015 аз тарафи муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ” ва мониторинги сифати таълими назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Литсейи касбӣ- техникии № 77 н. Шуғнон аз мониторинг гузаронида шуда, натиҷаи сифати таълимдорон 68 % арзёбӣ гардид[362].

Барои баланд бардоштан ва назорат аз болои сифати таълим дар литсей гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот ташкил шуда, фаъолият намуда истодааст. Моҳе як маротиба дар литсей мониторинг оиди муайян намудани сатҳи сифати таҳсилот гузаронида шуда, дар Шӯроҳои муҳандисӣ-педагогӣ мавриди муҳокима қарор дода мешаванд.

[360]Дар ҳамон ҷо. – С.4.
[361]Дар ҳамон ҷо. – С.4.
[362]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2015. – С.6.

Дар асоси нақшаи фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ки аз тарафи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015 тасдиқ шудааст, нақшаи фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ 1 37936 сомонӣ ба нақша гирифта шуд. То 15 декабри соли 2015 нақшаи фаъолияти истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ 129703 сомонӣ 94 % ба иҷро расонида шуд.[363]

Оиди вазъи тартибу интизоми хонандагони литсей дар ҳуҷатҳои бойгонӣ омадааст: "Дар соли хониши 2008-2009 аз 313 нафар хонандагони литсей 24 нафар ба сафи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват шуда, 25 нафар бо сабаби мунтазам ба дарсҳо иштирок накардан дар соли хониши 2008-2009 ва вайрон намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз литсей хориҷ гирдиданд"[364].

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки сифати таълим дар литсейи мазкур хуб буда, вале тартибу интизом бошад дар ин боргоҳ солҳои пеш хеле суст будааст.

Оиди гузаронидани таҷрибаи истеҳсолӣ дар литсей ҳуҷҷатҳои зерин далолат мекунанд: "Дар соли 2009 диққати ҷиддӣ ба таҷрибаи истеҳсолии хонандагон дода шуд. Ба ин мақсад 50 нафар хонандагони курсҳои дуюм дар корхонаи ҶДММ «Назрӣ», 20 нафар дар шабакаҳои барқии «Помир-энерҷӣ», 10 нафар дар корхонаи сохтмонии «Бунёд» вобаста ба шартномаи тарафайн бо маъмурияти литсей таҷриба омӯхтанд. Аз ҳисоби таҷрибаи истеҳсолии хонандагон ба суратҳисоби литсей 5200 сомонӣ ворид гардид[365].

Фаъолияти истеҳсолӣ (маблағҳои воридшуда) дар 11 моҳи соли 2016 дар Литсейи касбии техникии № 77 н.Шуғнон (ниг. ба замимаи №16)[366].

Литсей оиди таҷрибаомӯзӣ бо муассисаҳои дигар шартномаҳоро имзо намудааст. Чунончӣ, соли 2013 литсей бо идораву муассисаҳои корхонаи саҳомии шакли кушоди «Бунёд», идораи роҳсозии № 29, идораи

[363]Дар ҳамон ҷо. – С.6.
[364]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2009. – С.1.
[365]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2009. – С.3.
[366]Дар ҳамон ҷо. – С.7.

роҳтаъмиркунӣ ва нигаҳдории роҳҳои минтақаи Ғунди н.Шуғнон, Амонатбонки н. Шуғнон шартномаҳои тарафайн оиди гузаронидани таҷрибаи истеҳсолии хонандагони литсей бе пардохти ҳаққи таҷрибаомӯзӣ баста шуданд[367].

Аз таҳлили гуфтаҳои боло дида мешавад, ки агар солҳои пеш тарбиягирандагони литсей вақти таҷрибаомӯзӣ ба суратҳисоби литсей маблағи муайян ворид карда бошанд, пас солҳои охир онҳо бе пардохти ҳаққи таҷрибаомӯзӣ дар муассисаву корхонаҳои вилоят кор карда истодаанд, ки ин нишондиҳандаи хуб нест[368].

Маъмурияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнон баҳри иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, таҳти рақами № 223: «Дар бораи барномаи давлатии таълимии муассисаҳои таълимию илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо утоқҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳази таълимӣ ва илмию-тадқиқотӣ барои солҳои 2010-2015» тамоми шароитҳои мавҷуда ва имкониятҳоро васеъ истифода бурда истодааст. Чунончи, то 1 декабр соли 2012 дар литсей чунин утоқҳои фаннӣ мавҷуд буданд:

Утоқи фаннии забон ва адабиёти тоҷик; утоқи дӯзандагӣ; утоқи забони русӣ; забони англисӣ; утоқи сохти автомобил; утоқи қоидаҳои ҳаракати нақлиёт дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; утоқи мошинҳои хоҷагии деҳот; утоқҳои дуредгарӣ; утоқи электротехника; утоқи технологияи информатсионӣ; утоқи челонгарӣ ва корҳои амалӣ аз автомобил; толори варзиш.

Дар литсей дар баробари утоқҳо, инчунин устохонаҳои кафшергари газию-барқӣ, дуредгарӣ, дузандагӣ, корҳои амалӣ аз автомобил ва электротехника фаъолият менамоянд[369].

Оиди компютеркунонии литсейи номбурда ҳуҷҷатҳои зайл далолат мекунанд: “Нақшаи-чорабиниҳои литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнон оиди дар амал татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

[367]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2016. – С.7.
[368]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2012. – С.1.
[369]Дар ҳамон ҷо. – С.1-2.

02.09.2010 № 416 «Дар бораи Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015», аз 9 банд иборат буда, иҷроиши онҳо таҳти назорати қатъӣ гирифта шудааст. Дар соли 2012 вобаста ба амалӣ шудани нақшаи-чорабиниҳо корҳои зерин ба анҷом расонида шуданд. Пеш аз ҳама утоқи технологияи информатсионӣ дар соли 2011 аз нав ҷиҳозонида шуда, 15 адад мизҳои компютерӣ, 5 адад компютерҳои нав харидорӣ гардид. Ҳозир дар утоқи технологияи информатсионӣ 11 адад компютер мавҷуд аст, ки аз он 7 адад коршоям буда, 4 адад таъмирталабанд[370].

Моҳи августи соли 2011 Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ташрифашон ба н. Шуғнон дар маросими кушодашавии хобгоҳи нави замонавии литсей ширкат варзида, аз утоқи технологияи информатсионӣ дидан карданд. Утоқи технологияи информатсионӣ бо шабакаи интернет дар соли 2011 пайваст гардида, дар литсей маркази иттиолоотӣ-хизматрасонӣ кушода шуд. Моҳи сентябри соли 2011, 150 адад китобҳои дарсии технологияи информатсионӣ харидорӣ гардида, давоми соли 2012 ҳолати таълимдиҳии фанни технологияи информатсионӣ як маротиба дар Шӯрои муҳандисӣ-педагогӣ ва 2 маротиба дар маҷлиси машваратии назди директор ҳаллу фасл гардида, оиди беҳтаршавии сифати таҳсилот қарорҳои дахлдор қабул гардиданд. Дар баробари муваффақиятҳо, мушкилотҳо низ ба назар мерасанд. Масалан, дар амалӣ шудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2010 № 416 дар литсей мамониат мерасонанд[371]. Соли 2016 утоқи дуюми технологияи информатсионӣ ташкил ва ҷиҳозонида шуд[372].

Соли 2016 маъмурияти литсей дар ҳамкорӣ бо «Маркази таълими калонсолон»-и ш.Хоруғ ва н.Роштқалъа курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи ихтисоси бофандагӣ, дӯзандагӣ, гулдузӣ ва адрасбофӣ барои 60 нафар

---

[370]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2001-2012. – С.2.
[371]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2011. – С.4.
[372]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2016. – С.6.

муҳоҷирон ва калонсолон аз рӯи ихтисосҳои бофандагӣ ва гулдузӣ ташкил намуд[373].

Маъмурияти литсей бо Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, шабакаҳои барқии «Помир-энерҷӣ» ва ҶДММ «Темур» дар соли 2017 шартномаҳои тарафайн оиди ҳамкориро ба имзо расонид[374].

Литсей дар марҳалаи ҳозира 2018 мутахассисони сатҳи таҳсилоти ибтидоии касбиро аз рӯи ихтисосҳои «Челонгари таъмири автомобил», «Монтёри барқӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизотҳои барқӣ», «Дуредгар», «Кафшергари газию барқӣ», «Кафшергари барқӣ», «Дӯзанда», «Ҳисобдор бо донистани компютер» ва «Фелдшер-бойтор» тайёр намуда истодааст[375].

Оиди минбаъд ҳам мустаҳкамтар шудани базаи моддӣ-техникии литсей аз ҷониби ҷамъиятҳои байналмилалӣ ҳуҷҷати зайл далолат мекунад: "Барои мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии литсей ва ташкили кабинетҳои нав дар ҳамкорӣ бо ҷамъияти байналмилалии хайриявии «Ҷовид», ки аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ шуда буд, ба таври ройгон ба литсей 8 адад компютер, 4 адад принтер, 1 адад телевизор, 1 адад DVD, 8 адад мошинҳои дӯзандагӣ, 10 адад миз, 20 адад курсӣ, 1 адад апарати металбурӣ, 1 адад апарати кафшергарӣ, ҷамъ ба маблағи 45000 сомонӣ кӯмак расонида шуд"[376].

Дар кори литсейи номбурда ба назари мо камбудиҳо ва проблемаҳои зерин вуҷуд доранд:

1.Набудани ҷой барои ташкили сехҳои челонгарӣ, корҳои амалӣ аз автомобил ва трактор, дуредгарӣ, сантехникӣ, электротехника ва ҷойи махсус барои 5 адад мошинҳои боркаш ва 5 адад трактор барои фаъолияти литсей мамониат мерасонад[377].

---

[373]Дар ҳамон ҷо. – С.6.
[374]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2017. – С.8.
[375]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2018. – С.1.
[376]Дар ҳамон ҷо. – С.3.
[377]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли 2009. – С.5.

2.Таъмини хонандагон бо хӯроки гарми яквақта, як проблемаи ҷиддиест, ки ҳалли худро наёфта истодааст, зеро барои ин мақсад ба ҳар як хонанда дар як шабонарӯз 0,26 дирам ҷудо шудаасту халос[378].

3.Кабинетҳои физика, химия, биология ва математика агарчӣ ташкил шуда бошанд ҳам, лекин бо маводи лозимӣ: рекативҳо, препаратҳо, муляжҳо воситаҳои техникӣ-аёнӣ таъмин карда нашудаанд. Инчунин дар литсей озмоишгоҳи таълимӣ ва илмию-тадқиқотӣ низ то ҳол ташкил нашудааст[379].

4. Пеш аз ҳама ин дохил набудани литсейи касбӣ-техникии №77-и н.Шуғнон ба барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015  мебошад, зеро тамоми мактабҳои таҳсилоти умумии  н. Шуғнон агар сад фоиз бо компютерҳо таъмин бошанд ҳам, лекин ягона литсейи касбӣ-техникӣ дар Бадахшон, ки миқдори хонандагонаш аз 300 нафар зиёд аст то ҳол пурра бо компютерҳо таъмин карда нашудааст[380].

Литсей дар дигар ноҳияҳои вилоят гурӯҳҳо дошта, ҳуҷҷатҳои зерин далели ин гуфтаҳост: Чунончӣ, моҳи августи соли 2012 дар н. Роштқалъа дар базаи мактаби миёнаи № 12 гурӯҳҳои амалкунандаи литсей аз рӯи ихтисосҳои «Дузанда», «Ҳисобдор бо омӯзиши компютер» ва «Челонгари таъмири автомобил ва ронандаи силсилаи «С» кушода шуданд. Литсейи № 77-и  ноҳияи Шуғнон дар ноҳияҳои Рӯшону Мурғоб низ  гурӯҳҳои амалкунанда дорад, ки ҳар дуяшон як адад биноҳои таълимӣ доранд, ки дар тавозуни литсей мебошанд. Дар ноҳияи Рӯшон 3 адад утоқҳои тахассусӣ, 2 адад синфхона, 1 адад толори варзиш, 2 адад устохона, 1 адад мошини таълимии ГАЗ 53 ва дар н. Мурғоб 2 адад утоқи тахассусӣ, 3 адад синфхона, 2 адад устохонаи таълимӣ, 1 адад мошини таълимии ГАЗ 53 ва 1 адад толори варзиш мавҷуд аст”[381].

---

[378]Дар ҳамон ҷо. – С.5.
[379]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2012. – С.4.
[380]Дар ҳамон ҷо. – С.4.
[381]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2013-2014. – С.4.

Соли 2017 дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмилалии хайриявии «Ҷовид» дар н. Ишкошим курсҳои кутоҳмуддати «Суратгир ва наворбардор», «Бофандагӣ» ва «Қаннодӣ» дар базаи мактаби миёнаи деҳаи Вранг кушода шуданд[382].

Бо такя ба гуфтаҳои болоӣ беҳтар аст, ки ин гурӯҳҳо аз ноҳияҳои Роштқалъа, Рӯшон, Мурғоб ва Ишкошим ба бинои нав ва хобгоҳи замонавии ин литсей, ки бо сарфи зиёди маблағ дар н. Шуғнон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурӣ сохта шуданд, оварда шаванд. Сонияи боз саволи дигар пайдо мешавад, ки маъмурияти литсей чи тавр аз деҳаи Навободи дурдаст истода, кори ин гурӯҳҳоро ба таври объективӣ дар се ноҳия назорат мекунад ва ё чӣ тавр он сехи қаннодии Вахони н. Ишкошимро дар шароити зимистони сербарфи Бадахшон бо маҳсулот таъмин мекунад? Ба назари мо беҳтар аст, то ин гурӯҳҳоро ба филиали ин литсей табдил диҳанду онҳо мустақилтару фаъолтар гарданд.

Дар ҳисоботи дигари ин литсей мехонем: “Дар устохонаи дӯзандагии литсей маҳсулотҳои зерин: куртаҳои занона, либосҳо барои коргарон, ҷӯробҳо, маводи рӯйпӯши ҷойи хоб, дар устохонаи дуредгарӣ дару тиреза ва мизу курсии хурд, дар устохонаи кафшергарӣ панҷараҳо барои дар ва тирезаҳо дар ҷараёни таълими истеҳсолӣ аз тарафи хонандагон истеҳсолшуда, дар мағозаи литсей ба фурӯш бароварда мешаванд. Лекин гуфтан лозим аст, ки аз сабаби қиммат будани ашёи хом (чӯб, тахта, матоъ, мис ва дигар ашёҳо) барои истеҳсоли маҳсулот дар устохонаҳо, ки аз бозори ш. Хоруғ дастрас карда мешаванд ва хело ҳам гарон будани нархи қувваи барқ, нархи маҳсулоти истеҳсолшуда баланд рафта, на ҳама вақт харидор пайдо мекунанд. Инчунин дастгоҳҳои техникии устохонаҳои дуредгарӣ ва кафшергарӣ хеле ҳам кӯҳна ва фарсуда буда, барои истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва ҷавобгӯйи талаботи бозор мамоният мерасонанд[383].

---

[382]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2017. – С.6.
[383]Ҳисобот оиди фаъолияти литсейи касбӣ-техникии №77 н. Шуғнони ВМКБ дар соли таҳсили 2013-2014. – С.5.

Аз таҳлили гуфтаҳои боло дар зеҳни кас саволҳои зерин пайдо мешаванд: Пас, агар харидори моли истеҳсолкардаи хонандагони литсей дар вилоят ва ноҳия набошад, пас истеҳсоли он молҳо дар устохонаҳои литсей чӣ маъно дорад? Сонияи ин молҳо барои ки тайёр карда шуданд? Магар ин амал ба бод додани пули давлат аз ҷониби муаллимон, мураббиҳо ва хатмкунандагони литсейи номбурда нест? Агар дастгоҳҳои устохонаи дуредгарӣ ва кафшергарӣ дар худи литсей кӯҳна ва фарсуда бошанд, пас дар н. Роштқалъа, н. Рӯшон ва н. Мурғобу н. Ишкошим онҳо дар чӣ ҳол ҳастанд? Агар ҳол чунин бошад, пас чӣ тавр устодони ин муассиса ҷавононро ба муҳоҷирати меҳнатӣ тайёр мекунанд?

Ин суолҳое ҳастанд, ки маъмурияти литсей бояд перомуни онҳо минбаъд ҷиддӣ фикр намояд, то омӯзгорони литсей хатмкунандагонашонро тавре омӯзанд, ки онҳо на танҳо маҳсулоти хуби ба талаботи бозор мувофиқ бароранд, балки мутахассисони соҳибтаҷрибаи ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалиро барои кишвар ва инчунин хориҷ аз кишвар тайёр намоянд.

Маъмурият ва устодони литсей бояд дарк кунанд, ки "Тоҷикистон аз лиҳози демографӣ кишвари ҷавон маҳсуб ёфта, беш аз 70 дарсади аҳолиашро ҷавонони то 30 сола ташкил медиҳанд. Тибқи омори нуфуси аҳолии Созмони Миллали Муттаҳид аз 1 январи соли 2014 аҳолии кишвари мо ба 8 миллиону 161,1 ҳазор нафар мерасид, ки аз ин 5 миллион 928,8 ҳазори онро (73,04%) ҷавонони то 30 сола, аз ҷумла, 3 миллиону 186,5 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд"[384].

Илова бар ин "Пӯшида нест, ки беш аз 50 дарсади муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистонро, ки дар Русияву дигар кишварҳо кору зиндагӣ доранд, ҷавонон ташкил медиҳанд. Мутаассифона, муҳоҷирати кории шаҳрвандони Тоҷикистон замоне оғоз шуд, ки сохторҳои марбут ба назорати муҳоҷирон ташкил наёфта буданд. Аз мадди назар дур мондани онҳо, ки ағлабашонна маълумоти зарурию на забони он кишварҳоро медонистанд, дучори

[384] Ҷавонони Тоҷикистон аз нуфус то нуфуз 22.05.2016 [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://hl.mailru.su/mcached=Муҳоҷирати меҳнатии ҷавонони Бадахшон &qurl=http%3A%2F%2Fwww.bonuvon.tj

мушкилиҳои гуногун буданд. Ин ва дигар сабабҳо боис мешаванд, ки иддае аз ҷавонони дар муҳоҷирати корӣ қарордошта, гирифтори бемориҳои гуногун шуда, теъдоди дигарашон ба доми нерӯҳои ифротӣ афтода, ҳаёти худу аҳли оилаашонро барбод медиҳанд. Албатта, бо мурури вақт фаъолияти ниҳодҳои масъули давлатӣ дар ҳамкорӣ бо муҳоҷирон такмил ёфта, мушкилоти муҳоҷират ҳалли худро меёбад. Ҷомеа интизор аст, ки дар ҳамкории судманд миёни вазорату созмонҳои марбут ба муҳоҷирати кории дохилу хориҷи кишвар шароити будубоши ҷавонони кишвари мо дар Русия ва дигар кишварҳои корфармо ба танзим даромада, хатарҳо бартараф хоҳанд шуд[385].

Бо қарории Ҳукумати кишвар "Низомномаи хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ"аз 04 июни соли 2014 № 390 тасдиқшуда, хадамот дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- мусоидат барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии муҳоҷирони меҳнати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили нуқтаҳои баҳисобгирию хизматрасонӣ дар гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ ҷиҳати баҳисобгирии рафту омади муҳоҷирони меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ;[386]

- бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ва ғайра[387].

Тоҷикистон аз ҷумлаи он кишварҳое мебошад, ки дорои захираҳои бузурги меҳнатӣ буда, ҳамзамон бо мушкилоти шуғли аҳолӣ бештар рӯ ба рӯ мегардад. Ин ҳолат бо сатҳи баланди тавлидёбӣ ва афзоиши табииаҳолӣ алоқамандии зич дорад. Чунончи, дар 20 соли охир шумораи аҳолии Тоҷикистон 32% ва захираҳои меҳнатӣ 67% афзудааст. Агар ба нишондиҳандаҳои оморӣ назар афканем, дар ин муддат сатҳи шуғлнокӣ ҳамагӣ 9,1% афзудаасту халос. Яъне афзоиши шуғлнокӣ аз зиёдшавии

[385]Дар ҳамон ҷо.
[386]Ҷавонони Тоҷикистон аз нуфус то нуфуз 22.05.2016 [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://hl.mailru.su/mcached=Муҳоҷирати меҳнатии ҷавонони Бадахшон &qurl=http%3A%2F%2Fwww.bonuvon.tj

захираҳои меҳнатӣ 57,8 % ақиб мондааст. Албатта, ин тасвири воқеӣ, ки дар давраи тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбад, бешубҳа ба ҳолати аз ҳад зиёд шиддатнок шудани бозори меҳнат дар мамлакат оварда мерасонад.

Миқёси муҳоҷират дар мамлакат хеле калон буда, талаботи рӯзафзуни ҷавонону наврасонро бозори меҳнати дохилӣ, ки бо сатҳи пасти музди меҳнат ва набудани ҷойҳои корӣ тавсиф меёбад, қонеъ гардонида наметавонад ва ин ҳолат афзуншавии муҳоҷиронро аз ҳисоби қувваи кории ҷавонон рӯз то рӯз афзун мегардонад. Аз ин рӯ, ҷолибнокии имкониятҳои бозори меҳнатии байналмилалӣ, махсусан Федератсияи Руссия, ҷавононро ҳавасманд гардонида истодааст. Бояд зикр намуд, ки 90% муҳоҷирони меҳнатӣ барои кор ба Русия  сафар менамоянд. Раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия, аслан номуташаккилона сурат мегирад. Танҳо 1% муҳоҷирон аз тарафи муассисаву идораҳои давлатӣ ва хусусӣ ба кор ҷалб карда мешаванд. Маълумотҳои оморӣ ва тадқиқотҳои сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки қисми бештари муҳоҷирони меҳнатиро, ки аз Тоҷикистон меравaнд, аҳолии аз синни 17 то 39 сола ташкил медиҳанд[388].

Натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологие, ки аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти байналмилалии меҳнат соли 2009 дар мавзӯи:  “Тадқиқот оид ба пасандозҳо ва инвеститсияҳои иқтисодие, ки аз ҳисоби интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ пурқувват карда шудаанд” гузаронида шуд, нишон доданд, ки аз ҳисоби ҷавонони ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта 31% аз синни 18 то 25, 39% аз синни 26 то 35 соларо ташкил медоданд. Боқимонда 28%-и онҳоро аҳолии аз 36 то 65 сола ташкил медоданд. Яъне дар ин раванд

---

[387]**Муф дар ин бора ниг.:** “Низомномаи хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ” (04 июни соли 2014 №390) [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://migration.scorpion.tj /

[388]Раҳматова, Д. К., Назирова, М. Н. Ҷанбаҳои таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳаёти ҷавонони Тоҷикистон / Д. К. Раҳматова, М. Н. Назирова [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.mts.tj/ru/images/stories/img_text/Sotsialnyi_proses... doc09.07.2018.

зиёдшавии шумораи ҷавонон ё “ҷавоншавии” муҳоҷират дида шуда, солҳои охир муҳоҷирати меҳнатӣ характери оилавиро гирифтааст[389].

Тадқиқотҳои сотсилогӣ аз тарафи марказҳои таҳлилӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ гузаронида нишон медиҳанд, ки сеяки муҳоҷирони меҳнатӣ, умуман малакаи касбӣ надоранд, зиёда аз нисфи онҳо аз рӯи касбҳои худ кор намекунанд ва аз ҳама муҳимаш бештарашон ба такмили ихтисос эҳтиёҷ доранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки омодагии касбии муҳоҷирони меҳнатӣ омили асосии ҳимояи иҷтимоии онҳост. Яъне, барои баланд бардоштани самаранокии муҳоҷирати меҳнатии беруна, мақсади асосии иҷтимоии ин раванд, тайёр намудани кадрҳои бо ихтисос аз ҳисоби муҳоҷирони ҷавон мебошад. Вале, сарфи назар аз он, ки дар муассисаҳои касбии-таълимӣ солҳои охир ба касбомӯзии хонандагон диққати зиёд дода мешавад, мутаассифона дараҷаи ихтисос ва забондонии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба хориҷи кишвар мераванд, хело нокифоя мебошад[390].

Тибқи маълумотҳо, ҳарсол аз Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 600-700 ҳазор муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷи кишвар мераванд. Лекин, айни замон Вазорати маориф ва Вазорати меҳнат, ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият доранд танҳо 50-60 ҳазор нафар шаҳрвандони кишварамонро барои касбомузӣ фаро гиранд, ки чунин миқдор ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯ нест. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 68 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошта, шумораи хатмкунандагон дар соли 2011 ба 19 800 нафар расидааст, ки ин теъдоди хатмкунандагон мувофиқ ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат нокифоя ва номувофиқ аст. Ташкил намудани дарсҳои касбомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои замонавӣ дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, мактабҳои махсус ва хона - интернатҳо, кушодани Филиалҳои ОКТ дар деҳот, зиёд намудани соатҳои дарсӣ дар барномаҳои омӯзишии донишгоҳҳои олӣ ва мактабҳои таҳсилоти

[389]Дар ҳамон ҷо.
[390]Дар ҳамон ҷо.

ҳамагонӣ бо мақсади аз худ намудани забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, арабӣ) низ ба мақсад мувофиқ аст[391].

Албатта, пешгирии ин масъала пеш аз ҳама аз сатҳи маърифатнокӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии оила ва худи шахс вобаста аст. Лекин, ба назари мо, бояд дар мактабҳои миёна, дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ аз тарафи муаллимон, раисони маҳалла, сардорони авлоду оилаҳои пешқадам ба масъалаи хонадоршавӣ диққати ҷиддӣ дода шавад. Нақши воситаҳои ахбороти омма дар ин ҷода бояд хеле баланд бардошта шавад. Бояд ба маърифатнокиву маълумотнокии духтарон аҳамияти ҷиддӣ дода шавад. Аксари духтарони маҳаллӣ имрӯз агарчи ба таври расмӣ дар мактабҳо маълумоти асосӣ гиранд ҳам, аз синфи 7-8 сар карда ба сифати донишомӯзӣ, маърифати замонавии онҳо диққати кам дода намешавад, махсусан аз истифода ва донистани воситаҳои технологӣ (компютер, шабакаҳоии иттилоотӣ) хеле дуранд. Дар натиҷа аз тарбияи оиладориву хонадорӣ огоҳӣ наёфта, аксар вақт фирефтаи зиндагӣ мегарданд. Аксари ҷавонон дар шароити пасти манзилӣ зиндагӣ мекунанд, бо корҳои вазнину душвор машғуланд, ки боиси бемориӣ, маҷрӯҳӣ ва нуқсонҳои ҷисмонӣ мегарданд. Бо сабаби кам истеъмол намудани ғизои серкалория, алоқаҳои ҷинсии тасодуфӣ, ки бо сабаби надонистани воситаҳои эҳтиётӣ ба касалиҳои гуногуни сироятӣ ба монанди Инфексияҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда, ВИЧ/СПИД, сил ва дигарон дучор мегарданд. Ин бемориҳо баробари ба организми ҷавонон зарар овардан, боз боиси бемориву фалаҷгардии оилаҳои онҳо мешавад[392].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки, дар шароити афзоиши муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон берун аз ҳудуди кишвар як омӯзишгоҳи касбӣ-техникии № 77 н. Шуғнон барои ВМКБ басанда нест. ВМКБ вилояти аграрӣ аст ва дар роҳи табдил додани он ба минтақаи саноатӣ-аграрӣ, дар баробари ин

---

[391]Раҳматова Д.К, Назирова М. Н. Ҷанбаҳои таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳаёти ҷавонони Тоҷикистон / Д. К. Раҳматова, М. Н. Назирова [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: www.mts.tj/ru/images/stories/img_text/Sotsialnyi_proses/Issledovaniya_publikasiya_doklad/Раҳматова Д. и Назирова М..doc 09.07.2018 (14:10:42)

[392]Раҳматова Д.К, Назирова М. Н. Ҷанбаҳои таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳаёти ҷавонони Тоҷикистон / Д. К. Раҳматова, М. Н. Назирова [Манобеи Электронӣ]. – Низоми дастрасӣ:

омӯзишгоҳ, ташкили муассисаҳои нави таълимӣ оид ба технологияи маҳсулоти кишоварзӣ, чорводорӣ, зарурияти таъсиси корхонаи саноатӣ, тарбияи насли нави коргарҷавонон ва мутахасиссони инжинер-техникӣ яке аз вазифаҳои нави стратегии умумиҷумҳурииявӣ ба ҳисоб меравад.

Дар замони баррасишаванда дар ҷодаи касбомӯзии ҷавонони вилоят як зумра корҳои созанда ба сомон расонида шуд. Аз ҷумла баробари таҳсили касбомӯзӣ дар омӯзишгоҳи ноҳияи Шуғнон, ҷавонони вилоят дар муассисаҳои таълимӣ-касбии ибтидоии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ва хориҷи он ба омӯзиш ва азхудкунии касбу ҳунар фарогир буданд.

Бояд зикр намуд, ки то ҳол масоили таъмини ҷойи кор ва азхудкунии касби коргарӣ байни ҷавонони вилоят то охир ҳалли худро наёфтааст.

Месазад, ки ташкилотҳо, идораҳои давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ҳамаҷониба иқдомҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пайгирӣ намуда, баҳри амалӣ намудани ин нақшаҳои стратегӣ камари ҳиммат банданд.

---

www.mts.tj/ru/images/stories/img_text/Sotsialnyi_proses/Issledovaniya_publikasiya_doklad/Раҳматова Д. и Назирова М..doc 09.07.2018 (14:10:42)

## 2.4. Нақши муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ВМКБ ва саҳми онҳо дар инкишофи илми Ҷумҳурии Тоҷикстон

Аз ибтидои таъсиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикстон олимони Иттиҳоди Шӯравӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи табиат, наботот, канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ, таърих, забон, адабиёти ин минтақа диққати махсус зоҳир менамуданд.

Дар нимаи дуввуми солҳои 20 – уми асри ХХ як зумра олимони варзидаи рус ва шӯравӣ баҳри шиносоӣ ва омӯзиши ҳаматарафаи ВМКБ ба Тоҷикистон ташриф оварданд. Олимони Шӯравӣ оиди имкониятҳои ғаннии табии Бадахшон аз таҳқиқотҳои олимони замони подшоҳӣ, ба монанди Н. Федченко, С. Тяншанский, Мейендорф, Прежевельский ва дигарон бархурдор буданд. Давлати шӯравӣ баҳри истифодабарии ин имкониятҳо чораҳои зарӯрӣ андешида олимони сатҳи ҷаҳонии соҳаҳои гуногуни илмиро ба ин раванд сафарбар намудааст. Дар раванди тайёрӣ ба симпозиуми илмӣ-амалӣ, ки ба масъалаи омӯзиши қувваҳои истехсолкунанда дар ҶШС Тоҷикисон, ки соли 1932 дар шаҳри Ленинград баргузор гардид, гурӯҳи калони олимони соҳаи табиатшиносӣ, дақиқ ва ҷомеъашиносӣ дар ҷумҳурӣ вақти тӯлонӣ қарор гирифта ба чорабинии мазкур омодагӣ диданд. Яке аз сарварони ин гурӯҳ олими барҷастаи соҳаи биология академик Е. Павловский буд, ки соли 1929 сарвари базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таъин гардид. Маҳз Евгений Павловский дар таъсиси маркази илмӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст. Зумраи зиёди олимони соҳаи геология, растанишиносӣ, паразитология, хокшиносӣ, чорводорӣ, обуҳавошиносӣ, нуҷум ва ғайра имкониятҳои ВМКБ-ро дар рушд ва инкишофи илми Шӯравӣ муайян намудаанд.

Солҳои 30 – юми асри ХХ ба Тоҷикистон, аз ҷумла ба ВМКБ асосгузори илми гинетикаи шӯравӣ академик Николай Вавилов ташриф оварда, коллексияи (маҷмӯи) васеъи намунаҳои ғалладонаро ҷамъоварӣ намуд. Ин намудҳои ғалладонагиҳо дар солҳои баъдиҷангӣ дар таҳқиқотҳои илмӣ

Институти гинетикии Академияи фанҳои ИҶШС ба номи Н. Вавилов васеъ истифода шудааст.

Экспедитсияи тоҷикӣ-помирие, ки аз ҷониби олимон ва кӯҳнавардони Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 1932-1934 таъсис дод шуд, баробари фатҳ намудани қуллаи Исмоили Сомонӣ (собиқ комунизм) баҳри омӯзиши физики-ҷуғрофии вилоят пажӯҳишҳо ба сомон расонидаанд.

Олимони шуравӣ ба таҳқиқи забонҳои тоҷикии минтақаи Помир диққати калон зоҳир намуда, бахри ҷамъоварии маводи лозима ҳамасола дар вилоят таҳқиқоти саҳроӣ мегузаронанд. Дар ин ҷода саҳми олимони Шӯравӣ Богомолов ва дигарон сазовори ёдоварист.

Масъалаи илмии дорои аҳамияти иқтисодидошта - омӯзиши пиряххои Помир ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода ва соҳаи омӯзиши масоили сейсмология ва астрофизика ВМКБ нодиртарин минтақаи лабораторияи илми ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз баландтарин расадхонаи астро-физикӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ маҳз дар ноҳияи Ишкошим бунёд гардида буд. Дар расадхонаи ноҳияи Ищкошим натанҳо олимони Иттиҳоди Шӯравӣ, балки олимони Марказҳои илмии ҷаҳонӣ таҳқиқотҳои худро ба сомон мерасониданд. Дар тамоми гӯшаю канори ВМКБ истгоҳҳои санҷишии обу ҳаво ва вазъи заминларза ҷойгир буданд, ки маълумотҳои онҳо ба захираи маводи илмии муассисаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ шомил мегардиданд.

Санъатшиносон ва муррихони Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон М. С. Андреев, И. С. Бертельс, А. С. Давыдов, А. Книппер, С. Баласанян, А. Ленский, А. Бертельс, М. Бакоев, Б. А. Литвинский, Ф. Кароматов, Н. Нурҷонов ва дигарон дар давоми фаъолияти илмиашон аз таҳқиқотҳои саҳроие дар ВМКБ ҷараён мегирифт нодиртарин мероси маънавии тоҷикони Бадахшонро ҷамъоварӣ намудаанд, ки он ҳоло ганҷинаи бебаҳои илмии санъати мардуми ориётабор ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, иброз намудан мумкин аст, ки ВМКБ худ як лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии тамоми соҳаҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва ҷомеъашиносии улуми ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Шомилшавии ҷавонони боистеъдоди ВМКБ ба илм дар нимаи дуюми асри XX суръати тоза мегирад. Дар ин ҷода саҳми арзандаи Қаҳрамони Тоҷикистон, Котиби аввали КМ ҲК Ҷумҳурии Тоҷикистон (1946-1956) академик Бобоҷон Ғафуровро қайд намудан зарур аст. Маҳз дар натиҷаи кӯшиш ва ғайрати ин абармард аз ҳисоби донишҷӯёни солҳои 40-50 – уми асри XX аз ВМКБ дар донишкадаю донишгоҳҳои Тоҷикистон, Москва, Тошканд, Ленинград ва дигар шаҳрҳо таҳсил кардаанд, гурӯҳи аввалини олимони варзидаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия ёфтанд. Дар қатори онҳо академикҳо – О. Ақназаров (химия), Р. Масов, Ю. Ёқубов, Ҳ. Назаров, Х. Юсуюбеков, Ҳ. К. Ҷӯраев ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

То охири асри XX дар ВМКБ ҳамагӣ як муассисаи тадқиқотӣ бо номи **Институти Биологии Помир** (ИБП)-и АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дошт, Институти биологии Помир соли 1969 дар заминаи Боғи ботаникии Помир, Пойгоҳи биологии Помир ва заминагоҳи н. Ишкошим оид ба заминкорӣ таъсис дода шудааст. Нахустин директори институт академик Х. Ю. Юсуфбеков буд, ки институтро аз соли 1969 то соли 1981[393] сарварӣ намуд. Аз соли 1981 то соли 1988 институтро узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои биологӣ О.А. Ақназаров, бар душ дошт[394] аз соли 1988 то соли 1996 узви вобастаи АИ ҶТ У.Х. Холдоров[395] роҳбарӣ намудаанд. Аз соли 1996 то соли 2014 сарварии институтро академик О. А. Ақназаров ва аз моҳи марти соли 2014 ин вазифаро доктори илмҳои биологӣ, профессор Наврузшоев Довутшоҳ[396] бар зима доштанд. Институт дар ш. Хоруғ, дар маркази маъмурии ВМКБ ҷойгир шудааст. Дар институт 46 корманди илмӣ, аз ҷумла 3 доктори илм, аз онҳо 1 нафар академики АИ ҶТ ва 11 нафар номзади илм мебошанд.

Самтҳои асосии таҳқиқоти илмии институт инҳо мебошанд: коркарди асосҳои илмӣ ва усулҳои ҳифз ва истифодаи оқилона ва мониторинги ҳолати

[393]**Муф. дар ин бора ниг.:** Юсуфбеков Худоёр // Шугнон. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С.675.
[394]Ақназаров О // Шуғнон. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С.502.
[395]Холдоров У. Х. Там же. – С.632.
[396]Наврузшоев Довудшо // Шуғнон. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С.586-587.

гуногуншаклии биологии олами набототи Помир; таҳқиқи пӯшаҳои наботот ва маҳсулнокии массивҳои чаробонӣ, масъалаҳои генетика; селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ; ҷамъоварӣ ва тартиб додани захираи маълумот оид ба генофонди маҳаллии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи онҳо, коркарди асосҳои илмии интродуксия ва ба иқлим мутобиқгардонии растаниҳо дар шароити баландкӯҳӣ; масъалаҳои физиология ва биохимияи экологии растаниҳо; таҳқиқи ҷанбаҳои физиологию биохимиявии мутобиқгардонии растаниҳо ба омилҳои ғайриоддии баландкӯҳи Помир, таҳқиқи тағйироти ҷаҳонии иқлим ба экосистемаҳои баландкӯҳӣ.

Ба сохтори институт воҳидҳои илмии зерин дохил мешаванд:

-шуъбаи гуногуншаклии биологии наботот ва ҳайвонот;

-озмоишгоҳи экологии таҷрибавии растаниҳо;

-озмоишгоҳи мевапарварии баландкӯҳӣ;

-боғи ботаникии Помир ба номи А. В. Гурский; [397]

-осорхонаи «Табиат».

Институт заминагоҳҳо, қитъаҳо ва пойгоҳҳои зерин дорад:

-қитъаи таҷрибавӣ дар назди институт (ш. Хоруғ, 2320 м. аз сатҳи баҳр);

-заминагоҳи Чечекдеҳ дар Помири Шарқӣ (3860 м. аз сатҳи баҳр);

-заминагоҳи Ванҷ (1600 м. аз сатҳи баҳр);

-заминагоҳи Роғак (1150 м. аз сатҳи баҳр);

-пойгоҳи агроэкологии Ҷелондӣ (3800 м. аз сатҳи баҳр).

Дар назди институт китобхонаи адабиёти биологӣ бо теъдоди 20 ҳазор нусха мавҷуд аст. Дар гербарияи институт қариб 15 ҳазор баргҳои растаниҳои олии гулдор ҳифз карда мешавад.

Олимони институт ба дастовардҳои зерини илмӣ ноил гардиданд. Масалан, нишон дода шудааст, ки дар ВМКБ аз рӯи гуногуншаклии навъҳои мулоими гандум дар Осиёи Марказӣ мавқеи пешсафро ишғол менамояд. Масалан, аз 273 навъи дар Осиёи Марказӣ маълуми гандуми мулоим 151 навъи онҳо дар Помири Ғарбӣ дучор меоянд. 69 намудҳои гуногуни

[397]Гурский, А.В Дар ин бора руҷуъ карда шавад / А. В. Гурский // Бадахшони Советӣ. – 1950. – 5 октябр.

гандумҳои мулоими маҳаллӣ ва 11 шакли паканаи ин гандум ҷамъоварӣ карда шудааст. Дар байни онхо 5 намуди гандуми мулоими белигул барои илм намудҳои нав мебошанд, ки дар деҳаи Япшорв ва Рухчи водии Бартанг ошкор гардидаанд.[398]

Навъҳои ояндадори ҷав ошкор карда шудаанд, ки дар таркиби донаашон миқдори зиёди сафеда ва лизин доранд. Аз навъи маҳаллии боқило шакли гандуми кулӯладонаи белигулӣ ба даст оварда шуд, ки барои илм навъи нав мебошад;

Инчунин аз тарафи селексионерҳои институт навъи нави тритикале бо номи «Бадахшон» ҳосил карда шуд, ки он бо серҳосилӣ 47-50 с/га фарқ карда, дар шароити иқлимии Бадахшон мутобиқ гардонида шудааст. Ин навъ аз навъсанҷии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият гузашта истодааст[399].

Дар институт гармхона барои қаламчашинонии зироатҳои гулдор ташкил карда шудааст. Дар натиҷаи корҳои зиёд барои шароити баландкӯҳи кишвар намуд ва шаклҳои ояндадори зардолу бо ҳосилнокии имконпазир то 120-130 с/га ба даст оварда шуданд.

Аз ҷониби олимони Институт полиморфизми чормағзи юнонӣ ошкор шуда, шаклҳои тунукрешаи серравған ва тезпази он ҷудо карда шуда, боз муқаррар карда шудааст, ки дар Помир танҳо ду навъи тути сафед ва сиёҳ месабзад. Навъ ва шаклҳои хушкмевагӣ ва хӯрокии тут бо ҳосилнокии баланд ва қанднокӣ ҷудо карда шудааст[400].

Дар Боғи ботаникии Помир ба номи А. В. Гурский озмоиши ҳазорҳо намуд, навъ ва шаклҳои растаниҳои сохтмонӣ, гулдори ороишӣ ва алафии табиати маҳаллӣ ва бегона дошта гузаронида шуд. Дар боғ шуъбаҳои флоравии Аврупо, Қрим ва Кавказ, Америкаи Шимолӣ, Осиёи Шарқӣ, Осиёи Марказӣ таъсис дода шудаанд. Дар солҳои охир коллексияи растаниҳои

[398]**Муф. дар ин бора ниг.:** http://hl.mailru.su/mcached?q=Институти биологии Памир&qurl
[399]http://hl.mailru.su/mcached?q=Институти биологии Памир&qurl
[400]**Муф. дар ин бора ниг.:** http://hl.mailru.su/mcached?q=Институти биологии Памир&qurl

сӯзанбарг то 80 намуд, растаниҳои баргӣ то 180 намуд пурра карда шуд. Коллексияи боғ дар 40 соли охир се маротиба афзун гардид.

Дар Боғи ботаникӣ дар коллексияи растаниҳои табобатӣ 70 намуди растаниҳои яксола ва бисёрсола ҷамъоварӣ шуда, дар парваришгоҳҳои боғ барои иҷрои корҳои кабудизоркунӣ ҳамасола 7 ҳазор растаниҳои гулдори ороишӣ омода карда мешаванд. Дар гармхонаҳо ва буғхонаҳои Боғи ботаникӣ ҳар сол миқдори зиёди ниҳолакҳои растаниҳои гулдор тайёр карда мешаванд[401]. Дар Боғи ботаникӣ растаниҳои сӯзанбарг парвариш карда шуда, тухмиҳое, ки аз боғ ва аз ҳудуди Помир ҷамъоварӣ карда мешаванд, ба таври мунтазам номнавис карда мешаванд. Ивазкунии тухмиҳо ва растаниҳо бо 120 нишона (адресат)-ҳо аз 40 боғҳои ботаникии давлатҳои хориҷи наздик ва дур амалӣ карда мешавад.

Дар осорхонаи «Табиат»-и институти биологӣ таърихи таҳқиқи захираҳои табии Помир аз давраҳои қадим то рӯзҳои мо ба таври васеъ тасвир карда шудааст. Саҳми олимон дар таҳқиқи гуногуншаклии биологии флора ва фаунаи баландкӯҳӣ нишон дода шудааст. Дар ин ҷо гербарияи флораи маҳаллӣ, коллексияи этномофауни, хӯсаи ҳайвонот тасвир шуда, харитаҳои гуногунсхемаҳо, ҷадвалҳо, диаграммаҳое, ки захираҳои биологии Помирро тасвир мекунанд, насб карда шудаанд[402].

Самтҳои асосии илмии институт дар дурнамои наздик инҳо мебошанд:

- омӯзиши физиологӣ-биохимиявии устувории растаниҳо ба омилҳои ғайриоддии баландкӯҳӣ, механизмҳои мутобиқгардонии растаниҳо бастрессҳо;

- таҳқиқи ҳавза (ареал)-ҳо ва захираҳои растаниҳои табобатии Помир, тайёр кардани маводи шиноиандаӣ барои ташкил намудани майдонҳои сунъӣ, коркарди технологияҳои парвариши растаниҳои табобатӣ;

[401]http://hl.mailru.su/mcached?q=Институти биологии Памир&qurl
[402]http://hl.mailru.su/mcached?q=Институти биологии Памир&qurl

- муайян намудан ва дар истеҳсолот татбиқ кардани навъҳои зироатҳои яксола ва бисёрсолаи хӯроки чорво бо миқдори зиёди моддаҳои ғизоӣ ва коркарди технологияи парвариши онҳо;

- ҷамъоварӣ ва омӯзиши генофонди растаниҳои зироатии ВМКБ ва ҳамгунаҳои онҳо, тухмипарварӣ ва парвариш кардани навъу намудҳои нави зироатҳои кишоварзӣ дар Помир[403];

- таҳқиқи энтомофауна ва ширхораҳои Помир, коркарди усулҳои биологии ҳифзи ҳосил аз ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳои зироатҳои кишоварзӣ;

- ҳифзи олами наботот ва ҳайвоноти баландкӯҳӣ ва коркарди чорабиниҳо оид ба барқарорсозии биогесенозҳои аз тарафи инсон вайрон карда шуда.[404]

Доктори илмҳои биологӣ Д. Наврузшоев барои чорводорони Помири Ғарбӣ барои хубтару беҳтар парвариш намудани чорвои хушзот дастури махсусеро нашр карданд[405]. Д. Наврузшоев инчунин дар семинари байналмилалӣ дар ш. Будапешти Венгрия (март 2012) дар мавзӯи: «Целебные и ароматные растения Таджикистан» ва конфронсҳои дигари илмӣ-амалӣ иштирок ва баромад карданд[406]. Доктори илмҳои биологӣ К. Абдуламонов ва бо маърӯзаи илмӣ дар конфронси «Актуалные проблемы и преспективы развития сельского хозяйства для обеспечения продовольственной безопасности Таджикистана, ки ба 80-солагии институти заминшиносӣ ТАСХН ва конференсия бахшида ба 25-солагии боғи ботаникии ш. Кӯлоб иштирок ва баромад кард[407].

---

[403]Дар ҳамон ҷо.

[404]**Муф. дар ин бора ниг.:** http://hl.mailru.su/mcached?q=Институти биологии Памир.

[405]Наврузшоев, Д. Дастур-ул- амал барои чорводорони Помири Ғарбӣ / Д. Наврузшоев. – Бишкек, 2011. – 122 с.

[406]Наврузшоев, Д. Биоразнообразия род PrimulaL. во флоре Таджикистана / Д. Наврузшоев // Тезисы докл. научно-практической конференции (23-25 октябрь). – Душанбе, 2011. – С.80-85; Ботаника-географическое районирование бассейна реке Бартанг (Западного Памира) Тезисы докл. научно-практической конференции. – Хорог, 2009. – С.33-35; К вопросу об изучении узколокального эндемичного вида Aulacospermum ikonnikovii Kamelin (Umbelliferae) из Горного Бадахшана // Тезисы докл. научно- практической конференции. – Куляб, 2011. – С.90-93.

[407]Худжамова, Г. Д. Малораспространенных декоративные многолетники в Памирском ботаническим саду / Г. Д. Худжамова // Тезис док. Конференции Куляб, 2011. – С.80-83; Омӯзиши хусусиятхои экологию

Дар Институти Биологии Помир Б. Имомназаров дар риштаи химия соли 1997, Л. Нусайриева дар риштаи хоҷагии деҳот дар соли 2007, Г. Хуҷамова ва С. Мусоев бо ихтисоси биология дар соли 2011 рисолаҳои номзадӣ ҳимоя карданд. Натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотии кормандони институт дар 6 монография, 5 тавсияҳои илмию амалӣ ва дар бештар аз 60 маҷаллаҳои илмии Ҷумҳурииявӣ ва хориҷ аз кишвар нашр гардидаанд[408]

Муассисаи тадқиқотии дигари ВМКБ ин **Институти илмҳои гуманитарӣ** (ИИГ) буда, он соли 1991 бо қарори Раёсати АИ ҶТ дар заминаи шуъбаи помиршиносӣ ва шуъбаи таҳқиқоти иҷтимоиву иқтисодии Пойгоҳи дар Помир будаи АИ ҶТ бо мақсади тавсиаи минбаъдаи таҳқиқоти бунёдии забонҳо, фарҳанги хоси маънавӣ, таърих, иқтисод ва шуури ҷамъиятии мардуми ВМКБ таъсис ёфтааст. Нахустин директор-ташкилотчии институт доктори илми фалсафа Х. Додихудоев[409] (солҳои 1991-2000) буд. Аз соли 2000 то 2018 доктори илмҳои филологӣ Ш. Юсуфбеков директори институт буд[410].

Институт аз бахшҳои зерини илмиву таҳқиқотӣ иборат аст:

-шуъбаи забонҳои помирӣ;

-шуъбаи фолклор ва адабиёт;

-шуъбаи таърих, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ ва фарҳанг;

-шуъбаи таҳқиқоти иҷтимоиву иқтисодӣ[411]

Самтҳои асосии тадқиқоти илмии институт аз инҳо иборат аст: омӯзиши забонҳои помирӣ, навъҳои гуногун забони фолклорӣ ва адабӣ; нигоҳдорӣ ва рушди онҳо;

- ташкили манбаъҳои илмӣ бо роҳи ҷамъовари маводи забоншиносӣ, фолклорӣ, мардумшиносӣ, динӣ аз аҳолӣ, бунёди фондҳои илмӣ дар соҳаҳои

---

биологии коркарди парвариши намудхои ояндадор // Конференцияи чумхуриявӣ, Душанбе (23-25 октябрь) 2011. – С.65-70.

[408]http://hl.mailru.su/mcached?q=Институти биологии Памир&qurl

[409]Додхудоев Х. // Шуғнон. – Душанбе, 2014. – С.536.

[410]Юсуфбеков Шодихон // Шуғнон. – Душанбе, 2014. – С.676; http://hl.mailru.su/mcached?q=Юсуфбеков Шодихон&qurl=http

[411]http://hl.mailru.su/mcached?q=%20 Институтхои тадкикоти дар ВМКБ

забонҳо, осори фолклориву адабӣ, ҳунари мусиқӣ, дин, фарҳанги моддиву маънавии Бадахшон;

- нашри матнҳои забоншиносӣ, фолклорӣ, мардумшиносӣ ба забонҳои помирӣ бо тарҷумаи илмии тоҷикиву русӣ, тавзеҳот ва феҳристҳо, то ки онҳо дастраси шарқшиносони Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ гарданд;

- идомаи омӯзиши таърихи забонҳои помирӣ бо ҷанбаи муқоисавию типологӣ, муайян кардани робитаи тарафайнии онҳо ва мақомашон дар байни забонҳои дигари эронӣ, ҳинду ориёӣ (ҳиндӣ) ва ҳинду аврупоӣ;

- тартиб додан ва нашри илмии куллиёти бисёрҷилдаи фолклори Бадахшон;

- идомаи таҳқиқоти жанрӣ ва қиёсии фолклори Бадахшон;

- нашри илмӣ ва тадқиқи адабиёти Бадахшон;

- омӯзиши таърихи мардуми Помир ва фарҳанги моддиву маънавии онҳо аз замонҳои қадимтарин то рӯзҳои мо;

- тартиб додан ва нашри алифбоҳо, китобҳои дарсӣ, луғатҳо, сарфу наҳви забонҳои помирӣ, инчунин барои омӯзиши мустақилонаи забонҳои помирӣ;[412]

- ҳамоҳангсозӣ ва робитаҳои илмӣ бо помиршиносии ИДМ, инчунин бо эроншиносону помиршиносони хориҷӣ бо мақсади омӯзиши муқоисавии забонҳои помирии мавҷуд дар қаламрави ВМКБ ва кишварҳои хориҷӣ, ташкили экспедитсияҳои муштараки илмии минтақавӣ, ташкили семинарҳо, конференсияҳо, симпозиумҳои илмӣ, ба вуҷуд овардани осори ҷомеи илмии забошиносиву фарҳангшиносӣ ва таҳқиқи бунёди иичтимоиву иқтисодии Помир ва омода кардани тавсияҳо бобати рушди ичтимоиву иқтисодии ВМКБ ва ҷумҳурӣ. Дар институт ҷамъ 36 нафар кор мекунанд, ки аз онҳо 4 нафар доктор ва 11 нафар номзади илм мебошанд[413].

Институт бо институтҳои забоншиносӣ, шарқшиносӣ, фалсафа, таърих ва антропологияи АИ ФР, Донишгоҳи давлатии гуманитарии Россия,

---

[412]http://hl.mailru.su/mcached?q=%20 Институтхои тадкикоти дар ВМКБ
[413]http://hl.mailru.su/mcached?q=%20 Институтхои тадкикоти дар ВМКБ

кафедраи забонҳои эронии Институти кишварҳои Осиё ва Африкаи Донишгоҳи давлатии Москва ва муассисаҳои илмии АИ ҶТ робитаи илмӣ дорад[414].

Кормандони институт тадқиқи синхрониву диахронии фонетика, сарфу наҳв, лексика ва луғатшиносии забонҳои помирии дар қаламрави Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя паҳн гардидаро анҷом додаанд, ки дар асарҳои зерини забоншиносон-помиршиносон инъикос ёфтааст:

Аз ҷониби олимони Институти Илмҳои Гуманитарии (ИИГ) АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ба риштаи таҳқиқ гирифта шуда, як қатор рисолаҳои илмӣ нашр шуда, ҳатто тартиб додани алифбо барои 5 забонҳои помирии ВМКБ (шуғнонӣ–рушонӣ-бартангӣ, ишкошимӣ ва вахонӣ) шурӯъ шуда буд. Дар ин муддат дар ш. Москва се ҷилд китоби «Шугнано-русский словарь»[415] -и профессор Д. Карамшоев нашр шуд.

Кормандони Пажуҳишгоҳи номбурда, ба омӯзиши мавзуҳои зерин; «Сравнительное изучение антропонимов шугнанского языка»; «Этнолингвистический анализ отраслевой лексики (животноводство) шугнанского языка», «Синонимия в лексике шугнанского языка» ба риштаи тадқиқ кашида, ҳар кадоме аз онҳо ба омӯзиши синхронӣ ва диахронии забонҳои помирӣ бахшида шудаанд[416].

«Алифбои фаврии забонҳои помирӣ» (1994); Д. Карамшоев, М. Аламшоев «Алифбо» (1996); Ш. Юсуфбеков «Дейктикӣ дар забонҳои гурӯҳи шуғнониву рӯшонии забонҳои помирӣ» (1998); Омӯзиши лексикаи забони шуғнонӣ ва муқоисаи он бо дигар забонҳо аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессор Ш. П. Юсуфбеков,[417] Ш. Юсуфбеков, Д. И. Эделман ва диг. «Забонҳои ҷаҳон: Забонҳои эронии шарқӣ» (2000)-ро нашр карда буданд. Ба қалами профессор Ш. Юсуфбеков инчунин омӯзиши забони

[414]Дар ҳамон ҷо.
[415]Карамшоев, Д. К. Шугнанско-русский словарь. – в трех томах / Д. К. Карамшоев. – М.: Наука, 1999.
[416]Корҳои илми-тадқиқотӣ дар соли 1993 // Бойгонии чории ИИГ ба номи Искандаров Б.
[417]Юсуфбеков, Ш. П. Дейктичность в языках шугнано-рушанской группы: семантико-прагматические аспекты / Ш. П. Юсуфбеков; Отв. ред. Д. И. Эдельман, М. Азбуковник. – М., 1998. – С.151.

сanглечи мардуми Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ таалуқ дошта, ӯ дар ин бора рисолаи докторӣ ҳимоя намуд[418].

Доктори илмҳои филологӣ М. Аламшоев «Системаи ҷонишинҳои забони шуғнонӣ (дар муқоиса бо забонҳои дигари гурӯҳи шуғнониву рӯшонӣ» (1994); М. Аламшоев ва Д. Карамшоев «Хугнуни зив» (Алифбои забонҳои шуғнонӣ барои синфҳои 1-4) (2000)-ро тартиб доданд[419].

Номзади илмҳои филологӣ Ш. Мирзоев «Дар бораи системаи синонимҳо ва лексикаи забони шуғнонӣ» (1999); М. Мамадасламов «Системаи пешояндаҳои ифодакунандаи макону замон дар гурӯҳи шуғнони ва рӯшонии забонҳои помирӣ» (1999); И. Раҳимов «Вазъи таърихии лексикаи мардумшиносии забони язғуломӣ» (1991) нашр карданд[420].

Дар соҳаи фолклоршиносӣ ва адабиёти Бадахшон таҳқиқи жанриву типологии адабиёт ва фолклори ин минтақа сурат гирифтааст: Масалан дар ин бораи доктори илмҳои филологӣ Н. Шакармамадов “Даргилик-жанри махсуси фолклор” (1992); “Фолклори Помир”, ч. 1. «Зарбулмасал ва мақолаҳои сокинони Шуғнон ва Рӯшон», 1992; “Сурудҳои туйии Помир”, (1993); “Муқаддасот – мероси таърихиву фарҳангии халқ” 2011) нашр намуданд. Профессор Н. Шакармамадов дар китоби Фолклори Помир, оиди пайдоиши оламу одам, шахсҳои асотирӣ ва таърихӣ, ҳодисаҳои таърихӣ ва маишӣ, остонҳо, аломатҳои рӯисанг ва инчунин ривоятҳои аз байни сокинони ВМКБ ҷамъовардаи муаллиф ва шогирдонаш маводи пурарзиш ҷамъоварӣ ва нашр кардааст.[421] Дар маҷмӯаи мақолаҳои Н. Шакармамадов “Бадахшон дар масири тамаддуни умумибашарӣ” перомуни фолклори Бадахшон, тадқиқи он, Фалак, рақси пойамал, суруди сартарошон ва қисми охири он хотироти муаллифро дар бар гирифтааст[422]. Н. Шакармамадов дар

---

[418]Юсуфбеков, Ш. П. Сангличский язык в синхронном и историческом освещении: дисс… док. филол. наук / Юсуфбеков Шодихон Парвонаевич. – М., 2000. – 208 с

[419]Қарори Совети депутатҳои халқи ВМКБ оиди тасдиқ намудании алифбои забонҳои помирӣ // Бадахшони Советӣ. – 1991. – 21 ноябр.

[420]http://hl.mailru.su/mcached?q=%20 Институтхои тадкикоти дар ВМКБ

[421]Фолклори Помир, Асотир, ривоят ва нақлҳо / Мураттиб, муаллифи муқаддима ва тавзеҳот Н. Шакармамадов. – Душанбе: Империал-группа, 2005. – Ҷ.2. – 431 с.

[422]Шакармамадов, Н. Бадахшон-дар масири тамаддуни умумибашарӣ / Н. Шакармамадов. – Душанбе: РТСУ, 2007. – 162 с.

ҳаммуалифӣ бо О. Шакармамадов[423] оиди зарбулмасалҳои мардуми Шуғнону Рӯшон тадқиқоти ҷолиберо анҷом доданд.

Омӯзиши проблемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ВМКБ дар тадқиқоти Н. Хоналиев[424] дарҷ ёфтааст. Солҳои 2001-2002 Т. С. Қаландаров дар Институти илмҳои гуманитарии АИ ҶТ чун ходими калони илмӣ кор карда, дар соли 2002 чун докторант ба Институти этнология ва антропологияи ба номи Миклухо – Маклаяи АИ Россия дохил шуд. 27.12.2000 дар Институи шарқшиносии АИ Росиия[425] рисолаи номзадӣ зери роҳбарии Б. А. Литвинский ҳимоя карданд[426]. Т. С. Каландаров дар Москва кору фаъолият намуда чандин асару[427] мақола таълиф намудааст[428].

Дар солҳои 2010-2011 кормандони илмии Институти илмҳои гуманитарии АИ ҶТ номзадҳои илми филология Г. Ризвоншоева;[429] Н. Қурбонхонова;[430] Ш. Некушоева;[431] асарҳо оиди фолклор ва забони Бадахшон таълиф намуданд[432]. Ходими калони ПУИ В. Охонниёзов дар ҳамкорӣ бо шоир А. Мирхоҷа китоберо оиди шоир ва адабиётшинос Ҷамшед (Нодир)

---

[423]Шакармамадов, Н., Шакармамадов, О. Пословицы и поговорки жителей Шугнана и Рушана / Н. Шакармамадов, О. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1992. – 108 с.

[424]Хоналиев, Н. Производительные силы Памира и проблемы их использования / Н. Хоналиев. – Хорог, 1993.

[425]Институти шарқшиносӣ

[426]Каландаров, Т. С. Исторические судьбы шугнанцев и их верований / Т. С. Каландаров. – М., 2000.

[427]Каландаров, Т. С. Шугнанцы (историко-этнографическое исследование) / Т. С. Каландаров. – М., 2004. – 478 с.

[428]Плодовые культуры-исмаилиты в России. Исследования по прикладной и неотложной этнологии. Док. № 178. – М., 2005. – 26 с.; Об одном ирригационном празднике шугнанцев долины р. Шахдары (Западный Памир) // ЭО. – 2000. - № 4. – С.68-73; Он же. Магия в семейно-бытовой обрядности шугнанцев // ЭО. – 2001. - № 1. – С.39-53; Остоны Памира // Восточная коллекция. – 2002. - № 2. – С.55-62.

[429]Ризвоншоева, Г. Афсонаҳои сеҳромези Бадахшон: таҳқиқи ғоя ва образ / Г. Ризвоншоева. – Душанбе, 2011. – 256 с.; Афсонаҳои ҳаёти воқеии мардуми Бадахшон. – Душанбе, 2012. – 508 с.

[430]Қурбонхонова, Н. Устураи ҷонварон дар фолклори Бадахшон. Душанбе 2011, 145 с. Қурбонхонова, Н. Устураи ҷонварон дар фолклори Бадахшон / Н. Қурбонхонова. – Душанбе, 2011. – 145 с.

[431]Некушоева, Ш. О лексике некоторых понятий, связанных с одеждой / Ш. Некушоева // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2008. - № 2 (48). – С.74-77; К происхождению некоторых номинативных единиц похоронно-поминальной трапезы // Известия АН Республики Таджикистан. Серия: Филология и востоковедение. – Душанбе, 2009. - № 2. – С.100-103. Ситуативное применение синонимичных единиц относительно понятия “дом” // Известия АН Республики Таджикистан. Серия: Филология и востоковедение. – Душанбе, 2010. - № 1. – С.14-16; К происхождению и свойствам некоторых предметно-бытовых терминов шугнанского языка // Республиканский симпозиум “Экономика и наука Горно-Бадахшанской автономной области: прошлое, настоящее, будущее”. – Душанбе, 2005. – С.71-74. - №2 2010. с 56.

[432]Карамова, И. История прошедших событий / И. Карамова // Паёми Донишгоыи Хоруг. – 2011. - №9. – С.45-50.

Шанбезода нашр карданд[433]. 11 ноябри соли 2010 В. Охонниёзов В. рисолаи докторӣ дифоъ намуд[434].

Дар Институти илмҳои гуманитарии АИ ҶТ ба номи академик Б. И. Искандаров маҷаллаи илмӣ бо номи "Помиршиносӣ" вуҷуд дорад. Дар солҳои 2013-2014 олимони ҷавони Институт Н. Қурбонхонова[435] Ш. Некушоева,[436] ва М. Броимшоева[437] мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и Федератсияи Россия нашр намудаанд.

Дар соҳаи фалсафа, дин ва сотсиология институт корҳои зеринро анҷом дод: таҳқиқи ҷомеи аҳолии исмоилӣ ва робитаи он бо зардуштия, тасаввуф ва ҷараёнҳои дигари шарқи исломӣ дар осори профессор Х. Додхудоев ва асару мақолаҳои А. Шохуморов инъикос ёфтаанд.

Масъалаҳои рушди ҷомеъа ва ҷобаҷогузории нерӯҳои истеҳсолкунандаи ВМКБ таҳқиқ шуда, заминаҳои иқтисодии рушди манбаъҳои нерӯҳои истеҳсолкунандаи вилоят арзёбӣ гардидааст, вазъи имрӯзаи рушди иқтисодиву иҷтимоии ВМКБ дар шароити бозоргонӣ мавриди таҳлил қарор мегирад[438].

Ин ду муассисаи илмӣ дар тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар баробари ДДХ саҳми босазое доранд. Масалан, дар солҳои 2001-2007 дар аспирантураи Институти илмҳои гуманитарии АИ ҶТ 154 аспирант, аз ҷумла; 51 нафар занон таҳсил намуданд.

---

[433]Охонниёзов, В., А. Мирхоча. Ҳосили умр: бахшида ба 100 солагии Н. Шанбезода / В. Охонниёзов. – Душанбе: Нодир, 2008. – 100 с

[434]Охонниёзов, В.Д. Цветовая символика в персидско-таджикской классической поэзии / В. Охонниёзов. – Душанбе, 2010.

[435]Қурбонхонова, Н. Рамзи об дар адабиёти хатти ва шифохи / Н. Қурбонхонова // Паёми Донишкадаи омӯзгории ба номи С. Айнӣ. – 2014. -С. 40-45; Тасвири саг дар адабиёти хатти ва шифоҳӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айни. – 2014; Ду образи маъмул дар ашъори Чалолиддини Балхи // Душанбе, 2014. – С.60-64.

[436]Некушоева, Ш. Ситуативное применение синонимичных единиц относительно понятия "дом". - / Известия АН Республики Таджикистан. Серия: Филология и востоковедение. – Душанбе, 2013. - №1. – С.14-16; Употребление суффиксов в образовании множественного числа существительных (на материале современной таджикской язык // Вестник ТНУ. – Душанбе, 2013. - №8. – С.26-33; Некушоева Ш. Арабское ломанное множественное числа о существительных в романе «Фирдоуси» С. Улугзоде // Вестник Таджикского национального университета. Отделение общественных наук. – Душанбе, 2014.

[437]Броимшоева, М. Саҳми М. Аламшоев дар ташаккули филологияи Помир //Масъалаҳои мубрами Помиршиносӣ, 2015. – С.25-30.

[438]http://hl.mailru.su/mcached?q=%20 Институтхои тадкикоти дар ВМКБ

Аз соли 2001 то 2007 дар тамоми муассисаҳои илмии ВМКБ дар аспирантура 369 нафар кормандони илмӣ ва педагогӣ, аз ҷумла 127 нафар занон таҳсил намуданд (ниг. ба замимаи №17)

Аз таҳлили ҷадвал маълум мешавад, ки миқдори аспирантон аз ҳисоби занон назар бар мардон камтар аст ва агар инро бо фоиз ҳисоб кунем пас шумораи занони дар аспирантура дар солҳои хониши 2001-2007, ҳамагӣ 34,4%-ро ташкил мекунад[439].

Дар институти илмҳои гуманитарии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи академик Б. И. Искандаров, Г. Ризвоншоева[440] соли 2006 ва М. Броимшоева соли 2007 рисолаи номзадӣ ҳимоя карданд. А. Абдулназаров[441] соли 2015 рисолаи номзадӣ дар мавзӯи "Жизнь и творчество"дифоъ намуд[442].

Муассисаи дигари илмӣ-тадқиқотии ВМКБ ин **Филиали муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳурииявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ»**[443]**,** расман таҳти унвони "Донишкадаи такмили маълумоти касбии (ДТМК)-и вилоят ба номи Тӯтишо Назришоев"буда, ин муассиса аз соли 1957 фаъолият дорад.

Дар соли 1996 Донишкада ба Маркази методии муаллимон табдил дода шуда, директори он номзади илмҳои педагогӣ Ҷ. Булбулов таъин гардид. Соли 1998 донишкада ба Маркази рушди касбии омӯзгорон (МРКО) табдил ёфт. Бо Қарори раиси ВМКБ аз 29 декабри соли 1999, № 246 аз нав ба Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ (ДТМК)[444] табдил дода шуд ва чун донишкадаи мустақил то соли 2014 фаъолият намуда, сарварии онро номзади илмҳои педагогӣ Ҷ. Булбулов ба ӯҳда доштанд. Аз соли 1996 сар карда кормандони донишкада корҳои илмӣ-тадқиқотӣ бурда, 9 нафар

[439]Худжасаидова, Н. Участие женщин ГБАО в общественно-политической, культурной и экономической жизни Республики Таджикистан (1991-2008гг.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Худжасаидова Низорабегим Хушкадамовна. – Душанбе, 2008. – 22 с.

[440]Ризвоншоева, Г. Н. Волшебные сказки Бадахшана (исследование идейного содержания и образов): Автореф. дисс… канд. филол. наук / Ризвоншоева Гулнисо Нуралишоевна. – Душанбе, 2002. – 24 с.

[441]Абдулназаров, А. А. Сатира в творчестве Н. Шанбезаде / А. А. Абдулназаров // Молодой ученый. – 2012. - №1. – Т.2. – С.9-13; Худжасаидова, Н. Участие женщин ГБАО в общественно-политической, культурной и экономической жизни Республики Таджикистан (1991-2008гг.): Автореф. дисс… канд. истор. наук / Худжасаидова Низорабегим Хушкадамовна. – Душанбе, 2008. – 22 с.

[442]Абдулназаров, А. А. Жизнь и творчество Н. Шанбезода / А. А. Абдулназаров. – Душанбе, 2015. – 148 с.

[443]Минбаъд ФДҶТИБКСМ.

кормандони Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ номзади илмҳои педагогӣ гардиданд. Соли 2014 директори муассиса Ҷ. Булбулов рисолаи докторӣ ҳимоя намуд. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2014, таҳти рақами № 345 Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ ба Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи Ҷумҳурииявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ» (минбаъд ФДҶТИБКСМ) табдил дода шуд ва директори он аз моҳи январи соли 2015 номзади илмҳои фалсафа, Ғ. Ғарибшоев таъйин гардид. Алъон дар филиал 59 нафар фаъолият доранд[445].

Солҳои 1996-1998 кормандони ин муассиса тавонистанд то курсҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони вилоятро эҳё намоянд. Дар солҳои 1999-2000 ба компютеркунонии донишкада ва ҳамкорӣ бо маблағгузорони байналхалқӣ ва дигар маблағгузорон шурӯъ намуданд.

Дар солҳои 2001-2005 кормандони ин муассиса корҳои зеринро анҷом доданд:

- рушди маҳорати касбии кормандони Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ дар ҳудуд ва берун аз Тоҷикистон.

- амалигардонии «Барномаи рушди маълумоти ибтидоӣ дар Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон, водии Рашт ва шаҳру ноҳияҳои ВМКБ;

- тавассути Барномаи рушди маълумоти ибтидоӣ дар Тоҷикистон кушодани марказҳои маводи таълимӣ дар 51 мактаби ВМКБ, водии Рашт ва Хатлон;

- пайваст гардидани Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ ба шабакаи умумиҷаҳонии «Интернет»;

- имзои созишнома байни Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ доир ба маблағгузории мунтазам барои рушди соҳаи маориф;

---

[444]Минбаъд ДТМК

[445]**Муф. дар ин бора ниг.:** Филиали МДДҶТИБКСМ дар шаҳри Хоруғи ВМКБ // http://hl.mailru.su/mcached?q=Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ&qurl=http

-давом ёфтани рушди кормандони Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ дар мамолики хориҷи кишвар: Русия, Покистон, Британияи Кабир ва дигар давлатҳои ҷаҳон;

- ба қайдгирии нашрияи «Раҳнамои омӯзгор» бо номи «Мунис» дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо унвонҳои магистрӣ сазовор шудани ду корманди Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ дар Донишкадаи рушди маорифи назди Донишгоҳи Оғохони Қарочии Покистон.

Дар солҳои 2006-2011 иҷрои чунин корҳо ба нақша гирифта шуд:

1. Таҳия ва оғози амалигардонии барномаи дурнамои 6 солаи Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ барои рушди сифати таълим дар мактабҳои ВМКБ.

2. Оғози фаъолиятҳо дар Афғонистон дар ҳамкорӣ бо барномаи Маорифи Хазинаи Оғохон барои рушди сифати таълиму тарбия дар вилоятҳои Бадахшон, Бағлон ва Бомиёни Ҷумҳурии исломии Афғонистон.

3. Таъсиси махзани электронии маълумотҳои омории ҳамаи мактабҳои ВМКБ дар ТМК.

4. Бо унвонҳои магистрӣ сазовор шудани ду кормандони Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ дар Донишкадаи Брэдфорди давлати Англия.

5. Кушода шудани аввалин Марказҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ дар ноҳияҳои гуногуни ВМКБ дар доираи Барномаи «Рушди тарбияи томактабӣ».

6. Оғози ҳамкории Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ бо барномаи Юнисеф дар самти барномаи «Рушди тарбияи томактабӣ» ба кушодани марказҳои нахустин дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлони кишвар.

7. Таҳияи китобҳои дарсӣ оид ба математика ва забони модарӣ барои синфҳои ибтидоӣ аз тарафи кормандони Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ.

8. Ташкили ҳамкорӣ бо Барномаи ҷонибдории Олмон дар Тоҷикистон.

9. Бори аввал дар заминаи Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ гузарондани олимпиадаи байналхалқии фосилавӣ ва ба кишвари Туркия сафарбар намудани хонандагони мактабҳои ВМКБ ғолибониин озмун.

10. Дар заминаи Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ таъсис ёфтани Маркази «Рушди истеъдодҳо»[446].

Дар соли 2014 чунин корҳо дар Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ иҷро шуданд:

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2014, таҳти рақами №345 ба Филиали «Донишкадаи ҷумҳурииявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ» (минбаъд ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ) табдил дода шудани Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ;

- табдил додани сохтори бахшҳо ба кафедраҳо ва шуъбаҳо: кафедраи таълими фанни дар синфҳои ибтидоӣ ва муассисаҳои томактабӣ ва идоракунии маориф, таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ, шуъбаи таълим ва мониторинг;

- барқарор намудани ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Хоруғ ва аз курсҳои ихтисос гузаронидани устодони ин донишгоҳ.

- равнақ бахшидани ҳамкорӣ бо Барномаи рушди маорифи Хазинаи Оғохон ва Барномаи Ҷонибдории Олмон дар Тоҷикистон.

Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ чунин Барномаҳоро амалӣ карда истодааст:

Барномаи “Рушди ҳаматарафаи мактаб,” ки қисматҳои зеринро дарбар мегирад:

- дар Бадахшон – ҳамаи ноҳияҳо;

- дар Хатлон – н. Муъминобод, н. Ховалинг, н. Шӯробод;

- менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф;

- идоракунии молиявӣ дар мактаб;

---

[446]Филиали МДДҶТИБКСМ дар шаҳри Хоруғи ВМКБ // http://hl.mailru.su/mcached?q=Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ&qurl=http

- истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ;

-таълими ҳамгиро ва тафаккури интиқодӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ;

- марказҳои маводи таълимӣ дар мактаб.

- омӯзиш тавассути тадқиқот;

- шӯроҳои худидоракунии хонандагон дар ноҳияҳои тобеи марказ – н. Нуробод, н. Тоҷикобод, н. Рашт ва ш. Роғун.[447]

- барномаи инкишофи кӯдакони синни томактабӣ дар вилояти Суғд: н. Бобоҷон Ғафуров, н. Деваштич, ш. Исфара, н. Исмоили Сомонӣ, дар ноҳияҳои тобеи марказ – н. Рашт, дар Хатлон – ш. Кӯлоб, дар ҳамаи ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон н. Муъминобод, н. Шӯрообод, н. Ховалинг ва ноҳияҳои тобеи марказ;

Барномаи "Таълими тандурустӣ";

Соли 1997 дар назди Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ варақаи информатсионӣ-методӣ «Роҳнамо», ташкил шуда, баъдтар он номи «Мунис» ва аз моҳи январи соли 2008 ба маҷаллаи илмии «Роҳнамои омӯзгор» табдил дода шуд. Дар соли 2008 Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ ба шабакаи Интернет пайваст карда шуда, аз моҳи январи соли 2002 сайти худро дар Интернет кушоданд.[448]

Ҳанӯз дар соли 2007 ташкилоти ҷамъиятӣ аз байни муаллимони пешқадами ВМКБ бо номи «Падида» ташкил шуда буд. Онҳо мақолаҳои илмӣ-методиро муҳокима, тавсияномаҳо ва китобҳои дарсиро тартиб дода буданд. Аз ҷумла, китобҳои дарсӣ чун: «Таърихи халқи тоҷик», барои синфи 6, (ба забони қирғизӣ), «Технологияи информатсионӣ» барои синфи 10 тартиб дода шуданд ва онҳо бо қарори Коллегияи Вазорати Маорифи ҶТ тасдиқ ва ба мактабҳои ҷумҳурӣ тавсия шуданд.[449]

---

[447]Филиали МДДҶТИБКСМ дар шаҳри Хоруғи ВМКБ // http://hl.mailru.su/mcached?q=Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ&qurl=http

[448]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиқлолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории ҳукумати ВМКБ. – С.21.

[449]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиқлолият. 20 майи соли 2011. – С.12.

Бори аввал дар замони истиқлолият олимони Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ муаллифони китобҳои дарсӣ барои тамоми ҷумҳурӣ гардиданд. Масалан, дар соли 2015 китоби математикаро ба ёрии муаллимон корманди шуъбаи маорифи н. Рошткалъа К. Фрайдонов навишт, ки он барои мактабҳои миёнаи ҷумҳурӣ тавсия карда шуд.[450] Ба ёрии муаллимон ва роҳбарони мактабҳои вилоят тавсияномаҳои тартибдодаи кормандони Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ нақши калон дошта, дар ин ҷода метавон "Роли муаллими мактаб дар инкишофи маҳорати тадқиқотии талабагон" (тартибдиҳандагон: Б.Бурҳонов, Б.Зоолшоева), "Санҷиши тестӣ дар дарсҳои забони русӣ" (тартибдиҳанда А. Хушназаров), "Номгӯи фармонҳои директори мактаб" ва ғайраҳоро ном бурд.

Барои инкишофи корҳои эҷодӣ дар ВМКБ аз соли 2010 дар назди Донишкадаи такмили маълумоти касбии вилоят "Академияи хурди мактаббачагони ВМКБ"ташкил шуда, командаи яккачини вилоят дар соли 2010 дар конференсияи илмӣ-амалӣ дар ш. Душанбе ҷойи дуюмро ишғол карда буд.[451] Аз 20 то 26 майи соли 2014-ум 60 аъзои "Академияи хурд" аз байни хонандагони МТУМ-и ВМКБ дар конфронси ҷумҳуриявии мактаббачагон дар ш. Душанбе ширкат варзида, аз онҳо 8 нафарашон бо дипломи дараҷаи аввал, 8 нафар бо дипломи дараҷаи дуюм, 2 нафарашон бо дипломи дараҷаи сеюм мушарраф гардиданд. Рисолаҳои дипломии 40 донишҷӯ мубрам эълон шуда,  16 иштирокчии он бошанд аъзои доимии Академияи Хурд ва 24 нафарашон бошанд узви вобастаи Академияи Хурд интихоб шуданд. Дар маҷмӯъ командаи яккачини ВМКБ дар ҷумҳурӣ ҷои якумро ишғол кард.[452] Дар соли 2015 толибаи мактаби миёнаи №5 н. Ванҷ Сабоҳати Ҳайдар дар конфронси талабагони боистеъдод иштирок карда, дар

[450]Фрайдонов, К. Самостоятельные работы и тесты по математики / К. Фрайдонов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – Ч.1.; Ҳисоботи шуъбаи маорифи н. Роштқалъа дар шаш моҳи соли 2015. – С.15.
[451]Фаъолияти мухтасари маорифи ВМКБ дар 20 соли истиклолият. 20 майи соли 2011 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.15.
[452]Ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2014. 20 декабри соли 2014 № 481 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.5, 10.

натиҷа аъзои “Академияи хурд”-и кӯдакони боистедод гардид[453]. Дар соли 2018 “ Академияи Хурд”-и ВМКБ дорои 540 аъзо буд[454].

Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ бо ташкилотҳои байналмилалӣ низ ҳамкорӣ дорад. Чунончӣ Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ бо Лоиҳаи маълумоти босифати маориф (USAID, QLP) аз соли 2008 (аз оғози ислоҳоти маориф дар ҶТ, то имрӯзро дар бар мегирад). Дар ба амал татбиқ намудани модули мазкур кормандони Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ Ш. Хоников ва Г. Қурбонов машғулиятҳоро бо директорони мактабҳои миёнаи ш. Бохтар, ш. Кӯлоб, ш. Ваҳдат, ш. Исфара, н. Сарбанд, н. Вахш, н. Ашт, н. Варзоб ва ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душанбе доир карда буданд. Тибқи лоиҳаи таълими сифатии Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ бо муаллимони синфҳои ибтидоии ноҳияи Ашти вилояти Суғд семинари 6 рӯза аз 10 то 15 январи соли 2011 доир шуда буд.[455] Дар соли 2011 тибқи нақшаи “Лоиҳаи таълими сифатнок” аз 16 то18 май Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ барои расонидани ёри методӣ ба мактабҳои такягоҳии ноҳияҳои Вахш, Кулоб, Бохтар ва Исфара рафта буданд[456].

Дар моҳи июни соли 2011 институти «Ҷамъияти Кушод” дар назди Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ семинарҳои омӯзиширо ташкил карда буд. Дар ин семинарҳо машғулиятҳоро машваратчиёни байналхалқӣ аз Anglia Assessment Ltd Consultants – А.Забулионис, К.Бределис и Э.Баконис оиди “Тарз ва усулҳои тартиб додани тестҳои таълимӣ”-ро гузаронида буданд. [457]

Аз 13 то 15 марти соли 2014 дар ш. Торонтои Канада конференцияи ҳарсолаи 58-ум аз рӯи мавзӯи «Ҷамъияти байналхалқии маълумот ва муқоиса» доир шуда, дар он директори Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ, доктори илмҳои педагогӣ Ҷ. Булбулов бо ҳамкории профессори Университети

---

[453]Ҳисоботи шуъбаи маорифи н. Ванҷ дар шаш моҳи соли 2015 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – Л.3.
[454]Ҳисоботи солонаи маорифи ВМКБ ба ҳолати 5 декабри соли 2018 // Бойгонии ҷории Ҳукумати ВМКБ. – С.7.
[455]Ҳисоботи Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ дар нӯҳмоҳаи соли 2011. – С.15-16.
[456]Ҳисоботи Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ дар нӯҳмоҳаи соли 2011. – С.17.

Торонто С. Ниёзов якҷоя дар мавзӯи “Навсозии маълумоти Осиёи Марказӣ барои ҳалли зарурияти маълумот баъди сохти шӯравӣ: Таҷрибаи Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ” баромад карданд. [458]

17 августи соли 2011 дар вақти ташрифи навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ВМКБ, ки он ба 20 солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад, Президенти кишвар муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон бинои нави ҳозиразамони Донишкадаи такмили маълумоти касбӣ, бо синфхонаҳои нави барҳаво барои гузаронидани курсҳои такмили ихтисоси муаллимон, семинарҳо, машваратҳо, зали хониш бо 7 адад компютери бо шабакаи интернет пайвастшуда ва дорои китобхонаи электронӣ ба истифода дода шуданд.[459]

**Барои хариди китобњо** дар соли 2017 тибќи маълумотњои оморї дар љумњурї 336874 сомонї, аз ин дар ВМКБ 78732 сомонї (сарфи маблаѓ дар ноњияњои Дарвоз - 1800 сомонї, Рўшон - 8730 сомонї, Шуѓнон - 8000 сомонї, Рошќалъа - 2708 сомонї, Ишкошим - 6532 сомонї, Мурѓоб - 4200 сомонї, Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи А. Рўдакї - 2965 сомонї, Китобхонаи бачагонаи вилоятї - 12000 сомонї) маблаѓ људо гардида аст[460].

Аз 4 то 13 апрели соли 2011 гурӯҳи мутахассисон аз фонди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) ҳамроҳи П. Абдуваҳобов – мутахассис оиди таълими кӯдакони синни томактабӣ ва К. Карамалиев- мутахассис аз ВМКБ оиди мониторинги берунӣ аз Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ боздид ба амал оварданд. Онҳо фаъолияти ташкилоти МИКСТ,[461] ки бо ёрии техники ЮНИСЕФ дар соли 2010 ташкил шуда буд, санҷида баромаданд. Онҳо инчунин мониторинги ҳамаи 5 маркази МИКСТ дар н. Шуғнонро санҷида баромаданд. Дар машварат ҷамъбастӣ П. Абдуваҳобов ба мутахассисони Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ барои кори муваффақиятноки марказҳо изҳори миннатдорӣ карданд. Бахусус ба он кас

[457]Дар ҳамон ҷо. – С.18.
[458]Ҳисоботи солонаи Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ дар соли 2014. – С.7.
[459]Ҳисоботи ДТМК-и ВМКБ дар нуҳ моҳи соли 2011. – С.26.
[460] Бойгонии ВФ ЉТ. Натиљањои љамъбасти фаъолияти Вазорат дар соли 2017 ва самтњои афзалиятноки пешбурди соњањои фарњангу санъат ва табъу нашр дар соли 2018. – С. 14-15.

кори мӯътадилу хуб бо кӯдакон ва аз ҳама бештар фаъолнокии кӯдакони ин марказҳо хеле писанд омада буд. Аз ин сабаб он кас изҳор намуданд, ки дар асоси ин ҷиҳатҳои мусбӣ ЮНИСЕФ дар нақша боз кушодани чунин марказҳои нави МИКСТ дар ҷумҳурӣ то 50 адад ва аз ҷумла 10 тои нави онҳоро дар ВМКБ ба нақша ворид хоҳад кард.[462]

Аз 4 то 5 апрели соли 2011 корманди Фонди Оғохон дар ш. Женева Ҷ. Мускин аз Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ боздид ба амал овард. Он кас бо пешравиҳои Донишкада асосан дар синфҳо поёнӣ ва болоӣ ошно шуданд. Дар муддати ду рӯз аз мактабҳои вилоят боздид ба амал оварда, дар дарсҳои алоҳидаи муаллимон иштирок карда, бо роҳбарони мактабҳо ҳамсӯҳбат шуда, аз муваффақият, душвориҳо ва дурнамои он воқиф шуда, дар охир ҷаноби Ҷ. Мускин ваъда дод, ки бо ёрии AKF дар сохтани нақшаи нави панҷсолаи инкишофи мактабҳои вилоят масъалаҳои муҳимро ворид хоҳад кард.

Аз 16 то 26 майи соли 2011 роҳбари Фонди Маорифи АКФ дар ш. Женева хонум К. Арнольд аз ВМКБ боздид ба амал овард. Он кас бо кори мактабҳои миёнаи ш. Хоруғ ошно шуда, бештар ба барномаи нави Фонди Оғо-хон “Инкишофи кӯдакони синну соли томактабӣ” диққат дод.[463] Дар авали моҳи июни соли 2011, корманди Барномаи Кооператсияи Германия дар соҳаи инкишофи маориф дар Тоҷикистон Р. Горовой ва Ю.Мунзерт аз Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ боздид ба амал оварданд. Мақсади асосии эшон аз он иборат буд, ки ҳамкории минбаъда байни Барномаи Германия дар Тоҷикистон (GTZ) – ро дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ, гузаронидани семинарҳо оиди касбинтихобкунӣ дар Тоҷикистон ва ғайраро тарҳрезӣ кунанд.

Аз 16 то 20-уми июни соли 2011 бо ташаббуси Лоиҳаи таълими сифатнок дар Тоҷикистон (USAID) дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва Академияи таълими ҶТ дар Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ

---

[461]Маркази инкишофи кӯдакони синни томактабӣ
[462]Ҳисоботи Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ дар нӯҳ мохи соли 2011. – С.27.
[463]Дар ҳамон ҷо. – С.27.

семинар дар д. Гармчашмаи н. Ишкошим доир шуд. Дар кори семинар кормандони марказҳои таълимӣ-методӣ, олимони машҳур аз шаҳр ва вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ омада буданд. Дар семинар мавзӯи муҳим «Азнавсозии барномаи такмили ихтисоси муаллимони ҶТ” муҳокима карда шуда буд. Дар давоми семинар аъзоён тавонистанд, барномаи намунавии баланд бардоштани ихтисоси касбии муаллимонро дар ҷумҳурӣ тартиб диҳанд. Дар кори семинар Президенти Академияи маълумоти ҷумҳурӣ Ирина Холова иштирок ва баромад карданд. [464]

Ҳамин тавр, дар ВМКБ се муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ: Институтти биологии Помир ба номи Х. Юсуфбеков, Институти илмҳои гуманитарӣ ба номи Б. Искандаров ва Донишкадаи такмили маълумоти касбии ба номи Т. Назришоев вуҷуд дошта, дар инкишофи илмҳои табии ва ҷҷомеашиносии Тоҷикистон ҳиссаи сазовор доранд. Баробари ин бояд зикр намуд, ки ҳамаи муассисаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пажӯҳишҳои худ ба ВМКБ алоқамандии зич доранд. Зеро, ки ВМКБ худ як пойгоҳи табиӣ ва гуманитарии илми муосир ба ҳисоб меравад. Густариши илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе ВМКБ тасаввур кардан мумкин нест. Дастоварди ҳамаи соҳаҳои илми муосир ҳам аз лиҳози илмҳои табиатшиносӣ ва ҳам ҷомеашиносӣ дар шароити бу худ хоси ВМКБ санҷида мешаванд.

Бинобар ин, иқлим табиат, ҷуғрофия, захираҳои обӣ ва зеризаминӣ, муҳити зисти инсон, таърих, санъат, забон, адабиёт афкори ҷамъиятии ВМКБ мавриди таҳқиқи илмии олимон қарор дошт ва минбаъд низ дар ин ҷода нақши калидӣ хоҳад бозид.

---

[464]Ҳисоботи ДТМК ВМКБ дар нӯҳ моҳи соли 2011. – С.28-29.

# ХУЛОСА

Фарҳанги инсоният қисми таркибии таърихи тамаддун ба ҳисоб меравад. Дар тули қарнҳо миллати тоҷик ба фарҳанги умумиҷаҳонӣ ҳиссаи боризи худро ворид намудааст, ки он ҷабҳаи ҷудонашавандаи мероси моддӣ ва маънавии умумиҷаҳонӣ мансуб дониста шудааст.

Маҳз ин мероси ғанӣ ва куҳани тоҷикон имкон додааст, ки дар раванди печутоби таърихи худ он ҳамчун мардуми созанда, накӯкор, таммадунофар ва таҳаммулгар шӯҳрат пайдо намояд. Маҳз маънавиёти инсондӯстона ва маорифпарвари тоҷикон дар замони ҷаҳонишавӣ имкон медиҳад, ки худро аз таъсири манфии он, аз таъсири тамоилҳо, ки халқу миллатҳои кучакро метавонад ба нестӣ барад, эмин нигоҳ дорад ва сӯи ояндаи дурахшони соҳибистиқлолӣ равона созад.

Бесабаб нест, ки муҳаққиқони варзида ба таҳқиқ ва омӯзиши паҳлуҳои мухталифи таърихи фарҳанги тоҷикон диққати худро ҷалб менамоянд. Суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Фарҳанг ҳастии миллат” шиори ҳар як тоҷик ва тоҷикистонӣ гардидааст. Тамоил ва раванди тозабунёди ҳаёти фарҳангии миллати тоҷик маҳз аз ноил гардидан ба истиқлолияти давлатии Тоҷикистон оғоз гардидааст. Тоҷикон имкон пайдо намуданд, ки мероси фарҳангии ниёгонро самаранок истифода бурда, бо дарназардошти комёбиҳои мусбати фарҳанги умумибашарӣ инкишофи Ватани худро ҳамаҷониба таъмин намоянд.

Таърихи фоҷиаовори ибтидои солҳои 90 – уми асри XX ва раҳоии миллат аз ин ҳолати тақдирсози таърихӣ, боз як гувоҳест, ки маҳз халқи соҳибфарҳанг, таммадунофар, дорои хиради таърихӣ ва генофонди бо нерӯ метавонад ин мушкилиҳоро паси сар намоянд ва Пешвои муаззами худро аз байни ҳазорон абармардон пайдо намояд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки яке аз вазифаҳои олимон аз он иборат аст, ки паҳлӯҳои мухталифи ҷомеаи тоҷик ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ

ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба, аз паҳлӯҳои гуногуни назари илмӣ ва ҳамаи соҳаҳои илми ҷомеашиносӣ таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирад.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи гузашта ваояндаи миллати тоҷик нақши калидӣ дошт ва дорад. Таҳлили илмии таърихи ҳаёти фарҳангии ВМКБ имкон медиҳад, ки бурду бохти ҷомеаи тоҷик дар тӯли соҳибистиқлолӣ ва вазифаҳои он дарояндаи наздик ва дур муайян карда шавад.

Аз пажӯҳиши ба сомон расонидашудаи мазкур чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст.

Фарҳанги аҳолии ВМКБ ҳамчун қисми таркибии маънавиёт ва моддиёти мардуми ориётабор таърихи куҳан, ғанӣ ба худ хос ва ягонаи умумимиллии тоҷиконаро доро мебошад.

Дар замони тоисломии таммадуни ориёӣ дину мазҳабҳои ҷаҳонӣ зардуштпарастӣ, буддоӣ, моноӣ ва ғайра ба маънавиёти он таъсири боризе гузоштааст. Вобаста ба муҳити ҷуғрофӣ, обу ҳаво, масоили мушкилгузари роҳҳо дар вилоят забонҳои гуногуни қадимаи тоҷикон боқӣ мондаанд, ки бо ақидаи олимони забоншинос ба гурӯҳи забонҳои қадимаи тоҷикӣ-форсӣ шомиланд.

Муҳити табиии зист ба тарзи ҳаёти истеҳсолии ахолии вилоят таъсири худро расонидааст. Вобаста ба ин хусусиятҳои хоси кишоварзӣ, ҳунармандӣ, санъати меъморӣ, анъанаҳои мардумии тоҷикӣ, ҳамчун тамоили фарҳанги моддӣ ва маънавии тоҷикони Бадахшон инкишоф ёфтааст.

Дар таърихи қарни XIX аҳолии Бадахшон саҳифаҳои мудҳиш ва фоҷиаворро аз сар гузаронидааст, ки он бо ҳамроҳшавии Помир ба ҳайати императории Русия анҷомида ба тақдириояндаи таърихии минтақа таъсири худро расонидааст.

Пас аз таъсиси ҶМШС, Тоҷикистон ва дар ҳайати он таъсис ёфтани ВМКБ омӯзиши ҳамаҷонибаи илмӣ, таҳавулотҳои куллии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар минтақа оғоз гардиданд.

Ин раванд ба тайғироти куллии ҳаёти мардуми Бадахшон ва симои зоҳирии он оварда расонид.

Оғози мунокишаи шаҳрвандӣ, мутташанич гардидани вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳавулоти сохти моликиятдорӣ, тарзи истеҳсолии ҳаёти мардуми Тоҷикистон, минтақаҳои он, аз ҷумла ВМКБ – ро коста намуд.

Ин мушкилиҳои таърихӣ тавассути кӯшишу ғайрат ва ҷонбозиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон паси сар шуданд.

Рушду нумӯи минбаъдаи ҳаёти фарҳангии Бадахшони Тоҷикистон дар шароити нав, талошҳо, мақсад ва вазифаҳои умдаи навро ба миён гузошт.

Чорабиниҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иҷроиши дастуру супоришҳои ӯ ба он овард, ки нофаҳмиҳо ва гуногунақидагӣ дар таффакури ҷомеъа оиди ваҳдат ва ягонагии миллӣ, якпорчагии Ватан, волоияти Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи Тоҷикистон паси сар шудаанд. Миллати тоҷик ва аҳолии минтақаҳои он аз бӯҳрони сиёсӣ ва маҳалгароӣ раҳоӣ ёфтаанд. Дар дастранҷ гардидан ба ин ҳадаф накши соҳаҳои мухталифи фарҳанг, санъат, адабиёт, илм назаррас мебошад.

Маблағгузорӣ, дастгирии соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пойдевори маънавиёти миллат, яъне мактабу маорифи ВМКБ-ро ба зинаи нави инкишофи худ оварда расонид.

Таъсиси квотаҳои Президентӣ баҳри таҳсили ҷавонони минтақаҳои кишвар, аз ҷумла ВМКБ – ин худ муносибати пайгиронаи Пешвои миллат ба ҳалли масоили болоравии сатҳи маърифатии милати тоҷик ба ҳисоб меравад. Маҳз ин иқдоми Пешвои миллат имкон дод, ки масоили таъмини кадрии ВМКБ ҷиддан ҳалли худро ёбад. Занон ва ҷавондухтарони минтақаҳои гуногуни вилоят ба орзуи чандинасраи волидайни худ, оид ба дастранҷ шудан ба маълумоти олӣ расиданд.

Соли 2017 19 нафар зодагони ВМКБ муассисаҳои таълимии олию миёнаи махсуси соҳаро хатм намуда, ба кор қабул гардиданд. Аз ҷумла, ноҳияҳои Дарвоз 2 нафар, Ванҷ 1 нафар, Рӯшон 4 нафар, Шуғнон 3 нафар, Ишкошим 2 нафар, Роштқалъа 2 нафар, Мурғоб 2 нафар, шаҳри Хоруғ 1 нафар, ансамбли «Навои Бадахшон» 1 нафар, театри вилоятї 1 нафар мебошанд. Ба макотиби олї ва миёнаи махсус аз ҳисоби ҷавонони лаёқатманди вилоят 25 нафар дохил шуданд. Аз ҷумла, аз ноҳияҳои Дарвоз 3 нафар, Ванҷ 2 нафар, Рӯшон 6 нафар, Шуғнон 4 нафар, Роштқалъа 6 нафар, Мурғоб 2 нафар, шаҳри Хоруғ 2 нафар[465].

Кабул ва ворид намудани барномаҳои нави таълимӣ, китобҳои дарсӣ, таъмини раванди таълим бо техника ва технологияи замонавӣ мустаҳкамкунии базаи моддӣ-техникии мактабу омӯзишгоҳ, тарбияи корҳои баландихтисоси омӯзгорӣ дар шароити иқтисоди базаргонӣ натиҷаҳои неки худро доданд.

Ҳамин тавр, ҳаёти мадании ВМКБ-ро дар солҳои 1991-2016 таҳлилу баррассӣ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакатро бӯҳрони амиқ фаро гирифт. Сарфи назар аз муқовимати сахти дохилӣ Ҳукумати Тоҷикистон баъди дарёфти истиқлолияти сиёсӣ барои беҳбуди ҳаёти мадании вилоят тамоми чораҳои заруриро равона намуд.

**Аввалан,** аз буҷа ҷудо кардани маблағи калон барои сохтмони иншоотҳои нави ҳозиразамони маданӣ дар вилоят;

**Дуюм,** баланд бардоштани квалификатсияи кормандони соҳаи маданияти вилоят дар дохил ва хориҷи кишвар;

**Сеюм,** дар Донишгоҳҳои олии кишвар тайёр намудани мутахассисони ҷавони баландихтисос барои муассисаҳои илмӣ-мадании вилоят;

---

465 Бойгонии ВФ ҶТ. Натиҷаҳои ҷамъбасти фаъолияти Вазорат дар соли 2017 ва самтҳои афзалиятноки пешбурди соҳаҳои фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2018. –С.

**Чорум,** диққати ҷиддӣ додани Ҳукумати кишвар ба соҳаи варзиш, сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумии вилоят.

1. Дар ибтидои солҳои 90 – уми асри ХХ на танҳо фарҳанг, балки якпорчагии миллат ва ҳастии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон зери хатари азбайнравӣ қарор дошт.

2. Ҷонбозиҳои қаҳрамононаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба фарҳанги маънавӣ ва моддии куҳани миллати тоҷик имкон дод, ки миллати тоҷик аз ин бӯҳрони таърихӣ раҳо ёбад ва роҳи бунёдкоронаи рушду нумӯи ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти ҷомеъаро дрёб кунад.

3. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзи аввали ба сари роҳбарии давлати тозабунёди Точикистон омаданаш ҳаргиз масоили ҳаёти фарҳангии миллатро аз мадди назар дур накардааст. Вобаста аз шароитҳои объективӣ ва субъективӣ бахри инкишофи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти фарҳангӣ диққати хоса зоҳир менамояд.

4. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар нақшаҳои Пешвои муаззами миллат мавқеи махсус ишғол намуда, бо назардошти шароитҳои ҷуғрофӣ, иқлимӣ, таърихӣ ва стратегии вилоят роҳҳои ба худ хоси ҳаллу фасли масоили ҳаёти фарҳангии аҳолиро пайгирӣ намудааст.

5. Чорабиниҳои пайгиронаи Роҳбари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани сатҳи маорифи аҳолии вилоят натиҷаҳои хуби дилхоҳ доданд. Мустаҳкамкунии базаи моддӣ-техникии соҳаи маорифи вилоят, тарбияи муаллимони баландсавия, ҷалби хатмкунандагони мактабҳои миёна ба таҳсили касбии олӣ – сиёсати ҳамарӯза ва дурнамои Пешвои муаззами миллат нисбати ҷавонони ВМКБ ба ҳисоб меравад.

6. Таҳрезӣ ва қабули нақшаҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷабҳаи аз бумбасти комуникатсионӣ раҳоӣ намудани минтақаҳои мамлакат, пеш аз ҳама ба рушди ҳаёти фарҳангии ВМКБ таъсири мусбат расонида

истодааст. Густариши алоқаи нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ, кушодани гузаргоҳҳои сарҳадӣ ба ЧХШС, рушди алоқаи телефонӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии вилоят дигаргуниҳои назаррас ворид намудааст.

7. Амалӣ намудани мароми стратегии таъминоти истиқлолияти энергетикӣ ба он оварда расонд, ки дар ҳудуди ВМКБ якчанд неругоҳҳи хурди барқии обӣ, аз ҷумла НБО-и "Тоҷикистон" дар ноҳияи Мурғоб, ва дар ш. Хоруғ сохта ба истифода дода шуданд. Масъалаи таъминоти аҳолӣ бо барқ қуллаи ҳаллу фасли худро ёфта истодааст, ки пеш аз ҳама ба сифат ва сатҳи соҳаи маориф, тандурустӣ, илм ва муассисаҳои ВАО ва иҷтимоиёт таъсири мусбат расонидааст.

8. Пайгирӣ мақсади стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намудааст, ин таъмини амнияти озукаворӣ ва табдил додани Тоҷикистон аз давлатӣ аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ ба ҳисоб меравад. Расидан ба ин мақсад, пеш аз ҳама ба вазъи соҳаи илм, технологияи муосири истеҳсолӣ, тарбияи мутахассисони балндсавияи дорои маълумоти олӣ, кадрҳои коргарӣ аз ҳисоби ҷавонон, таъминоти сатҳи баланд, фарҳанги тандурустӣ, рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонии маишӣ алоқамандии бевосита дорад. Аз ин бармеояд, ки ҳаёти фарҳангӣ метавонад ва бояд ба раванди инкишофи паҳлӯҳои ҳаёти иқтисодӣ таъсири бориз гузорад. Дарки ин масъала зиёйён ва роҳбарони ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро водор менамояд, ки ба соҳаи фарҳанг, илм ва санъат ҳамчун асоси ҳаёти ҷомеъа муносибат намоянд. Ояндаи рушди ҳаёти иқтисодӣ ва нерӯи стратегӣ, амнияти давлатӣ маҳз аз сатҳ ва вазъи соҳаҳои маориф, илм, тандурустӣ, фарҳанг маншаъ мегирад.

9. Бо ташабус ва ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи рушди инфрасохтори сайёҳӣ корҳои зиёде, ба сомон расонида шудааст. Таъмиру тармими роҳҳои дохилии вилоят, сохтмони биноҳои ҳозиразамони меҳмонхона, осоишгоҳҳо, иншоотҳои варзишӣ

суръати тоза гирифтааст. Дар ҳолати ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва шаҳрвандони ба нангу номуси кишварамон имкониятҳои бузурги ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва ватанӣ ба ВМКБ афзун мешавад. Махсусан рушди соҳаи табобатӣ, истифода аз садҳо гармчашмаҳои шифобахш метавонад, буҷаи давлат ва вилоятро якчанд маротиба зиёд намояд. Баробари ин имкониятҳои пайдоиши ҷойҳои иловагии кории доимӣ ва мавсимӣ ба вуҷуд хоҳад омад.

10. Рушди ҳаёти фарҳангии ВМКБ чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд ба сатҳи забондонии аҳолӣ ва хусусан ҷавонон вобастагии калон дорад. Забондонии соҳаҳои хизматрасонӣ (пешхидматҳо, кормандони меҳмонхонаҳо, роҳбаладони сайёҳон ва ҳатто кормандони ҳифзи ҳуқуқ) омили асосии болоравии эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла ВМКБ хоҳад шуд.

Аз ин рӯ, мебояд, соҳаи маорифи вилоят ба ин масъала диққати аввалиндараҷа дода, ҳамаи имкониятҳои мавҷударо самаранок истифода барад.

- 11. Яке аз ҷабҳаи истифода намудаи таҷрибаи соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, ин таъсиси дастгоҳҳои оилавии хизматрасонии сайёҳон мебошад. Дар мамолики шарқу ҷанубии Осиё ин гуна намуди хизматрасонӣ ба монанди намоишҳои санъати мусиқӣ-хореографияи мардумӣ пешниҳоди хӯрокҳои миллӣ, барои сайёхон, пешниҳоди аспсаворӣ, уштурсаворӣ ва ғайра, ташкили бозиҳои намоишии варзишӣ ва сиркӣ хеле маъмуланд. Аҳолии вилоят дар ин самт имкониятҳои хело фароғ доранд. Ба Кумитаи ҷавонон ва варзиш ва Кумиати рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зертобеъони сохторҳои вилоятҳо мебоист, ба ин нуқтаи назар диққат диҳанд.

- 12. Рушду нумӯи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ танҳо дар шароити ҳамоҳангии олимони вилоят ба маркази илмии кишвар, Академияи илмҳо ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба зинаи болои инкишофи худ расад. Зеро, ки таҳқиқоте, ки дар ВМКБ ҷараён доранд

аҳамияти умумимиллӣ ва ҷаҳонӣ доранд. Дастовардҳои олимон дар ВМКБ бояд ба манифияти тамоми меҳнаткашони Ватани азизамон самаранок истифода бурда шавад.

Комёбиҳои олимони соҳаи биология, нуҷум, тиб, дорусозӣ, геология, ки дар ВМКБ ба даст даровара шудаанд ва пажӯҳишҳои ҷараёндошта, аҳамияти умумибашарӣ доранд.

- 13. Дастовардҳои варзишгарони ВМКБ дар замони таҳқиқшаванда хело назаррас мебошад. Аммо, то ҳол имкониятҳои инсонӣ ва шароитҳои табиии вилоят самаранок истифода нашудаанд. Махсусан намудҳои варзиши зимистона ба монанди лижаронӣ, лижаи кӯҳнавардӣ ҷаҳидан бо лижа аз трамплин, хоккейи тубӣ (хоккей с мечом) ва ғайра имкониятҳои васеъи рушду нумӯъ доранд. Захираҳои намудҳои тобистонаи варзиш ба монанди гандбол, волейбол, баскетбол, ҷавгонбозӣ (хоккейи болои алаф), ҳамаи намудҳои гуштин, бокс ва варзиши сабук бояд самаранок истифода шавад.

Махсусан ба умки Пешвои муаззами миллат бозии шоҳмот бояд ҳатман аз синфи якум омӯхта шуда, дар ҳар як хонаводаи тоҷик ҷойи махсусро доро бошад. Инкишофи намуди тенниси калон ва рӯимизӣ маблағгузории зиёде талаб намекунад. Танҳо бо дарёфти мураббиёни баландсавия дар ин намуди варзиш метавонад ба музаффариятҳои назаррас ноил гашт.

- 14. Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон-ҷавонони вилоят дар тамоми манотиқи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд. Ин омил дар ривоҷи худшиносии миллии ҷавонон аҳамияти бузург дорад. Дар идомаи ин иқдоми нек мебоист, шумораи ҷавонони вилоятҳои Суғд, Хатлон ва навоҳии тебеъи марказ, ки дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев таҳсил менамоянд, афзоиш меёфт. Ба ин Донишгоҳи давлатӣ олимони марказҳои илмии ҷумҳурӣ ва макотиби олии кишвар баҳри сабақомӯзии донишҷӯёни зиёд мегардиданд. Баробари натиҷаҳои мусбати таълими ин амал дар густариши ваҳдати миллӣ, ягонагӣ ва баландшавии ҳисси меҳандӯстӣ саҳмгузорӣ менамуд.

- 15. Санъати мардумӣ ва театрҳои ВМКБ дар замони таҳқиқшаванда рӯ ба инкишофи худ ниҳодаанд. Дар шароити кунунии маблағгузории давлатии ин соҳа бештар дар раванди инкишофи соҳаҳои сайёҳӣ роҳҳои худмаблағгузориро ҷустуҷӯ менамуд. Мутахассиси ин соҳаи сайёҳӣ, санъати мусиқӣ, театр, кино, осорхонаҳо, варзиш метавонанд ва бояд ҷиддӣ ҷаҳди худро дар ҳамоҳангсозӣ баҳри рушди ин соҳаҳо равона намоянд.

Ҳамин тариқ аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар замони таҳқиқшаванда, ба мушкилиҳои ибтидои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ накарда, ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷумла ВМКБ ба маҷрои рушду нумӯъ ворид гардид. Дар ин ҷода хизмати таърихӣ, хирадмандона, дурнамо ва падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши калидӣ дорад. Маҳз дарки илмӣ ва оқилонаи масоили ҳаёти фарҳангии миллат, ки онро Эмомалӣ Раҳмон пеш бурд, имкон дод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷода ба пешривиҳои назаррас ноил шавад.

Дар ин ҷода миллати тоҷикро мебояд, минбаъд баҳри амалӣ намудани накшаҳои тақдирсоз, таърихӣ ва стратегии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, камари ҳиммат бандад.

# РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО АДАБИЁТИ ИЛМӢ

## Ҳуҷҷатҳои бойгонӣ

### Бойгонии ҷории ҳукумати ВМКБ


1. Бойгонии комитети вилоятии ПК Тоҷикистон Ф.2, О. 14, Ед.Хр.111-202 с. Воспоминанием участников

2. Гузориш оиди фаъолияти грантҳои Президентӣ дар қаламрави вилоят аз соли 2007 то 2017, 2017. – С.1-7.

3. Фаъолияти мухтасари шуъбаи маорифи ВМКБ дар 20 соли истиклолият, 2011. – С.1-23; 20 май.

4. Ҳисобот оид ба фаъолияти Идораи телевизион ва радиои ВМКБ дар се моҳаи аввали соли 2016. – С.1-6.

5. Ҳисобот оид ба фаъолияти кор бо раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ дар нимсолаи аввали соли 2014. – С.1-5.

6. Ҳисобот оид ба фаъолияти раёсати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ дар давоми нӯҳ моҳи соли 2015. – С.2-3.

7. Ҳисобот оиди фаъолият идораи телевизион ва радиои ВМКБ дар 6 моҳи соли 2017. – С.1-7.

8. Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н. Мурғоб дар соли 2013. - №2-39. – С.1-9.

9. Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н. Роштқалъа дар соли 2013. - №2-39. – С.2.

10. Ҳисобот оиди фаъолияти бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н. Шуғнон дар соли 2013. - №38, 39. – С.1-4.

11. Ҳисобот оиди фаъолияти Идораи телевизион ва радиои ВМКБ дар 6 моҳи соли 2018. – С.1-8.

12. Ҳисобот оиди фаъолияти раёсати ҷавонон ва варзиши ВМКБ аз 25 декабря 2013. – С.1-6.

13. Ҳисобот оиди фаъолияти соҳаи сайёҳии Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят дар давоми нӯҳмоҳи соли 2016. – С. 1-13.

14. Ҳисобот оиди фаъолияти Филиали Муассисаи Давлатӣ (Минбаъд ФМД) “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар ш. Хоруғ дар семоҳаи аввали соли 2018. – С.1-3.

15. Ҳисобот оиди фаъолияти ФМД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар ш. Хоруғ дар семоҳаи аввали соли 2017. – С.1-3.

16. Ҳисобот оиди фаъолияти шуъбаи фарҳанги ВМКБ дар соли 2012, 2012. – С.1-19.

17. Ҳисобот оиди фаъолияти шуъбаи фарҳанги ВМКБ дар соли 2013. – С.1-16.

18. Ҳисобот оиди фаъолияти шуъбаи фарҳанги ВМКБ дар соли 2015. – С.1-15.

19. Ҳисоботи бахши кор бо ҷавонон, варзиш, ва сайёҳии ш. Хоруғ дар соли 2013. – С.1-6.

20. Ҳисоботи бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии н.Шуғнон дар соли 2014. - №38. – С.1-14.

